мардони қабилаҳо — ҳамаи ин якҷоя сабаби бевоситаи шӯриш гашт. Соли 1821 ҳукумат дубора ба сарбозӣ одам гирифтанро сар кард. Ин амалиёт хитой-қипчоқҳоро маҷбур сохт, ки ба шӯриши ошкоро бархезанд. Қаракалмоқхон сокини ин маҳал низ ба шӯришчиён ҳамроҳ шуданд. Тамоми тоифаи ноҳияҳои байни Самарканду Каттақурғон ба зери ливои шӯришгарон даромаданд. Шӯришчиён маъмурони амирро ронда, Каттақурғон, Чалак, Янгиқурғон ва ҷойҳои дигарро забт намуданд. Камбағалони ин ҷойҳо ба сафи шӯришгарон дохил шуданд. Аъёну ашроф барои кӯмак ба амир рӯ оварданд. Амир Ҳайдар борҳо кӯшиш намуд, ки қалъаи хитой-қипчоқҳо — Чалакро, ба даст даровардa, шӯришро пахш кунад. Вале кӯшишҳои ӯ чандин сол бе оқибат монданд. Хитой-қипчоқҳо хостанд ба Бухоро зарба зананд, вале ба ин муваффақ нашуданд. Шӯришчиён кӯшиш карданд, ки деҳқонони ноҳияҳои гуногунро ба тарафи худ кашанд. Ин ҳам нашуд.

Дар ҳамин вазъият соли 1825 амир Ҳайдар муҳимтарин нуқтаҳои муқовимати шӯришчиёнро ишғол намуд. Дар пахш кардани шӯриши хитой-қипчоқҳо ба амир ҷосусони инглис, ки он вақт дар Бухоро буданд ва яроки оташфишони барои аҳолии маҳаллӣ номаълумро ба кор бурданд, ёрӣ расонданд.

Соли 1826 шӯриши мардуми Самарқанд рӯй дод, ки он ҳам ба ноком анҷомид.

Дар солҳои 1840-1842 муносибат байни аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд хеле тезу тунд гардид. Амир Насрулло лашкар кашида то қалъаи Маҳрам дохили ҳудуди Хӯқанд гашт. Пойтахти хонӣ зери хавф буд. Муҳаммадалихон барои нигоҳ доштани давлату савлати худ бо амир ба созиш омад. Мувофиқи он Хуҷанд зери итоати аморати Бухоро гузашт. Амир мебоист яксола хироҷи мулки Хӯқандро соҳиб шавад.

Баъд аз ду соли ин воқеа дар Хӯқанд шӯриш ба амал омад. Сардори шӯришчиён Хоҷа Қаландари мисгар буд. Ҳазорон камбағалони шӯришгар бо сардории ин марди шуҷоъ пойтахти мамлакатро ишғол намуданд. Онҳо манзилҳои амалдорони хонро ба хок яксон карданд. Амалдорони низомӣ ва ғайри низомӣ ба гӯшаҳо пинҳон шуданд. Сипас шӯришчиён дарбори хонро иҳота намуданд. Доираҳои ҳукмрон фақат ба макру фиреб ва душвориҳои зиёде тавонистанд, ки ин шӯришро фурӯ нишонанд.

Бародари хони Хӯқанд Султон Маҳмудхон аз тарафи амир ҳокими Хуҷанд таъин шуда буд. Баъд аз ба Бухоро баргаштани амир Насрулло ӯ ба миёнравии модараш Нодира фирефта гашта, бо бародараш Муҳаммадалӣ забон як кард. Хуҷанд аз тасарруфи Бухоро баромада аз нав ба Хӯқанд тобеъ гашт.

Шӯриши халқӣ дар Хуҷанд, хоинии Султон Маҳмудхон нисбат ба амири Бухоро сабаб шуд, ки Насрулло соли 1842 бори дигар лашкар кашида пойтахти хонигарӣ — Хӯқандро ишғол намояд. Муҳаммадалихон, Султон Маҳмудхон, модари онҳо Нодира ва фарзандони хон ба қатл расиданд. Хӯқанд тобеъи Бухоро гашт.

Мансабдори амири Бухоро дар Хӯқанд мардумро маҷбур намуд, ки натанҳо ҳамаи андозҳои дар аморати Бухоро муқарраргардидаро супоранд, балки бар замми ин талаб намуд, ки аз чор як ҳиссаи ҳосилро ба хазинаи давлат бидиҳанд. Мардуми Хӯқанд аз ин худсариҳо ба дод омада буданд. Онҳо бо қабилаи қипчоқ забон як карда, ба сари ҳокимият Шералихонро оварданд. Дар натиҷаи шӯриши халқӣ баъди се моҳи Хӯқандро забт кардан, ҳокимияти амири Бухоро барҳам хӯрд. Сарбозони Бухоро бо амалдоронаш қатл гардиданд. Ҳокими аз тарафи амир таъиншуда роҳи гурезро пеш гирифт.

Муборизаи синфӣ дар ноҳияҳои ҷудогонаи кӯҳистони Помири Ғарбӣ ҳам бо шиддати тамом давом мекард. Дар ибтидои солҳои 60 деҳқонони Шуғнон, Рушон ва Вахон шӯриш бардоштанд, ки ба он Шайхзодаи рушонӣ сардори намуд. Шӯришгарон нишемангоҳи Мири Рушон — Қалъаи Вомарро ба даст даровардaнд. Сипас онҳо ба сӯи қароргоҳи мири Шуғнон Қалъаи Барпанҷ ҳаракат карда, қӯшуни онро торумор намуданд. Тамоми дороии ҳокимон дар байни деҳқонон тақсим карда шуд. Ин шӯриш фақат пас аз он, ки ҳукмрони кулли Бадахшон ба Помири Ғарбӣ қувваи зиёди ҳарбӣ фиристод, шикаст хӯрд.

Чунонс, ки дида мешавад, ошӯбҳои аҳолӣ ҳам дар шаҳру ҳам дар деҳот ба амал меомаданд. Ин ҷунбишҳо ба таври стихиявӣ ва ғайри муташаккил сар мезаданд ва давом мекарданд. Ҳамаи шӯришҳо хусусияти маҳаллӣ доштанд, тамоми хоки давлати хониро фаро намегирифтанд. Мақсадҳои асосии шӯришгарон барҳам додани сӯиистеъмол ва ноинсофиҳои аз ҳад зиёди намояндагони ҳокимияти давлатӣ, аз сари кор дур кардани ҳокимони ҷудогона, беҳтар кардани аҳволи моддӣ ва амсоли инҳо буданд.

## МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ

**Бинокорӣ ва меъморӣ**

Дараҷаи тараққиёти санъати меъмории Осиёи Миёна, алалхусус дар бобати сохтмони биноҳои бошукӯҳ, дар нимаи аввали асри XIX назар ба асрҳои гузашта хеле поён рафт. Бо ҳамин сабаб аз ёдгориҳои ин давра то замони мо камё боқӣ мондаанд. Аз биноҳои боқимонда мадрасаи Халифа Ниёзқул, ки бештар бо номи Чорманор машҳур аст ва силсилаи иморати халифа Худойдод дар Бухоро диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб менамоянд.

Дар Самарқанд якчанд биноҳои калон сохта ва ё сохтмони нимкорамондаи иморатҳои кӯҳна анҷом дода шуданд. Масалан, дар миёнаи асри XIX дар таҳкурсии кӯҳна бинои масҷиди ҳазрати Хизр сохта шуд (намуди ҳозираи бино дар натиҷаи азнавсозии соли 1915 пайдо шудааст).

Дар ҳамин давра дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҳисор, Панҷакент ва дигар шаҳрҳо низ иморатҳои зиёд сохта шуданд. Масалан, масҷиду якчанд мадрасаҳои начандон калон дар Хуҷанд сохта шуда буданд (мадрасаи Шоҳи девонабегӣ ва дигарҳо), қисман масҷиди Шайх Муслиҳиддин, мақбараи

Тӯбхона ва масҷид дар Чорбоғ таъмир ёфтанд. Деворҳои атрофи шаҳри Хуҷанд ва Ӯротеппа тез-тез таъмир мешуданд.

Аз ёдгориҳои меъмории Ӯротеппа бинои мадрасаи Рустамбек қобили қайд аст. Ин бино солҳои 50-ми асри XIX аз тарафи ҳокими ин мулк Рустамбек сохта шуд. Бинои мазкур дуошёна буда, 49 ҳуҷра дошт. Дар ду гӯшаи пеши мадраса ду манор қомат рост карда буд. Пештоқи мадраса бо нораи кошини сурху кабуд ва сафед ороиш дошт. Дар ду тарафи пештоқи мадраса ду ҳайвон тасвир ёфта буд, ки ба паланг ё аспҳои афсонавӣ монандӣ дошт. Аз сохтмонҳои калони онвақтаи Ӯротеппа мадрасаи Намозгоҳ, айвони тиллокорӣ дар пойгаҳи қароргоҳи ҳоким дар болои Муғтеппа, ҳаммом, корвонсарой ва масҷид бино ёфта буданд.

Дар ҳамин давра баъзе иморатҳои Регистони Ҳисор (Мадрасаи Нав), мадрасаи Миролим додхоҳ дар Панҷакент сохта шуданд.

Дар хонии Хӯқанд низ бинокорӣ вусъати зиёде пайдо карда буд. Дар шаҳрҳои ин мамлакат бисёр иморатҳои мӯҳташам, қасрҳо, корвонсарой, ҳаммом, қальаву манораҳо, инчунин масҷиду мадраса ва мақбараҳо сохта шуданд. Аз биноҳои мӯҳташами ин давраи Хӯқанд мақбараи Модари хон ва Дахмаи Шоҳон ҷолибанд. Тақрибан дар як вақт бо ин биноҳо Масҷиди Ҳонақоҳ дар Марғелон ва масҷиди Чинорлик дар Хӯқанд, мақбараи Хоҷамни Қабрӣ дар Намангон ва дигар биноҳо сохта шуданд. Сарфи назар аз баъзе ҷиҳатҳои норасоғии биноҳои мазкур, устоҳо дар сохтмони онҳо асосан анъанаи меъмории классикии давраи асри миёнаи Фарғонаро давом додаанд.

Аммо дар бинокориҳои оммавӣ на қатъи анъана ва на таназзул мушоҳида намешавад. Баръакс, маҳз дар ин давра навъҳои маҳаллии манзилҳои Осиёи Миёна комилан ташаккул меёбад. Зимнан дар тарҳ, ороиш ва масоҳат ду навъи бино — манзили одамони давлатманд ва манзили одамони бенаво аз ҳам тафовути ҷиддӣ пайдо мекунанд. Чор тарафи манзилгоҳ бо деворҳои баланд иҳота карда мешуд. Ба тақозои иқлим дар ҳар манзилгоҳ саҳни ҳавлӣ аҳамияти калоне дошт, зеро сокинони он аксари рӯзҳои солро дар зери сояи дарахтон мегузарониданд.

Ҳавлӣ аз ду қисмат иборат буд: ҳавлии дарун ва ҳавлии берун. Дар ҳавлии дарун хонаи зист, ошхона ва ғайра ҷой мегирифт. Дар ҳавлии берун одатан саисхона, меҳмонхона, дарвозахона ва ғайра ҷойгир мешуд. Гоҳо ҳавличаи махсуси хоҷагӣ ва қитъаи боғро ҳам ҷудо мекарданд. Аксаран дар пеши хонаҳо айвон месохтанд. Биноҳо нафақат якошёна, балки дуошёна ва гоҳо сеошёна ҳам буданд.

Дар бинокориҳои деҳот ҳавлӣ ва қитъаи боғ бо деворҳои баланди гилӣ иҳота гардида, работ ва ё қӯрғон аксар вақт зеварбандӣ карда мешуд. Беҳтарин намунаҳои чунин манзилҳо дар Самарқанд боқӣ мондаанд.

Хонаву айвонҳо чунин сохта мешуданд, ки касро дар тобистон аз гармо ва зимистон аз сармо муҳофизат мекарданд. Хонаи зист ғайр аз дари асосӣ дарича ва тобадон ҳам дошт, ки барои равшаной ва тоза кардани ҳавои хона хизмат мекард. Дар даруни хона барои хӯрокпазӣ ошхона ҷудо

мекарданд, ки оташдону мӯрӣ дошт. Барои гарм шудан дар фасли зимистон дар хонаҳо сандалӣ мавҷуд буд.

Барои ороиши қисмати дохилии сохтмон тамоми навъҳои ҳунари амалии мардум, аз қабили кандакории чӯб, гаҷкорӣ, нақшу нигор ва ғайра истифода бурда мешуд. Аммо ин ҳама зебоӣ ба манзили одамони доро мутааллиқ буд. Мардикороне, ки барои онҳо хизмат мекарданд, дар кулбаҳои ҳақир, баъзан дар таххонаҳо мезистанд.

**Ҳаёти илмӣ ва адабӣ**

Забони тоҷикӣ дар нимаи якуми асри XIX чи дар дастгоҳи давлатӣ ва чи дар риштаи адабиёту корҳои идоравӣ мавқеи асосиро ишғол мекард. Ду навъ мактаб вуҷуд дошт: мактаби ибтидоӣ ва олӣ, яъне мадраса. Дар мактабҳо кӯдакон савод меомӯхтанд ва тарбия мегирифтанд. Таълиму тадрис ба забони тоҷикӣ ва арабӣ буд. Муаллимони мактабҳо асосан домуллоҳо — намояндагони рӯҳониён буданд, ки табақаи босаводтарини аҳолӣ ҳисоб меёфтанд. Талабагон асосан дар фасли тирамоҳу зимистон мехонданд.

Дар мадрасаҳо қариб тамоми дарсҳо ба забони арабӣ гузашта, забони тоҷикӣ фақат барои шарҳ ва тарҷумаи баъзе дарсҳо хидмат менамуд. Дар ин вақт омӯхтани илми фиқҳ, тафсири китобҳои муқаддас ва шарҳи китобҳои дарсии динии асри миёна хеле ривоҷ ёфт. Ба ҳамин сабаб муддати таҳсили мадраса ниҳоят дароз шуда аз 8 то 20 сол давом мекард. Маоши муллобачаҳо, мударрисон, мутаваллӣ, ходимони дар ин даргоҳ хизматкунанда ва инчунин таъмири биноҳои мадраса аз даромади заминҳои вақф буд.

Хатмкунандагони мадраса бештар ба вазифаи қозии шаҳру вилоятҳо, муфтӣ (шарҳдиҳандаи қонунҳои шариат), имоми масҷидҳо таъин мешуданд ё худ дастнависҳоро нусхабардорӣ мекарданд.

Духтарон имкони дар мадрасаҳо хондан надоштанд ва мадраса барои занон вуҷуд надошт. Бибиотуни (муаллимаи) мактабҳои занона асосан занони муллоҳо ва мударрисон буданд. Дар шаҳрҳо — Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Панҷакент, Конибодом ва Ғарм мадрасаҳои зиёд амал мекард. Вале пурқувваттарин ва обрӯмандтарин мадраса мадрасаҳои пойтахти аморат — шаҳри Бухоро ба шумор мерафт. Бухоро дар ин давра маркази динии тамоми Осиёи Миёна мегардад.

Дар нимаи аввали асри XIX асарҳои муҳими соҳаи таърих бахшида ба сулолаи манғития дар Бухоро ва сулолаи хонадони мингҳо дар Хӯқанд навишта мешаванд. Асарҳо оид ба таърих асосан шакли воқеанигориро ба худ гирифта буданд. Онҳо дар омӯхтани ҳаёти асри XIX арзиши зиёд доранд. Яке аз ин гуна сарчашмаҳо асари Муҳаммад Ёқуб "Гулшан-ул-мулук" мебошад. Муаллифи ин китоб, аз доираи дарбориён, шоҳид ва иштирокчии бевоситаи бисёр воқеаҳои таърихии замонаш буд. Аз ҳамин сабаб маълумотҳои ӯ аҳамияти муҳими таърихӣ дошта, замони ҳукмронии манғитиҳоро то аҳди амир Насрулло тавсиф медиҳад.

Ғайр аз асари мазкур барои омӯхтани таърихи маҳалҳо ба мисли Панҷакент, асари Муллоҷумъақули Ургутӣ, мутахаллис ба Ҳамулӣ қобили қайд мебошад. Таърихи хонҳои Хӯқанд дар "Мунтахаб-ут-таворих" ном асари Муҳаммадҳокимхон шарҳу баён ёфтааст. Муаллиф аз хешовандони хонҳои Хӯқанд буда, аз аҳволи дарбор хабар дошт ва бисёр воқеаҳоро ҳамчун иштирокчӣ ва шоҳиди он ба қалам додааст. Воқеаҳои дар асар тасвир-ёфта аз замони ҳукмронии Норбӯтахон (аз соли 1770) то айёми салтанати Муҳаммадалихон ва қатли ӯ (соли 1842) зикр ёфтааст.

Асари Мулло Атор "Ҷаҳоннамо", ки соли 1810 таълиф ёфта буд, асосан ба муносибати байни аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд бахшида шудааст. Ғайр аз ин, доир ба таърихи давлати хонии Хӯқанд, асарҳои дигар, аз қабили "Таърихи Шоҳрух"- и Мулло Ниёзмуҳаммад ва "Таърихи муҳоҷирон"-и Дилшоди Барно навишта шудаанд. Ҳамаи асарҳои таърихии номбурда ба забони тоҷикӣ таълиф ёфтаанд. Онҳо бисёр ҳодиса ва воқеаҳои таърихиро акс намуда, барои омӯхтани таърихи халқҳои Осиёи Миёна сарчашмаи беҳтарин ба шумор мераванд.

Дар нимаи якуми асри XIX дар пойтахти ҳамаи хонигариҳои Осиёи Миёна ҳаёти адабӣ дар авҷ буд. Дар хонигариҳои Бухорову Хӯқанд ба ду забон — ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод мекарданд. Яъне шоирони зуллисонайн ба вуҷуд меоянд. Дар миёнаи асри XVIII ҷараёни тозае ба зуҳур омада буд, ки дар асрҳои баъдина низ давом карда, дар таърихи адабиёти тоҷик ба номи бедилизм машҳур гашт. Намояндагони ин ҷараён беш аз ҳама ба тасаввуфи Бедил тақлид менамуданд. Ҷараёни бедилизм муқаллидони пешқадами худро соҳиб буд. Дар байни пайравони Бедил одамоне буданд, ки дар асри XIX эҷодиёти худро то андозае ба ҳаёти иҷтимоии халқ наздиктар намуда, ғояҳои нисбат ба он замон мутараққиро таблиғ мекарданд. Умуман, равияи демократӣ ба назми ин давра раҳ пайдо менамуд. Чунончӣ, Мулло Ҳусайни Маҳмуд, ки бо тахаллуси Дониши Бухороӣ машҳур аст, Мирзо Муҳамадсолеҳ Муншӣ, Ҷунайдулло Маҳмуди Ҳозиқ, Муҳаммадшарифи Гулханӣ, Махмур, Маъдан, Дилшод ва дигарон дар ҳамин давра умр ба сар бурдаанд. Дар эҷодиёти Гулханӣ, Махмур ва Маъдан ҳаҷви иҷтимоӣ ҷои намоёнро ишғол менамуд, ки он ба мазмуни лирикии шоирони маорифпарвар таъсир кардааст. Достони Ҳозиқ "Юсуф ва Зулайхо", масалҳои Гулханӣ, шеърҳои иҷтимоии шоира Дилшод ва дигарон ба ҷумлаи асарҳои озодфикрона дохил мешаванд. Дар нимаи аввали асри XIX, махсусан дар давраи ҳукмронии амир Умархон (1800-1810) дар Хӯқанд ҳаёти адабӣ хеле пеш меравад. Шоирони зуллисонайн, ба мисли Умархон, Макнуна, Гулханӣ ва дигарон, ба вуҷуд меоянд, ки асарҳояшонро бо забони тоҷикӣ ва узбекӣ иншо мекарданд.

Эҷодиёти даҳонии халқ дар сурудҳо, ҳикояҳо ва гуфторҳо зоҳир мегашт. Сокинони шаҳрҳою деҳаҳоро намоишҳои кӯчагии масхарабозон, дорбозон ва театрҳои лӯхтак шод мегардониданд. Мусиқачиёни боистеъдод тавассути асбобҳои одди гуногуну сершумори мусиқӣ оҳангҳои гуногун меофариданд.

Дар байни халқ бозиҳои спортӣ басо паҳн гашта буд : бузкашӣ, гӯштингирӣ, аспдавонӣ, пойга ва ғайра. Намудҳои гуногуни санъати амалӣ хеле равнақу ривоҷ ёфта буданд : нақшунигори деворҳо, кандакории чӯб, гилкорӣ, ҳаккокӣ, кулолӣ ва ғайра. Нақшунигори деворҳо ва сақфи биноҳо аз гаҷ хеле паҳн гашта буд.

Матоъҳои ҳархела ва гуногунранг, гулпартоии устоҳои маҳаллӣ, ки ба он ҳам мардон ва ҳам занон машғул буданд, бағоят тараққӣ карда буд.

Пешонабандҳои арӯс, куртаҳои чакан, пӯшоки пашмӣ (чакман) ва куртаҳои рағза, парпарӣ, халтачаҳо барои чизу чораи арӯс, гулдӯзиҳои ҳархела (ҷойнамоз, рӯҷо, борпӯш, сӯзанӣ ва хоказо) аз санъати баланди чеварон ва дигар ҳунармандон гувоҳӣ медоданд.

## САРЧАШМА

### ГУРУСНАГӢ ВА ОШӮБИ СОЛИ 1810 ДАР БУХОРО
### (АЗ "ТОМ- УТ-ТАВОРИХ")

"Дар таърихи шаҳри муҳаррам ул-ҳиром санаи 1225 (6 феврал — 7 марти 1810 буд) чунон зимистон сард шуд, ки то се моҳ ях ба миқдори як қулоч бокӣ монд. Гандуму ҷавро куллан сармо зада, нарх ба сад танга расид. Дар як ҳафтаи моҳ ба ҳаштод, баъд аз 20 рӯзи дигар ба 60 танга баромад. Чунон савоим (чорпо) дар он сол ҳалок шуд, ки хеч намонд. Нархи равған ба якуним ашрафӣ, дуним ман гӯшт 14 танга шуд. Марлумони Бухоро кариб ба нисф ба ҳар ҷониб рафтанд".

Гурӯснагӣ ва қаҳтӣ дигар ноҳияҳоро низ фаро гирифта буд. Мулло Ҷумъақули Хумулӣ ба деҳаи Ёрии Панҷакент омада, меҳмониашро чунин тасвир кардааст :

Шаб ҳама шаб чашми аспам баҳри як ҷав мепарид,
Хостам бар дидааш коҳе ниҳам, пайдо нашуд.

## ОҚИБАТҲОИ ҶАНГҲОИ ФЕОДАЛӢ

Ҳуҷуми дувоздаҳуми Олимхони Хӯқандӣ ба Ӯротеппа дар даврai ҳокимии Маҳмудхон рӯй медиҳад. Муҳосираи шаҳр 18 рӯз давом кардааст. Муаллифи "Мунтахаб— ут-таърих" Ҳакимхон аз падари худ Эшони Султонхон, ки он вақт дар Ӯротеппа будааст ва аз худи ҳокими Ӯротеппа Маҳмудхон шунидааст, ки дар шаҳр қаҳтӣ мешавад. "Он вақт дар бисоти мо, — нақл мекард Маҳмудхон, — чизе аз хӯрокӣ захира набуд. Бисёр ба танг омада будем. Рӯзе яке аз навкарон як ман гандум овард. Гӯё ки чанд ман ҷавоҳир кашида бошад. Аспони эшон пӯсти дарахт мехӯрданд".

Тобистони соли 1235 ҳиҷрӣ (1818) хони Хӯқанд Умархон ба Ӯротеппа ҳуҷум карда, шаҳрро гирифта натавонист. Бинобар он ба дашт баромада, лашкари Хӯқанд ба зироат алов сар медиҳад. Ҳамон сол "айни гандумпазӣ" буд. Чунон гандум шуда буд, ки агар аспу одам дар миёнаш дароял-

наменамуд. Чунон оташ дарафтода буд, ки тару хушк баробар месӯхт. Дар се шабонарӯз аз дасти лашкариёни мӯру малахтимсол на дар деҳ хона ва дар боғ нахл ва на дар дашт зироат монд. Кӯҳҳоро чунон аз хасу хошок пок сохтанд, ки ғайр аз хоку санг чизе боқӣ намонда буд".

Амир баъд аз ишғол кардани шаҳрҳои Ӯротеппа, Хуҷанд ба тарафи Хӯқанд ҳаракат мекунад. Дар вақти таъқиб кардани хони Хӯқанд амир Насрулло "аз сарҳади Маҳрами Конибодом то ба атрофи Бешарик се рӯз истода, истироҳат намуда ва баъзе аз лашкариёне, ки бар ҳасабул фармоиши олӣ ба атрофи ҷониби он ҳудуд аз барои тохту тороҷ рафта буданд, музаффар ва мансур бо ғаноим номаҳсур аз ушту ру асп, гову гӯсфанди фаровон аз ҳайри имкон берун ба лашкаргоҳ расиданд. Ва дар ин манзил ҷандон молу маош ба даст афтода буд, ки пои тақрир ва таҳрир асло ба сарҳади он нарасад" (Аз "Зафарномаи Хусравӣ". Душанбе, 1989.

**Савол ва супориш**

1. Амирони Бухоро ва Хӯқандро дар нимаи аввали асри XIX номбар намоед.
2. Дар Ҳисор ва Кӯлоб киҳо ҳукмронӣ кардаанд ? Онҳо ба кадом хонигариҳо итоат мекарданд ?
3. Ҳокимони Ӯротеппа ва Хуҷандро номбар кунед. Барои чӣ онҳо тез-тез иваз мешуданд ?
4. Оқибати ҷангҳои байни Бухорову Хӯқандро тасвир намоед.
5. Низоми идоракунии аморати Бухоро ва хонии Хӯқандро нақл кунед.
6. Лашкар ва таъминоти он аз озуқа ва аслиҳа дар Бухоро ва Хӯқанд чӣ гуна буд?
7. Машғулияти асосии деҳқононро нақл кунед.
8. Намудҳои маҳсулоти косибонро номбар кунед.
9. Номгӯи андозҳо ва оқибати вазнини онҳо барои аҳолӣ аз чӣ иборат буд?
10. Сабабҳои шӯриши халқӣ чӣ буд? Калонтарини онҳоро дар нимаи аввали асри XIX номбар намоед.
11. Кадом иморатҳо дар нимаи аввали асри XIX бино ёфтанд?
12. Кадом асарҳои таърихӣ навишта шуданд ва аҳамияти онҳоро нақл кунед.

# БОБИ V

## Истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия

**Вазъияти хонигарихо дар арафаи истилои Русия**

Осиёи миёна дар арафаи истилои Русия ба якчанд давлатхои феодалӣ тақсим шуда буд. Ба ғайр аз давлатхои нисбатан пуриқтидори калон — хонигарихои Бухоро, Хӯқанд ва Хева, бекигарӣ ва шоҳҳои нисбатан хурди мустақил ё ниммустақил вучуд доштанд. Дар болооби Зарафшон мулкхои Фалғар ва Мастчоҳ, дар худуди Панчакенти кунунӣ — Киштут, Могиён ва Фороб, дар қисми марказии Точикистони хозира ва дар Помиру атрофи он бекигарихои Кӯлоб, Ҳисор, Дарвоз, Қаротегин, Рӯшон, Шуғнон ва Вахон арзи вучуд мекарданд. Байни аксарияти он зуд-зуд амалиётхои харбӣ рух медод. Баъзан, дар як муддати кӯтоҳ, мустақилият доштанд ё зери ҳокимияти амирони Бухоро ва хонхои Хӯқанд гобеъ мегаштанд. Чангхои дохилии байнихудӣ ва ҳамчунин муносибатхои душманонаи байни Хӯқанду Бухоро ба амалиёти муваффақиятомези кӯшунхои подшохӣ шароити мусоид фароҳам оварданд. Дар баробари рақобати Бухорову Хӯқанд, ки аксар вақт боиси сар задани задухӯрдхои мусаллаҳонаи байни онхо мегардид, аморати Бухоро ва хонияи Хева низ дар давоми ин солхо бо ҳам муборизахои тунду тезе мебурданд. Ин ҳама чангу низоҳои байнихудии давлатхо ба вазъи сиёсӣ ва иқтисодиёти онҳо таъсири ҳалокатовар мерасониданд.

Дар миёнаи соли 1865 амир Музаффар ба водии Фарғона лашкар кашид. Қӯшуни Хӯқанд, ки дар муҳорибахои шадид ва тӯлонӣ бо дастахои хукумати подшохӣ хеле заиф гардида буд, ба хучуми лашкари Бухоро муқовимат карда натавонист. Ин буд, ки амир Музаффар Хӯқандро нисбатан бо осонӣ забт намуда, хукмрони собиқи Хӯқанд Худоёрхони харис ва золими аз тарафи халқи шӯришгар рондашударо, дубора ба тахти хонӣ нишонд.

Вазъияти таърихӣ дар Осиёи Миёна дар арафаи забти он аз тарафи Русия мураккаб буд. Ин мулки ба порахо тақсимшуда диққати давлатхои дар ҳамон давра пуриқтидортарин ва дорои мустамликахои бешумор — Англия ва инчунин Туркия ва Эронро ба худ чалб намуда буд. Ин давлатхо, махсусан, Англия, харгуна чосусони худро зери пардаи экспедитсия, точирон, сайёҳон, элчиён, таблиғотчиён ва ҳоказо мефиристод. Барои донистагирифтани роҳхои рафтуомад онхо маълумоти хочиён ва точирони Осиёи Миёнаро истифода мебурданд.

Аммо Русия назар ба дигар давлатхо барои ба даст даровардани Осиёи Миёна бештар манфиатдор буд. Ин сарзамини бой ва дорои сарватхои зеризаминӣ ахамияти стратегии қулай дошт. Аз ин чо ба Ҳиндустон ва дигаор мамлакатхои Шарк роҳ кушода мешуд.

Забти Осиёи Миёна Русияро ба худуди мустамликахои шарқии давлати Британиёи Кабир наздиктар менамуд. Бо ҳамин восита Русия қусури

шикасти ҷанги Қримро гирифтанӣ ва мавқеи худро дар Аврупо мустаҳкам карданӣ буд. Ғайр аз ин, сар даровардан ба марказҳои хонии Осиёи Миёна ба мақсад ва манфиатҳои ҳам помещикон ва ҳам доираҳои буржуазии империяи Русия мувофиқат мекард. Масъалаи дар Осиёи Миёна устувор гардидани мавқеи империяи Русия таваҷҷӯҳи доираҳои тиҷоратию саноатиро ба худ кашида буд.

Дар солҳои 60-ми асри XIX ба сабаби он, ки дар натиҷаи сар задани ҷангҳои дохилӣ дар Амрико ва Аврупо кашондани пахтаи америкоӣ қатъ гардид, бӯҳрони санъати бофандагии Аврупо ва Русия ба амал омад ва истилои Осиёи Миёна ҳамчун манбаи маводи хоми пахта аҳамияти махсус касб намуд. Масалан, то соли 1861 як пуд пахтаи Бухоро дар ярмаркаи Нижегород 4-5 сӯм арзиш дошта бошад, нархи он соли 1862 ба 7 сӯму 50 тин ва соли 1864 ба 23-24 сӯм расид.

**Ҳаракати лашкари Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна**

Русия забт намудани Осиёи Миёнаро ҳанӯз дар нимаи якуми асри XIX ба нақша гирифта буд. Ҳукумати подшоҳӣ ба мақсади барқарор кардани ҳукмронии худ дар Осиёи Миёна иқдомоти ҳарбӣ ба амал овард. Соли 1847 қӯшуни Русия ба соҳилҳои баҳри Арал расид. Дар ин ҷо бо номи Раим истеҳкоме барпо карда шуд, ки баъдҳо номи Қалъаи Аралро ба худ гирифт. Дар худи ҳамин вақт дастаи дигаре, ки аз ҷониби Сибир ба Осиёи Миёна ҳаракат мекард, ба Ҳафтруд расид. Ба ин тариқа, қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ аз ду тараф — аз Урунбург (Оренбург) ва Омск ба ҳудуди давлати хонии Хӯқанд наздик шуданд. Аммо шикасти Русия дар ҷанги Қрим (солҳои 1853-1856) ҳаракати минбаъдаи Русияи подшоҳиро ба Осиёи Миёна ба муддати якчанд сол боздошт.

Соли 1864 ҳуҷуми қатъии қӯшунҳои подшоҳӣ ба Осиёи Миёна сар шуд. Баъди забти Чимкент қӯшуни подшоҳӣ ба тарафи Тошканд ҳаракат кард. Моҳи апрели соли 1865 қалъаи Ниёзбекро ишғол карданд. Ишғоли қалъаи мазкур қисмати Тошкандро ногувор гардонид ва яке аз калонтарин шаҳрҳои Осиёи Миёна забт карда шуд.

Амир Музаффар аз барори кори худ дар ишғоли Хӯқанд рӯҳбаланд гардида, ба Тошканд ҳайати сафорат фиристод ва аз ҳукуматдорони рус талаб кард, ки фавран шаҳрро тарк намоянд. Дар ҳайати ин сафорат ҳокими Уротеппа Абдулғафforбек девонбегӣ дохил мешуд. Дар фосилаҳои музокироти дипломатӣ ҳар гоҳ задухӯрди қӯшуни подшоҳӣ ва сарбозони амир низ ба амал меомад. Ҳукумати подшоҳӣ эътироз ва талаби амирро ба эътибор нагирифт. Аввали соли 1866 лашкари русҳо ба сӯи Ҷиззах ҳаракат карда, онро забт карда натавонистанд. Ин бебарорӣ сабаби азл гаштани генерал М.Г. Черняев гашта, ба ҷои ӯ Д.И. Романовский таъин гардид. Ӯ аз забти Ҷиззах даст кашида, қӯшуни русҳоро ба сӯи Эрҷар равон намуд. Дар ин ҷо ба лашкари амири Бухоро зарбаи сахт расонда шуд. Амир роҳи гурезро пеш гирифт. Русҳо 11 тӯп, 220 ҳазор тир ва 700 пуд борут ғанимат гирифтанд.

Ҳайати фармондеҳии ҳарбии подшоҳӣ мекӯшид, ки хонигарии Бухоро ва Хӯқандро аз ҳамдигар ҷудо карда, ҳар қаломро ба осонӣ забт намояд. Барои амалӣ гардонидани ин нақша забт кардани Хуҷанду Ӯротеппа зарур буд.

Баҳори соли 1866 лашкари рус ба соҳилҳои дарёи Сир ҳаракат намуд. Баъди забти қалъаи Нов 20 май муҳосираи Хуҷанд сар мешавад. Сарфармондеҳи лашкари рус генерал Д.И. Романовский барои ба ҳуҷум гузаштан фармон медиҳад. Аммо гарнизони Хуҷанд ва сокинони шаҳр муқобилияти сахт нишон доданд. Шахси мансабдор ва шоҳиди воқеа ба амир чунин нома ирсол намудааст : "... Кулли хурду калони фуқарои Хуҷанд ба худованди олам мутаваҷҷӣ шуда, ба кофири лаъин якбора дарафтоданд, ба фазлу лутфи воҷиби таъоло, кофири малъунро зада баровардаанд. Баъди ин чанд нафар одамон, ки аз Хуҷанд ба кофир забон дода буданд, фуқароён онҳоро ҳам тороҷ карда зада куштанд".

Аз ин мактуб маълум мешавад, ки хуҷандиён шӯриш бардошта, ба муқобили аҷнабиён ва ватанфурӯшони маҳаллӣ муборизаи қатъӣ бурдаанд. Забти Хуҷанд барои Русия ба осонӣ муяссар нагардидааст. 25 маи соли 1866 истилогарон Хуҷандро забт карданд. Ба лашкари рус 16 тӯп ва дигар лавозимоти ҳарбӣ ғанимат расид.

Хуҷанд ва Уротеппа аҳамияти калони стратегии ҳарбӣ дошта, дар саргаҳи роҳи водии Фарғона воқеъ гардида буданд.

Лашкари подшоҳӣ бо ишғоли Хуҷанд паҳлуи чапи худро мустаҳкам намуда, тамоми қувваҳои худро ба муқобили душмани асосии худ амир Музаффар равона сохт.

Дар охири моҳи сентябр лашкари ҳукумати подшоҳӣ ба қалъаи мустаҳками Ӯротеппа наздик шуд. Ин мулк дар он сол (1866) дар итоати амири Бухоро буд. Шаҳри Ӯротеппаро ду қатор деворҳои баланди дар гӯшаҳояш бурҷу бора дошта печонида гирифта буданд. Муҳофизони шаҳр яроқу аслиҳаи зиёде доштанд. Танҳо тӯпҳои дохили қалъа 32 адад буд, ки нисбат ба тӯпҳои дар Хуҷанд буда ду маротиба ва тӯпҳои Ҷиззах яку ним баробар зиёд буд.

Ҳокими мулки Ӯротеппа Абдулғаффорбек девонбегӣ марди ҷангдида ва соҳибтаҷриба, дар ҷанги зидди лашкари рус дар Эрҷар низ ширкат варзида буд. Сарукор доштан бо амалиёти ҷангии қӯшуни рус ӯро пухта гардонида, имконият дод, ки ҳамроҳи сокинони пойтахти худ ва кӯмаку ёрии амири Бухоро барои зада гардонидани қувваи душман тайёрии пухта бинад. Ба ёрии шаҳри дар муҳосира афтода мастчоиҳо ҳам расида омаданд.

Сарфармондеҳи лашкари подшоҳӣ ҳамаи инро ба назар гирифта, ба ҷанги шадид тайёрӣ медид. Дар муҳорибаи Ӯротеппа 3825 нафар аскарони пиёдагард ва савораи ҳукумати подшоҳӣ иштирок намуданд. Онҳо дар ихтиёрашон 28 тӯп доштанд. Баъд аз тӯппарониҳои дурудароз ба душман муяссар гашт, ки қалъаро рахна карда, 2 октябри соли 1866 ҳуҷумкунон Ӯротеппаро ғасб намояд.

Манзараи ҳузнангези корзорро иштирокчии забти ин шаҳр, афсари рус А.М. Зиновев дар хотираҳояш чунин тасвир кардааст: "Дар кӯчаҳо гурӯҳ-гурӯҳ сокинони маҳаллӣ, мардону занон мегурехтанд ва аскарон онҳоро пеш-пеш мекарданд. Оташаки тир гоҳ дар ин ҷо, гоҳ дар он ҷо медурахшиданд. Аз чор тараф садои тир ба гӯш мерасид. Чунин манзараи хунрезии беҳударо надидан мумкин набуд. Ротаҳои камшумори моро (аз таъқибкунӣ ва қатл) нигоҳ доштан мумкин набуд. Онҳо ҳазорҳо мардуми маҳалиро таъқиб мекарданд".




Нақшаи ш. Ӯротеппа /соли 1866/. (аз сарчашмаҳои забони русӣ истифода шудааст)

Дар рафти амалиёти забти Ӯротеппа зиёда аз 2000 (аз 10 ҳазор аҳолии шаҳр) сокинон ва сарбозон халок гардиданд. Лашкари подшоҳӣ ҳамагӣ 17 нафар талаф дода 200 нафар ярадор шуданд.

Сарбозони подшоҳӣ мағлубшудагонро асир намегирифтанд, онҳоро танҳо мепаррониданд. Қатлу ғорат, дуздӣ, бойшавии сарбозони рус аз ҳисоби мағлубшудагон ва зери асорат мондагон на танҳо дар Ӯротеппа, балки дар тамоми шаҳру деҳаҳои забтшудаи Осиёи Миёна ҷой дошт. Дар

шахрҳои истилошуда то 20 фоиз (асосан мардон) кушта шуданд. Забту қатлу горат муддати мадид ба пешравии ин кишвари зархез зарари калон расонид.

Амири Бухоро Музаффар (1860-1885) баъди шикаст дар Ӯротеппа ниҳоят ба ташвиш афтода, ба муқобили кофирон ҷанги муқаддас (ғазо) эълон карда ва лашкари боқимондаи худро дар қалъаи Ҷиззах ҷамъ намуд. Вале ӯ ба ҷанги зидди қӯшунҳои муназзами империяи Русия омодагии дурусте надошт. Адиби маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш (1828-1897) тадоруқоти муҳорибаи Ҷиззахро чунин ба қалам овардааст: "... аскаре зиёда аз адду хаср бад - ин насақ ҷамъ шуда, баъзе ба шавқ, баъзе ба карҳ аз ҳар табақа мардум ба нияти ғазо мерафтанд, баъзе даҳрӯза, баъзе якмоҳа. Ҷаноби амир низ чун ин ҷамъиятро мулоҳиза намуд, ба худ ҷазм кард, ки ба ҳамин юруш то Петербург — пойтахти императур фатҳ хоҳад шуд: Чун медид, ки тӯлу арзи қӯшун қариб ба ду фарсах меравад ва намедонист, ки:

Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.

Вале лашкари амир "пеш аз он ки ба манзил фуруд оянд, дар гардпули гурез ва маҳлас афтоданд".

18 октябри соли 1866 қӯшуни подшоҳӣ пас аз муҳосираи чандинвақта қалъаи Ҷиззахро тасарруф кард ва мавқеи худро дар хоки аморати Бухоро устувор гардонида, ба дуввумин шаҳри бузурги он — Самарқанди бостонӣ таҳдид намуд.

Дар Ҷиззах зиёда аз ду ҳазор нафар муҳофизон кушта шуданд. Амир ҳамроҳи лашкари боқимондааш роҳи гурезро пеш гирифт.

Баъди маъракаи тирамоҳи соли 1866 оромии кӯтоҳмуддат барқарор шуд. Ҳукумати подшоҳӣ ба ҳуҷуми нав тайёрӣ медид, аҳволи мамлакати худ, Осиёи Миёна ва умуман байналхалқиро месанҷид, бо хони Хӯқанд гуфтушунид мекард ва ғайра.

Соли 1866 байни Русия ва хонии Хӯқанд шартномаи сулҳ баста шуд, ки мувофиқи он хонии мазкур худро тобеи Русияи подшоҳӣ шуморид. Савдогарони рус барои савдои озод дар замини хонии Хӯқанд ва сохтумони корвонсарой ҳуқуқ гирифтанд.

Бо ҳамин шартнома ҳукумати подшоҳӣ ақибгоҳи худро аз ҳуҷуми хонии Хӯқанд хотирҷамъ ва мустаҳкам намуда, ба Самарқанд ҳамла овард. Аскарони ҳукумати подшоҳӣ сарбозони амирро торумор намуда, 2 моҳи майи соли 1868 ба Самарқанд дохил шуданд.

Аз по афтодани Самарқанд дар байни сарбозон ва табақаи атрофи Бухоро парешонӣ ба амал овард. Умаро ва сипоҳиёни вилоятҳо ба мулкҳои худ фирор карданд. Яке аз чунин касон ҳокими Ҳисор Раҳмонқулбӣ парвоначӣ буд. Фармондеҳи қӯшуни рус генерал Ф. Кауфман роҳи пойтахти аморат — шаҳри Бухороро пеш гирифт ва охирон шаҳри калони дар сари роҳи пойтахт воқеъгардида - Каттақурғонро ишғол кард. Амир Музаффар қувваи парокандаи худро ҷамъ намуда, дар Зирабулоқ истеҳком гирифт. Дар ин ҷо ба лашкари амири Бухоро зарбаи ҳалокатовар заданд.

Аммо дар ақибгоҳи лашкари рус ба муқобили дастаи (гарнизони) дар Самарқанд буда шӯриш бархост. Тарсу ваҳм аз ваҷҳи минбаъдаи шӯриш ва торумори гарнизони Самарқанд, сарлашкари ҳукумати подшоҳиро маҷбур намуд, ки ба шаҳр баргашта, шӯришро бо як ваҳшонияти пахш намояд.

Баъди шикасти назди Зирабулоқ мубориза минбаъдаи амир бо лашкари рус бемасъулиятона ва беақлона буд. Амир Музаффар метавонист аз пойтахти худ шаҳри Бухоро ҳам маҳрум шавад. Бинобар ин ба бастани сулҳ розӣ шуд. 23-июни соли 1868 дар байни ду давлат — Русияи подшоҳӣ ва аморати Бухоро, шартнома баста шуд, ки мувофиқи он ҳамаи замину шаҳрҳои қӯшуни подшоҳӣ забткарда, ки ба ҳайати аморати Бухоро дохил мешуданд, яъне Зирабулоқ, Каттақурғон, Самарқанд, Ургут, Панҷакент, Ҷиззах, Ӯротеппа ва Хуҷанд ба итоати Русия гузаштанд. Шартномаи мазкур амири Бухороро тобеи Русияи подшоҳӣ гардонд. Ҳукумати амир дигар ҳуқуқ надошт, ки бо давлатҳои хориҷӣ мустақилона робита кунад.

Савдогарони рус дар сарзамини аморати Бухоро ҳуқуқи озодона савдо карданро ба даст даровардаанд. Амири Бухоро ӯҳдадор шуд, ки ба Русия ба маблағи 500 ҳазор сӯм товони ҷанг диҳад. Мувофиқи шартнома савдогарони рус ва соҳибони корхона метавонистанд дар кадом шаҳру деҳае набошад, ширкатҳои худро таъсис бидиҳанд.

Ҳукумати подшоҳӣ ба ҳуқуқи аз хоки аморат гузаронидани хатти телеграф, ташкили почта, киштиронӣ дар дарёи Омуро соҳиб шуд. Амир бошад, таъмини сохтмони бандарҳо ва посбонӣ кардани онҳоро ба ӯҳда гирифт. Ба соҳибкорони давлати рус имкон дода шуд, ки дар ҳудуди аморат молу мулки ғайримутаҳаррика ба даст даровaранд. Фуқарои Бухоро низ дар навбати худ ҳамин гуна ҳуқуқро нисбат ба Русия соҳиб шуданд. Ба савдогарони рус барои озодона тиҷорат кардан дар ҳудуди аморат иҷозат дода шуд. Илова бар ин муқаррар гардид, ки аз моли онҳо набояд бештар аз 2,5 фоиз боҷ ситонида шавад. Ҳамин тариқа, амири Бухоро ба вассали фармонбардори ҳукумати подшоҳӣ мубаддал гардид.

Мувофиқи шартнома дар қаламрави аморати Бухоро ғуломдорӣ ва асирфурӯшӣ барҳам дода шуд. Дар натиҷа танҳо дар музофоти Самарқанд зиёда аз 20 ҳазор ғуломон озод шуданд.

**Истилои Русия баъд аз аҳдномаи соли 1868**

Дар моҳи августи соли 1868 ба ҳайати мулкҳои забткардаи Русия Панҷакент ҳамроҳ гардид. Баҳори соли 1870 таҳти роҳбарии генерал Абрамов экспедисияи Искандаркӯл ташкил шуд. Ин даста 20 апрели соли 1870 аз Самарқанд баромада, ба болооби Зарафшон ҳаракат кард.

Аз тарафи муқобили дастаи генерал Абрамов дастаи дигар таҳти фармондеҳии Деннет аз Ӯротеппа ҳаракат мекард.

Дар натиҷа мулкҳои хурди феодалии кӯҳистони тоҷик — Моғиён, Киштут, Фалғар Мастчоҳ, Фон, Яғноб ва ғайра забт шуданд.

Генерал Абрамов дар маълумоти ба генерал Кауфман фиристодааш таъкид кардааст, ки дар саросари ин маҳал ангиштсанг ва беша фаровон аст.

Барои тадқиқи захираҳои табиии саргаҳи Зарафшон ба ҳайати экспедитсияи Искандаркӯл олими табиатшинос А.Ф. Федченко, геолог Д.К. Мишенков, нақшабардор Л.Н. Соболев ва донишмандони дигар низ дохил гардида буданд. Ба ин восита доираҳои илмӣ ва тиҷоративу саноатии Русия тавонистанд бо сарватҳои табиии ин кишвари душворгузари кӯҳистон ошно гарданд. Дар натиҷаи ин юриш маҳалҳои забткардаи дастаҳои ҳарбии подшоҳӣ бо номи "туманҳои кӯҳистонӣ" ба ҳайати округи Зарафшон ҳамроҳ карда шуд.

Давлати Русия мавқеи худро дар заминҳои истилокардааш мустаҳкам намуда, ба муқобили хонии Хева ҳуҷум кард.

То ин вақт хонии Хева ба муҳосира афтода буд. Лашкари подшоҳӣ аз самтҳои Туркистон ва Оренбург муқобилияти ҷиддие надида, 29 маи соли 1873 шаҳри Хеваро забт кард. Хони Хева Муҳаммадраҳими II маҷбуран шартномаи сулҳро бо Русия қабул намуд, ки он моҳи июни соли 1873 ба имзо расид. Мувофиқи ин созишнома хони Хева дигар ҳуқуқ надошт, ки бо давлатҳои хориҷӣ мустақилона робита кунад. Мувофиқи шартнома Хева ҳам мисли Бухоро зери итоати Русия монд. Мулкҳои дар соҳили рости дарёи Ому будаи хонии Хева ба Русия гузаштанд. Ба савдогарон ва саноатчиёни рус ҳуқуқ дода шуд, ки дар тамоми сарзамини хонигарӣ харидуфурӯши озод кунанд, корхонаҳои саноатӣ созанд ва аз ҳамагуна боҷу хироҷ озод бошанд. Хони Хева маҷбур буд, ки таи 20 сол ба андозаи 2200 ҳазор сӯм товони ҷанг диҳад.

Шикаст хӯрдани Бухоро ва Хева ба итоати Русия даромадани мулкҳои дигари Осиёи Миёнаро тезонд.

Соли 1875 дар Хӯқанд ба муқобили хон ва ҳукумати Русияи подшоҳӣ шӯриш сар зад. Ба ин шӯиш собиқ беги Ӯротеппа Абдулғаффорбек бо писараш Оқбӯтабек ҳамроҳ шуда, дар ҳудуди Ӯротеппаву болооби Зарафшон мақоми хос ишғол намуданд. Баъди як сол қӯшунҳои рус шӯришро дар Хӯқанд пахш карда бошанд ҳам, дар ҳудуди Ӯротеппаву Зомин ҳаракати халқӣ бо сардории Оқбӯтабек давом кард (то соли 1877). Баъд аз пахш кардани шӯриши Хӯқанд ин хонигарӣ барҳам дода шуд. 19 феврали соли 1876 ҳудуди он бо номи вилояти Фарғона ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон ҳамроҳ гардид.

Ғалабаи ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Миёна муносибатҳои Англияю Русияро хеле тезутунд гардонид. Ҳукумати инглисҳо ба шартномаҳои Русияю Бухоро ва Русияю Хева розӣ набуд. Бо вуҷуди ин, ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Миёна юришҳои нав ба навашро давом медод.

Дар охири солҳои 70-уми асри XIX доираҳои ҳукмрони Русия амалиёти худро дар қисмати ғарбии Осиёи Миёна, яъне Туркманистон вусъат медиханд. Мақсади ин юриш ба воситаи баҳри Каспий роҳ ёфтан ба заминҳои навишғолшуда буд.

Соли 1874 шуъбаи Моварои Каспий (Закаспия) таъсис ёфта, марказн он Красноводск гардид. Шуъбаи мазкур ба ихтиёри волии Қавкоз дода шуд. Ҳукумати подшоҳӣ қӯшунҳои худро ба воҳаи Аҳалтегин ҳаракат дода-

Онҳо соли 1877 Қизиларватро ишғол карданд. Вале худи ҳамон сол сардори шуъбаи Моварои Каспий генерал-майор Н. Ломакин, ба сабаби дурӣ аз карорғоҳи асосӣ — шаҳри Красноводск, амр кард, ки он чоро тарк кунанд.

Вале соли 1879 Қизиларват дубора забт шуд. Лашкари рус дар наздикии Кӯктеппа ба муқовимати сахти ватандӯстони туркман дучор омад. Истилогарон шикаст хӯрда, ба ақибнишинӣ маҷбур шуданд.

Ин мағлубияти қӯшунҳои подшоҳӣ дар тамоми ҷангҳои Осиёи Миёна аз ҳама ҷиддитарин ба шумор мерафт. Фармондеҳи нави қӯшун, генерали ботаҷриба М.Д. Скобелев таъин шуд. Ба ӯ муяссар мешавад, ки соли 1881 Ишқободро ишғол намояд. Соли 1884 шаҳри қалимаи Марв ба ҳайати империяи Русия дохил шуд.

Аз амалиёти қӯшуни рус дар Туркманистон ва Афғонистон инглисҳо норозӣ буданд. Афғонҳо ба як қисми забтшуда қӯшун даровораданд. Соли 1885 русҳо қӯшуни афғонро аз ин минтақа зада дур карданд. Байни ду давлат — Русия ва Афғонистон, музокирот оғоз ёфт. Дар чараёни музокирот соли 1887 марзҳои шимолӣ-ғарбии Афғонистон ва ҳукумати подшоҳӣ муайян карда шуданд.

**Масъалаи Помир ва ҳалли он**

Кӯҳистони бузурги Помир ба ду қисмати асосӣ ҷудо мешуд: Яке Помири Ғарбӣ, ки мулкҳои тоҷикнишини Вахон, Шуғнон ва Рушонро дар бар мегирифт ва дигаре Помири Шарқӣ, ки тоифаҳои кӯчии қирғиз сукунат доштанд.

Яке аз муаммои рақобати байни инглисҳо ва Русия дар асри XIX "Масъалаи Помир" буд. Амири Афғонистон Абдураҳмонхон бо таҳрики империяи Британиё соли 1883 ба мулкҳои Помири Ғарбӣ лашкар кашида, Вахон, Шуғнон ва Рӯшонро ишғол кард ва дар ин ҷойҳо низоми бераҳмонаи қатли омро ҷорӣ намуд.

Дар ҳамин вақт Хитой қӯшуни сарҳаддии худро ба сӯи Помири Шарқӣ ҳаракат дод. Ҳукумати подшоҳии Русия ба таври қатъӣ ба ин ду давлат — Афғонистону Хитой эътироз баён намуд. Русия машғули амалиёти ҷанг дар Туркманистон буд ва имкони ба Помир равон кардани қӯшунро надошт.

Дар ин байн вазъият дар Помири Ғарбӣ торафт ноором мешуд. Ҳокимони маҳалӣ — Шоалимардон дар Вахон ва Юсуфалихон дар Шуғнон аз тарафи Абдураҳмонхон маъзул гардида буданд. Аҳолии тоҷики ин мулкҳо бар зидди ғосибон сар бардошта, бо қатъияти тамом ба дастаҳои афғон муқовимат мекарданд. Қисмати зиёди вахониҳо диёри худро тарк карда, ба Туркистони Шарқӣ кӯчиданӣ шуданд. Тирамоҳи соли 1883 дар Шуғнон шӯриш ба амал омад. Иштирокчиёни он чанде аз ҳироҷситонадагони афғонро, ки ваҳшигарию бераҳмиро ба авҷ расонида буданд, қатл карда, худ ба тарафи Рӯшон фирор намуданд.

Аз мулкҳои Помири Ғарби ба Туркистон чанд ҳайати намояндагии тоҷикон омада, ба ҳукуматдорони рус хоҳиши аҳолии Вахон ва Шуғнону

Рӯшонро оиди қабули онҳо ба тобеъияти Русия расониданд. Аммо ҳукумати подшоҳӣ ягон иқдоми ҷиддие дар ин бобат зоҳир нанамуд.

Шӯриши тоҷикони Шуғнон амири Афғонистонро маҷбур кард, ки баъзе тадбирҳоро ба кор барад. Ӯ ба назди шӯришчиён қосид фиристода, "сулҳи ифтихорӣ" пешниҳод кард ва барои ҷорӣ намудани худмухторӣ замонат дод. Ба вазифаи ҳокими Шуғнон яке аз намояндагони хонадони ҳукмронони маҳаллӣ Муҳаммад Акбаршо таъин шуд. Ин таъинот аҳволи вазнини халқро беҳ карда натавонист. Ғосибон ҳамоно бедодгарӣ мекарданд. Сокинони Помир ба ҳукумати подшоҳии рус номаҳои зиёде ирсол намуданд. Дар ин номаҳо мардуми ситамдида аз зулму тааддии ғосибон шикваҳо карда, арз менамуданд, ки онҳо "ҳамаро ба ниҳояти кашшоқӣ ва хонавайронӣ мерасонанд: одамони бегуноҳро мекушанд, занонро марабоянд, духтаронро таҷовуз мекунанд, молу амволро зӯран мегиранд, андозҳои муфлискунанда меситонанд, бачагонро ба ғуломӣ мебаранд, ки дигар бар намегарданд".

Мудохилаи мусаллаҳонаи Афғонистону Хитой ба Помир тақрибан 10 сол (1883-1893) давом намуд. Дар зарфи ин солҳо тоҷикон дар роҳи ҳифзи истиқлолият ва ҳайсияти миллии худ ба қатъият мубориза мебурданд.

Ибтидои солҳои 90-ум инглисҳо чанд мулкро забт намуда, ба кӯҳистони Помир наздик шуданд. Ҳукумати подшоҳии рус чунин вазъиятро ба эътибор гирифта, ба амалиёти ҷиддӣ шурӯъ намуд. Соли 1891 дастаи сарбозони рус бо сардории полковник М.Ионов ба Помир фиристода шуд. Ҳаракати номбурда бори дигар баъди як сол сурат гирифта, дар мавзеи Шоҷон 250 нафар аскарони мусаллаҳ қарор гирифтанд.

Баъд аз баҳсу мубоҳисаҳои дипломатӣ, инглисҳо маҷбур шуданд, ки шикасти худро дар баҳси Помир эътироф намоянд. Онҳо аз Афғонистон талаб карданд, ки аз даъвои Шуғнон, Рушон ва Вахон даст кашад. Амири Афғонистон ин пешниҳодҳоро қабул намуд.

Бар тибқи шартномаи инглисҳо бо Русия қисми шарқии водии Вахон, заминҳои дар канораҳои чапи дарёи Панҷ воқеъгардидаи Дарвози Бухоро дар қаламрави Афғонистон монданд. Аз канораҳои рости дарё, аз мулкҳои Вахон, Шуғнон ва Рушон қӯшунҳои афғон бароварда шуд. Баҳори соли 1895 комиссияи мухталифи инглису рус сарҳади охирини қитъаи сарзамини Осиёи Миёнаро ба таври аниқ муайян намуданд. Бо ҳамин Осиёи Миёна комилан ба ҳайати Русия дохил гардид. Қисмати муҳими хоки онро кишвари Туркистон (генерал-губернатории Туркистон) ташкил мекард, ки пеш аз ин ҳам тобеи империяи рус буд. Дар баробари ин аморати Бухоро ва хонии Хева, ки амалан дар тобеъияти вассалии Русия воқеъ гардида буданд, мавҷудияти худро нигаҳ медоштанд.

Ҳукумати подшоҳӣ амирро ба хидматгори содиқи худ табдил дода, бисёр мулкҳои тоҷиконро аз қабили Қаротегин ва Дарвоз, ки пештар altниммустақил буданд, ба ихтиёри ӯ вогузошт.

Ғайр аз ин, ҳукумати подшоҳӣ Рушон, Шуғнон ва Вахонро, сарфи назар аз эътироз ва норозигии сахти аҳолии маҳаллӣ, тахти қазовати ами-

ри Бухоро қарор дод. Бо ҳамин ҳукумати подшоҳӣ гӯё мехост "кусури" заминҳои аз даст рафтаи амир, яъне қисми калони Дарвозро, ки ба Афғонистон дода буд, барорад.

## Таъсиси генерал-губернатории Туркистон ва низоми идоракунии он

**Сохти маъмурӣ**

Ҳукумати подшоҳӣ барои идора кардани қисмати ишғолшудаи Осиёи Миёна соли 1865 вилояти Туркистонро, ки марказаш шаҳри Тошканд буд, таъсис намуд. Соли 1867 бо фаро гирифтани вилоятҳои Сирдарё ва Ҳафтруд вилояти Туркистон ба генерал-губернатории Туркистон табдил ёфт. Дар сари он генерал-адютанти подшоҳӣ К.Т. Кауфман қарор гирифт. Ӯ ба ин вазифа бо "ярлики заррин"- и подшоҳ Александри II таъйин шуда, соҳиби ваколати номаҳдуде гашт. Кауфман ҳақдор буд, ки бо давлатҳои ҳамсоя музокироти дипломатӣ барпо намояд, ҷанг эълон кунад, сулҳ бандад ва монанди инҳо.



Фон -- Кауфман аввалин генерал – губернаториТуркистон.

Генерал-губернатор ҳама корҳои сиёсӣ ва сарҳадиро худ ҳал мекард. Ӯ метавонист сарҳади уездҳоро муайян кунад, тағйир диҳад ва аз ин хусус танҳо ба вазири ҳарбӣ хабар мера сонид. Генирал-губернатор метавонист бе ҳеҷ гуна суд намояндагони аҳолии маҳаллиро ба муддати панҷ сол аз кишвари Туркистон ронад. Вай ҳуқуқ дошт, ки иштирокчиёни шӯришро аз рӯи қоидаи замони ҷанг ба суд диҳад.

Амири Бухоро ва хони Хева ба ҳукумати подшоҳӣ танҳо ба воситаи генерал-губернатори Туркистон муроҷиат карда метавонист.

Умуман, дастури идоракунии кишвари Туркистон Низомномаи муваққатии соли 1867 гардид, ки онро подшоҳ тасдиқ карда буд. Кауфман ва ҳамкорони ӯ ба ташкили системаи идораи кишвари Туркистон шурӯъ намуданд. Мувофиқи Низомнома принсипи "идораи ҳарбии халқӣ" барқарор гардид.

Ин принсип минбаъд ба низомномаи идоракунии кишвари Туркистон аз 12 июни соли 1886 тақвият дода мешавад. Мувофики ин Низомнома идоракунии кишвар, ба ғайр аз идораҳои маҳкама, молия ва почтаву телеграф, дар ихтиёри вазорати ҳарбии империяи Русия мегузарад.

Аз ҷиҳати маъмурӣ генерал-губернатории Туркистон дар аввал ба ду вилоят тақсим мешуд — вилоятҳои Ҳафтруд ва Сирдарё. Сипас ба ҳайати вай се вилояти аз нав ташкилшуда — Фарғона, Самарқанд ва Закас-

пий дохил шуданд. Ҳар як вилоятро губернатори ҳарбӣ идора мекард. Аз тартиби чоришуда равшан мегардад, ки Русиян подшоҳӣ Осиёи Миёнаро ба дасти губернаторҳои ҳарбӣ — генералҳо супурда буд. Яъне сарварон аз генерал-губернатори Туркистон то сардори уезд, мардумро одамони ҳарбӣ идора менамуданд. Табақаҳои ҳукмрон ва дигар мардуми европоӣ аҳолии маҳаллиро "туземец" ("таҳҷой") номида, нисбат ба онҳо ҳамин ибораро истифода мекарданд.

Сиёсати ҳукумати подшоҳӣ сиёсати истисмор ва зулми миллӣ, сиёсати авҷ гирондани ихтилофи миллӣ буда, халқҳои вилоятҳоро аз ҳуқуқи сиёсӣ ва гражданӣ маҳрум карда буданд. Бе чуну чаро аҳолии маҳаллӣ ба чунин сиёсат норозӣ буд. Бинобар он тарсу ваҳм аз мардуми ин сарзамин ҳокимияти подшоҳиро маҷбур менамуд, ки халқҳои Осиёи Миёнаро доим дар ҳолати муҳосираи ҳарбӣ нигоҳ дорад.

Губернаторҳои ҳарбии вилоятҳоро подшоҳ бо пешниҳоди вазорати ҳарбӣ ва розигии генерал-губернатории Туркистон ва вазорати корҳои дохилии Русия таъин мекард ва ё аз кор мегирифт. Бинобар он губернатори вилоятҳо ҳуқуқи калонро соҳиб буданд.

Ҳар як вилоят ба уездҳо тақсим мешуд. Уездҳо аз сипоҳиён сардор доштанд. Дар навбати худ уезд ба участкаҳо тақсим буд. Онҳоро приставҳои участкавӣ (низ ҳарбиҳо) идора мекарданд. Участкаҳо ба волостҳо ҷудо мешуданд, ки онҳоро сардорони волост — оқсақолҳо идора мекарданд. Волостҳо ба ҷамоаи қишлоқ ё ҷамоаи авулҳо (дар маҳалҳои аҳолиаш кӯчманчӣ) тақсим мешуданд.

Дар ҳамаи вилоятҳои генерал-губернатории Туркистон, дар асри XIX зиёда аз панҷ миллион аҳолӣ мезист. Ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза ба ҳайати уезди Намангони вилояти Фарғона (Конибодом, Ашт, Исфара), уезди Хуҷанд (Хуҷанд ва Ӯротеппа) ва уезди Самарқанд (Панҷакент, Фалғар ва Мастчоҳ) ба вилояти Самарқанд дохил мешуданд.

Ҳукуматдорони подшоҳӣ ҳангоми тақсимоти маъмурӣ — ҳудуди мулки зеридасти худ сукунати таърихан ба вуҷудомадаи Осиёи Миёна, манфиати иқтисодӣ ва миллии онҳоро ба эътибор нагирифта, танҳо осонии кори андозгириро ба назар мегирифтанд. Онҳо ба кори идораи маъмурони поёнӣ, ки сардорони волостҳо дохил мешуданд, табақаҳои аҳолии маҳаллиро ҳам ҷалб мекарданд.

**Амирони Бухоро (1860-1920)**

Пас аз марги амир Насрулло иноии мамлакат ба дасти писари ягонаи ӯ Музаффар (1860-1885) расид. То ба ҷои падараш ба тахти амирӣ нишастан Музаффар ҳокими Кармина буд. Баъди ба сари қудрат омадани ӯ низ чанд маротиба ба сӯи Хӯқанд, Ӯротеппаву Хуҷанд ва Ҳисор лашкар кашид. Дар замони ҳукмронии Музаффар ҳаракати лашкари Русия барои ишғол намудани Осиёи Миёна оғоз ёфт. Аввалин шикасти лашкари амир аз Русия баҳори соли 1866 дар назди Ирҷар сурат гирифт. Баъди ин мағлубият лашкари Русия шаҳрҳои Хуҷанду Ӯротеппаро ҳуди ҳамон сол ишғол намуд. Бори

дуввум амир Музаффар аз лашкари Русия баъд аз ду сол дар Зирабулок шикаст хӯрд. Амир яке аз калонтарин шаҳрҳои Осиёи Миёна, ки Самарқанд буд, аз даст дода, маҷбур мешавад, ки бо императори рус шартномаи нобаробар имзо намояд. Мувофиқи ин созишнома аморати Бухоро давлати ниммустақил гардид.

Ба амир Музаффар муяссар мешавад, ки бо ёрии лашкари Русия бегии Шаҳрисабз, Ҳисор ва қисми ҷануби шарқии аморатро тобеъи аморат гардонад.

Дар замони ҳукмронии амири мазкур алоқаи дипломатӣ ва савдоии аморати Бухоро бо Русия, нисбат ба пештара, васеъ гардид.

Тобеъгии амирони Бухоро ба Русия то ба дараҷае расида буд, ки император Александри III писари амир Музаффар — Абдулаҳадхонро валиаҳди (вориси) тахти Бухоро таъин кард.

Амир Музаффар соли 1885, дар синни 61-солагӣ вафот кард. Абдулаҳад соли 1885 ба ҷои падараш тахтнишин гашт.

Амир Абдулаҳадхон дар замоне ҳукмронӣ кардааст, ки аморати Бухоро тобеъи Русия ва давлати ниммустақил буд. Амири мазкур дар шаҳри Санкт-Петербург таҳсил намуда, забони русиро омӯхт, бо корҳои ҳарбӣ сару кор пайдо намуд. Ҳукумати Русия Абдулаҳадхонро ба рутбаи генерал-адютантӣ соҳиб гардонида, ҳамчун генерали армияи савораи рус бо нишонаҳои алмосӣ мушарраф сохт. Императори рус ба ӯ ордени "Святой Александр"- ро супорид. Амир рамзан сардори полки 5-ми казакҳои Оренбургро дар ӯҳда дошт.

Дар замони ҳукмронии Абдулаҳадхон кӯҳистони Бадахшон тобеъи Русия, қисми зиёди Дарвоз тобеъи Афғонистон гашт. Дарёи Панҷ сарҳади ин ду давлат шинохта шуд.



Амир Абдулахад
/1885-1910/

Дар аҳди ҳукмронии ӯ ҳаракатҳои халқӣ дар дохили аморат пурзӯр гардид, ки калонтарин ва пурзӯртарини он шӯриши Восеъ дар қаламрави Балҷувони Ховалинг буд.

Амир Абдулаҳадхон аз рафтори баъзе рӯҳониёни сернуфузи Бухоро изҳори норозигӣ намуда, пойтахти худ — Бухороро тарк намуд ва дар шаҳри Кармина сокин гашт. Аз ҳамин шаҳр истода ӯ давлатро идора мекард. Ҳатто дар ҳини мухолифат ва қатлу ғорати маз-ҳабӣ байни сунниён ва шиаҳо дар Бухоро (соли 1910), ӯ супориши расмии ҳукумати русҳоро барои ба Бухоро рафта пахш кардани он қабул накард. Ин вазифаро амир ба ӯҳдаи писараш Олимхон ҳавола намуд.

Амир Абдулахадхон табъи шоирӣ дошт ва бо тахаллуси Оҷиз шеър мегуфт. Ӯ ба мусиқӣ, алалхусус, ба санъати қадимаи тоҷикон "Шашмаком" гаваҷҷӯҳ дошта, худ низ танбӯр менавохт.

Амир Абдулахадхон соли 1910 дар синни 52-солагӣ вафот кард. Писари ӯ Олимхон, ки аз тарафи императори рус валиаҳд тайин шуда буд, ба ҷои падар тахтнишин гашт. Дар замони ҳукмронии ӯ ҷанги якуми ҷаҳон сар зад. Дар Русия инқилоби Октябр ғалаба намуда, император Николаи II аз тахт ронда шуд. Баъд аз се соли ин воқеа армияи болшевикӣ Бухороро ишғол намуда, Олимхон амири гуреза гашт. Ӯ ба ҳудуди Афғонистон гузашта, дар пойтахти он — шаҳри Кобул сокин шуд. Подшоҳи Афғонистон ба Олимхон кӯмаки моддӣ расонида, ҳармоҳа ба ӯ маоши калон муайян кард. Соли 1944 дар синни 64-солагӣ ӯ дар ҳамин шаҳр вафот кард.

**Хонҳои Хӯқанд**

Хони Хӯқанд Худоёрхон се маротиба ба сари ҳокимият омад. Бори аввал ӯ солҳои 1844-1852, бори дигар солҳои 1862-1863 ва охирин маротиба — солҳои 1865-1875 мансаби хонӣ насиби ӯ гашт.

Дар солҳои ҳукмронии Худоёрхон забти Осиёи Миёна аз тарафи Русия оғоз ёфт. Лашкари Рус соли 1853 истеҳкоми Хӯқанд — қалъаи Оқ-Масчидро ишғол намуд.

Дар чунин шароити вазнини сиёсӣ муносибати дохилии хонигариҳои Осиёи Миёна ноустувор буд. Масалан, соли 1855 сӯиқасди бар зидди хон равоншуда, ки Рустамхон тӯра сарварӣ мекард, ошкор гашт. Инчунин бародари калонии Худоёрхон — Маллахон, ки ҳокими Тошканд буд, шӯриш бардошта, мехост, ки ба хонии Хӯқанд соҳиб шавад. Соли 1858 Маллахон бо ёрии қабилаҳои кӯчӣ бародараш Худоёрхонро аз тахт ронда, худ хони Хӯқанд шуд. Ҳукмронии Маллахон ҳамагӣ чор сол давом кард.

Қабилаҳое, ки Маллахонро ба сари қудрат оварда буданд, соли 1862 ӯро ба қатл расонида, ҷиянашро, ки Шоҳмуродхон ном дошт, ба тахти хонӣ бардоштанд. Дар ин ҳин Худоёрхони гуреза мақсад гузошт, ки бо ёрии амири Бухоро — Музаффар ва саркардаҳои Тошканд аз нав ба тахти Хӯқанд соҳиб шавад. Вале ҳокимияти ӯ дер напоид (1862-1863). Дар ин муддат Худоёрхон бо кӯчманчиёни музофоти Фарғона муборизаи беоқибат бурд. Аз ин мубориза истифода намуда, сарлашкари тавоно Олимқул метавонист Худоёрхонро аз тахт ронда худ соҳиби мулк гардад. Вале ба тахти Хӯқанд ӯ писари Маллахон — Султон Сайидхонро (1863-1865) шинонида буд.

Ноустувории дохилӣ дар Хӯқанд яке аз сабабҳои пирӯзии лашкари Русия дар Осиёи Миёна гашт. Русҳо сарзамини дар ҷануби Қазоқистон ва шимолии Қирғизистон воқеъбударо аз худ намуданд. Соли 1865 навбат ба шаҳри Тошканд расид. Ин рӯйдодҳо барои бори саввум ба сари ҳокимият омадани Худоёрхон сабаб шуданд. Қабилаҳои қипчоқ ва қирғизи водии Фарғона бар зидди хон истодагарӣ намуда, оқибат Худоёрхонро соли 1875 аз тахт ронданд. Ӯ ба Тошканд, зери парасторӣ ҳокимияти Русияи подшоҳӣ паноҳ бурд.

Сипоҳиёни Хӯқанд ба тарафи балвогарон (бо сардории Пӯлодхон) майл намуданд. Онҳо ба шаҳрҳои Хуҷанд ва Қурама, ки ҳудуди Генерал-губернатории Туркистон ҳисоб мешуданд, ҳамла намуданд. Ин амалиёт барои ба Хӯқанд, Марғелон ва Ӯш ворид гаштани лашкари подшоҳии рус баҳона шуд.

Дар ҳамин ҳин писари Худоёрхон — Насриддин хони Хӯқанд эълон шуд. Ӯ маҷбур мешавад, ки бо русҳо созишнома имзо намуда, худро тобеи ин давлат ҳисобад. Мулкҳои дар соҳили рости Сирдарё воқеъбудаи хони Хӯқанд тобеъи Генерал-губернатории Туркистон гаштанд. Хӯқанд аз ҳуқуқи бо ягон давлат (ғайри Русия) бевосита муносибат пайдо намудан маҳрум гашта, мебоист маблағи зиёде ҷарима ва товони ҷанг диҳад. Бекии Намангон аз хонии Хӯқанд ҷудо шуда, ҳамчун шӯъба ба ҳайати кишвари Туркистон ҳамроҳ карда шуд. Корсозону тоҷирони рус ба ҳамагуна имтиёзот дар ҳудуди хонии Хӯқанд соҳиб гардидаанд.

Созишномаи мазкур вазъияти тезу тунд ва пурташвишро барҳам надод. Шӯришчиён мардумро ба "ҷиҳод" даъват карданд.

Насриддин аз тахт ронда шуд.

Бо фармони Пӯлодхон шаҳри Хӯқанд аз тарафи собиқ ҳокими Ӯротеппа Абдулғаффорбек ишғол шуда, тахти хонӣ насиби Пӯлодхон гашт.

Байни сарбозони Хӯқанд ва аскарони подшоҳӣ задухӯрдҳои шадид ба амал омаданд. Хавфи аз имтиёзҳои ба дастовардашуда маҳрум гаштани ҳукумати подшоҳӣ ба миён омад. Инчунин шӯру ошӯбҳо метавонистанд тамоми кишвари Туркистонро фаро гирад. Бинобар ин ба водии Фарғона қувваҳои иловагии сипоҳиёни рус фиристода шуданд. Ба онҳо муяссар гардид, ки шӯришро пахш кунанд. Истиқлолияти давлати хонии Хӯқанд аз байн рафт. Мувофиқи фармони подшоҳ аз 19 феврали соли 1876 хоки давлати хонӣ бо номи вилояти Фарғона ба ҳайати кишвари Туркистон дохил карда шуд.

## ИШҒОЛ НАМУДАНИ ҶАНУБИ ШАРҚИИ БУХОРО

**Вазъият дар қисмати шарқии Бухоро**

Дар солҳои ҳукмронии Абдулкаримбий дар Ҳисор муносибати ин мулк бо ҳокимони Кӯлоб, Балҷувон, Дарвоз ва Бадахшон тезутунд гардид. Вале бо Бухоро муносибати ҳокими Ҳисор мӯътадил давом мекард. Ин навъ вазъият барои амири Бухоро айни муддао буд. Чунки амир бештар бо корҳои ҳамсоягони худ — Хӯқанду Хева машғул дошт. Аз чунин вазъият, яъне ба ном "танҳо" мондани Ҳисор, истифода намуда, беки Балҷувону Кӯлоб Каттабек ба муқобили Ҳисор лашкар кашид. Аммо ӯ ба мақсад нарасид, дар ҷанг мағлуб гашта ба ҳисориён асир афтод. писари Каттабек — Мирзобшоҳ аз беки Ҳисор Абдукаримбий хоҳиш намуд, ки падарашро қатл накунад. Вале мардуми Ромит қатли ӯро талаб мекарданд. Чунки Каттабек чанде пеш ба ин водӣ тохтутоз намуда, молу мулки зиёдеро ба яғмо бурда буд.

Мизробшоҳ барои қасос гирифтан ба ҷанг омода мегашт. Ӯ медонист, ки зидди Ҳисор истодагарӣ кардан мушкил аст. Бинобар ин ӯ ба шоҳи Дарвоз Исмоилхон муроҷиат намуд. Ин ду ҳоким ба ҳудуди Ҳисор ҳамла карда, Файзобод ва Душанберо ишғол намуда, онҳоро оташ заданд. Аз дараи Ромит ва дигар музофотҳои Ҳисор фотеҳон касони зиёдеро асир бурда, дар назди деҳаи Калтачанори Балҷувон ба қатл расониданд. Баъди чанд соли ин векеа Мизробшоҳ (1844-1859) вафот кард. Ба ҷои ӯ бародари хурдиаш Сарабек ҳокими Кӯлобу Балҷувон шуд.

Муносибати Кӯлобу Ҳисор дар замони ӯ каме мӯътадил гашт. Беки Ҳисор Абдукаримбек бо Сарабек забон як намуда, ба муқобили Дарвоз лашкар кашиданд. Лашкари Ҳисору Хатлон дар Обигарм ба лашкари Дарвоз зарба расонид. Иттифоқчиён Исмоилхонро таъқиб намуда, дар назди Тавилдара асир мегиранд ва ба Ҳисор меоранд.

**Забти Бухорои Шарқӣ**

Аз вафоти амир Насрулло (1860) истифода намуда, Ҳисор худро мустақил ҳисобид. Вале амир Музаффар, ки қувваҳои асосиашро бар зидди лашкари рус равона карда буд, имконият надошт, ки мулкҳои мустақилгаштаи Бухорои Шарқиро ба зери итоати худ баргардонад. Танҳо соли 1867 амир баъди аз даст додани шаҳрҳои Хуҷанд, Ӯротеппа ва Ҷиззах, ба сӯи Ҳисор лашкар кашид. Ба муқобили амири Бухоро дастаҳои ихтиёрии мулкҳои Бухорои Шарқӣ бо сардории беки Ҳисор Абдулкаримбий қарор гирифта буданд. Вале онҳо яроқи кофӣ надоштанд. Бинобар он қӯшуни Бухоро дар натиҷаи ҳарбу зарби сахт ҳисориҳоро ақиб нишонда, дар қалъаи Деҳнав онҳоро ба муҳосира гирифт ва сипас шабохун зада, қалъаро ишғол намуд. Сарбозони амир ба қатли оми даҳшатангезе шурӯъ карда, ҳар каси ба дасташон афтодаро нобуд сохтанд.

Ба чанде аз ҳисориҳо ва иттифоқчиёни онҳо муяссар гардид, ки ба самти Қаротегин, Дарвоз ва Кӯлоб гурехта ҷон ба саломат баранд. Аз он ҷумла беки Ҳисор Абдулкаримбий додхоҳ ба Кӯлоб паноҳ бурд. Аммо Сараҳон ӯро бо чанд нафар аз наздиконаш ба амир Музаффар супорид. Ин кор Кӯлобро аз ҳамлаи лашкари Бухоро наҷот надод. Онгоҳ Сараҳон қувваҳои худ ва атрофиёнро ҷамъ намуда, саъй намуд, ки пеши роҳи сарбозони амирро гирад. Беки Деҳнав Улуғбек ба кӯмаки ӯ шитофт.

Амири Бухоро қувваи анбӯҳро бо ёрии русҳо гирд оварда, бо сардории Яъқуббек қушбегӣ ба муқобили ҳисориён ва иттифоқчиёни онҳо равон кард. Ҳар як ҳамлаи сарбозони Бухоро бо ғорати шаҳру деҳот ва қатли оми мардуми бегуноҳ анҷом мепазируфт. Дар як худи Ҳисор панҷ ҳазор кас ба қатл расид.

Бо мақсади комилан аз байн бурдани истиқлолияти бақияи мулкҳои ин ноҳия амир Музаффар фармуд, ки ҳокими Ҳисор Абдулкаримбийро бо

20 нафар хонаводааш нобуд созанд. Сарахон аз кушта шудан тарсида, ба хоки Афғонистон фирор намуд.

Ҳисору Кӯлоб тахти қаламрави Яъқуббек қарор гирифт. Ба ӯ ихтиёри номаҳдуди идоракунӣ дода шуд.

Ин музаффарияти муваққатии аморати Бухоро дар мулки Ҳисор буд. Яъқуббекро дар ин мулк Раҳмонқул парвоначӣ иваз намуд.

Ишғоли Самарқанд аз тарафи лашкари подшоҳии рус ҳаёти сиёсии аморати Бухороро ба ҷӯш овард. Касон ва қабилаҳои аз амир норозӣ бо сардорони яке аз писарони амир Музаффар — Абдулмаликтура ба амалиёти сиёсӣ камар бастанд. Вале нақшаҳои тӯраи мазкур амалӣ нагаштанд. Оқибат ӯ шикаст хӯрда ба Ҳиндустон фирор намуд.

Муваффақияти амир аз болои писари худ имконият дод, ки Ҳисорро аз нав ба тобеияти Бухоро баргардонад. Ба ҳисориён боварии амир намонда буд. Ӯ дар ин мулк чор ҳазор сарбозро бо 11 адад тӯп ҷойгир намуд. Амир писараш Абдулмӯъминхонро ба сифати ҳокими Ҳисор таъин намуд. Вале доираи ҳукмронии ӯ маҳдуд гашта буд. Акнун ба Абдулмӯъмин танҳо Ҳисор тобеъ буда, бекигариҳои Кӯлоб, Дарвоз, Балҷувон, ҳар кадом баробарҳуқуқ гаштанд ва бевосита ба амир итоат мекарданд.

Абдулмӯъминхон дар давоми 15 соли ҳукмронии худ дар Ҳисор (1871-1886) худсарона мулкро идора намуда, онро ба харобазор табдил дод.

Соли 1885, баъд аз вафоти амир Музаффар, ба тахти Бухоро писари ӯ Абдулаҳадхон нишаст. Азбаски ҳокимияти Бухоро ба Абдулмӯъминхон нарасид, ӯ зидди бародараш амал намуд. Бинобар ин ӯ аз Ҳисор азл гашта, ҳокими Бойсун таъин шуд.

Ба ҷои Абдулмӯъминхон дар Ҳисор шахси маъруфи аморати Бухоро Остонақул қушбегӣ, писари Аббосбӣ ҳоким таъин шуд. Ӯ бист сол (1886-1906) ин вазифаро дар ӯҳда дошт. Тобеияти Кӯлоб, Дарвоз ва Қаротегин ба Ҳисор аз нав барқарор гашт. Илова бар он, ин шахс ягона ҳокиме буд, ки ҳаққи ҳукми қатл бароварданро аз амир гирифта буд. Дар навбати худ Остонақул қушбегӣ яке аз сарватмандтарин касон дар аморати Бухоро ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар Истамбул, Маккаву Мадина бошишгоҳҳо бино кардааст, ки ҳоҷиён ҳангоми сафар ба тавофи Каъба аз ҳаҷ озоре наёфта, бо хотири шод баргарданд. Рамаҳои ҳокими Ҳисор то ҳудуди генерал-губернатории Туркистон ба чаро бурда мешуд. Худи ӯ дар ҳайъати сафорати амир ва ба сифати сафири амири Бухоро борҳо ба Русия сафар карда, сазовори ордени императори Русия гардидааст.

Дар соли дуввуми ҳукмронии Остонақул қушбегӣ дар Балҷувону Ховалинг шӯриши Восеъ сар зада буд. Баъд аз пахш кардани шӯриш Восеъро асир гирифта ба Ҳисор, ба назди Остонақул қушбегӣ оварданд. Ӯ ба исёнгар ҷазо надода, ӯро ба назди амир Абдулаҳад равон кард.

Дар солҳои ҳукмронии Остонақул қушбегӣ дар Ҳисор ва мулкҳои дигари тобеъи ӯ ҷангҳои хонумонсӯзи горатгарона қатъ гаштанд.

## САРЧАШМА

**Шартнома байни Русия ва аморати Бухоро дар соли 1873**
**(Баъзе моддаҳо)**

**Моддаи 1**

Хати сарҳадии байни мулкҳои тобеи ҷаноби аълоҳазрат императори тамоми Русия ва ҷаноби олӣ амири Бухоро бе тағйир мемонад.

Дар баробари ба тобеии Русия гузоштани тамоми заминҳои Хева, ки дар соҳили рости дарёи Амударё воқеанд, сарҳади пештараи аморати Бухоро бо хонии Хева барҳам дода мешавад.

**Моддаи 2**

Дар баробари аз хонии Хева ҷудо шудани соҳили рости Амударё, тамоми роҳҳои корвонгард, ки аз Бухоро ба шимол, ба мулкҳои Русия мебаранд, фақат ба воситаи ҳудуди Бухоро ва рус мегузаранд. Барои бехатарии ҳаракати корвон ва туҷҷорон дар ин роҳҳо ҳар ду ҳукумат — ҳукумати рус ва Бухоро ҳар кадом дар дохили ҳудуди худ назорат мекунанд.

**Моддаи 5**

Тамоми шаҳру қишлоқҳои аморати Бухоро барои савдои рус кушодаанд. Туҷҷорон ва корвонҳои рус дар тамоми сарзамини хонигарӣ бемалол рафтуой карда метавонанд ва аз пушту паноҳи маҳаллӣ имтиёзманд мегарданд. Барои бехатарии корвонҳои рус дар дохили мулкҳои Бухоро ҳукумати Бухоро ҷавобгар аст.

**Моддаи 7**

Ба туҷҷорони рус ҳуқуқ дода мешавад, ки молҳои худро ба воситаи мулкҳои Бухоро бе закот ба тамоми заминҳои ҳамсоя баранд.

**Моддаи 8**

Ба туҷҷорони рус имконият дода мешавад, ки дар ҷойҳои зарурии шаҳрҳои калони Бухоро корвонсарой сохта, молҳои худро нигоҳ доранд. Дар шаҳрҳои кишвари Туркистон ба туҷҷорони Бухоро низ ҳамин хел ҳуқуқ дода мешавад.

**Моддаи 15**

Барои он, ки бо ҳокимияти олӣ дар Осиёи Миёна муносибати доимӣ ва бевосита барпо карда шавад, амири Бухоро аз ҷумлаи одамони наздики худ шахси боэътимодро сафир ва намояндаи доимии худ дар Тошканд таъин мекунад. Ин намоянда дар Тошканд дар бинои аморат ва аз ҳисоби он зиндагӣ мекунад.

**Моддаи 16**

Ҳукумати подшоҳӣ низ метавонад намояндаи доимии худро дар Бухоро, дар ҳузури аълоҳазрат нигоҳ дорад. Намояндаи ҳокимияти рус дар Бухоро монанди намояндаи амир дар Тошканд дар сафоратхона ва аз ҳисоби ҳукумати рус зиндагӣ кунад.

**Моддаи 17**

Аз ин вақт эътиборан дар ҳудуди Бухоро савдои нангини одамфурӯшӣ, ки он ба қонунҳои инсондӯстӣ мухолиф аст, абадан барҳам дода

шавад. Мувофиқи ҳамин қарор Сайид Музаффар алҳол ба ҳамаи бекҳои худ дар ин хусус мактуби ҷиддӣ мефиристонад ; ба шаҳрҳои тобеи Бухоро, ки аз мамлакатҳои ҳамсоя барои фурӯхтан ба фуқарои Бухоро ғуломон оварда мешаванд, ғайр аз мактуби зикршуда дар бораи манъ кардани ғуломфурӯшӣ боз фармоне фиристода мешавад, ки мувофиқи он ғуломони бархилофи фармони амир ба он ҷо овардашуда аз дасти соҳибони он кашида гирифта шуда, фавран озод карда мешаванд.

## ШОҲИДИИ АҲМАДИ ДОНИШ

Касро на аз сипоҳ ва на аз уламо маҷоли он набуд, ки ҳақиқати шаръиро ба подшоҳ арз кунад. Ҳар чизе, ки мувофиқи раъи худ писандид, онро ба рағми худ шариат даниста, бе або амал менамуд. Он чизро, ки хилофи раъи худ медид, онро хилофи шариат медонист, аз уламо талабе фатво мекард. Кадоме, ки мувофиқи шаръ ва мухолифи раъи ӯ фатво диҳад, ба андак замоне ба ранги ҷиноятро ба ӯ нисбат дода, ба мусодираи амвол ба амлок ва ихроҷ кардани ӯ амр мекард. Чунон ки тақрибан ба сад ҳавлии хурд подшоҳе, ки дар Бухоро аст, тамоми он мусодираи амсоли уламо ва умаро, мулки мурусии онҳо, ки аз тарафи амир зулман ахс кардагӣ аст.

Ва баъзе аз уламои ҳақношинос манфиати ҳозираро мадди назар карда, "мулку моли фуқаро ҳамагӣ азони подшоҳ аст, риоёро моликияти ҳақиқӣ ба шайъе нест, агар чи подшоҳ аз ҳар як раъия ситонида гирад, тасарруф ба ғайри ҳад, ҳақ не, балки тасарруф дар мулки худ аст, ҷабру заҷр нест" гуфта, фатво ҳам дода буданд.

**Савол ва супориш**

1. Дар арафаи забти Осиёи Миёна аз тарафи Русия чӣ воқеаҳо дар ин ҷо чараён доштанд ?
2. Сабабҳои забти Осиёи Миёнаро аз тарафи Русияи подшоҳӣ нақл кунед.
3. Аввалин шикасти лашкари амири Бухоро кай рух дод ?
4. Кадом шаҳрҳои Тоҷикистони кунунӣ аз тарафи Русия забт шуда буд ?
5. Шартҳои асосии аҳдномаи соли 1868- ро нақл кунед.
6. Болооби дарёи Зарафшон ва қисми Помир аз тарафи Русия кадом солҳо забт шуданд ?
7. Оқибатҳои забти Русия аз кадомҳо иборатанд? (Тарафҳои мусбӣ ва манфии он).
8. Сохти маъмурии дар сарзамини аз тарафи Русияи подшоҳӣ ишғолкардаро нақл кунед.
9. Амирони Бухоро ва хонҳои Хӯқандро номбар кунед. Кадом солҳо онҳо ҳукмронӣ карданд ?
10. Амалиёти ҳарбии аморати Бухороро дар қисмати шарқии он номбар кунед.

# БОБИ VI

## ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

**Оқибатҳои иқтисодии забти Русия**

Осиёи Миёна аз тарафи империяи Русия дар ҳамон вақте забт шуд, ки дар давлат ҳуқуқи крепостной барҳам хӯрда буд ва Русия давраи дигаргунисозиҳои буржуазиро аз сар мегузаронид. Ин давраи тараққиёти босуръати капитализми саноатии Русия буд. Капиталистони Рус Осиёи Миёнаро мустамлика медонистанд, зеро вай ба онҳо пеш аз ҳама барои саноат чун манбаи ашёи хом лозим буд.

Вале баъд аз ишғоли Осиёи Миёна аз тарафи Русия сармоядорони ин давлат ба истеҳсолоти мулки забткардаашон ҳанӯз фаъолона дахолат намекарданд. Чунки амалиёти ҳарбӣ ҳанӯз катъ нагашта, роҳҳои оҳан сохта нашуда буд. Сармоядорони рус кишвари забткардаашонро аз нуқтаи назари манфиатнокиаш мехостанд пурра омӯзанд. Бинобар он воридоти сармоя ба Осиёи Миёна нисбатан кам буда, дар содироти молӣ то солҳои 90 асри XIX ягон навъи маҳсулот мавқеи намоёни пайдо накарда буд.

Сиёсати мустамликахоҳонаи Русия ба он нигаронида шуда буд, ки эхтиёчоти саноати тараққиёбандаи худро аз ҳисоби ашёи хоми сарзамини Осиёи Миёна қонеъ гардонад.

Ҳукумати подшоҳӣ ва саноатчиёни рус ба тараққиёти саноати Осиёи Миёна манфиатдор набуданд. Онҳо ба тараққиёти саноати коркардабарой монеъ мешуданд ва ба сохтмони соҳаҳои саноати вазнин — саноати мошинсозӣ, нефт, химия, энергетика ва ғайра роҳ намедоданд. Ба ақидаи мустамликадорон Осиёи Миёна мебоист ба манбаи ашёи хом табдил ёбад.

Дар солҳои мустамликадории Русия дар Осиёи Миёна муносибатҳои капиталистӣ рӯ ба инкишоф ниҳода бошад ҳам, саноати вазнин ё сабук ба вуҷуд наомад. Дар сарзамине, ки пахта кишт мешуд, саноати бофандагӣ сохта нашуд. Иттиҳоди соҳибкорони саноати бофандагии Русия нагузошт, ки дар вилоятҳои пахтакор саноати бофандагӣ пайдо шавад. Онҳо ҳатто нагузоштанд, ки баъзе соҳибкорони маҳалӣ муассисаҳои хурди бофандагӣ кушоянд. Чунки капиталистони рус мақсад гузошта буданд, ки моли хоми Осиёи Миёна корхонаҳои бофандагии онҳоро дар шаҳрҳои саноатӣ (Москва, Петербург, Иваново ва ғайра) таъмин намояд. Саноате, ки капиталистони рус дар Осиёи Миёна бино менамуданд, характери мустамликавӣ дошт, яъне он асосан ашёи хоми хоҷагии қишлоқро кор карда мебаровард ва аз саноати пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, ордкашӣ, чармгарӣ, шаробпазӣ иборат буд. Масалан, аз 14 корхонаи фабрику заводии дар уезди Хуҷанд мавҷудбуда 8-тоаш маҳсулоти чорводорӣ, 5-тоаш маҳсулоти растанӣ мебаровардаид ва танҳо яктояш барои қонеъ гардонидани эхтиёҷи маҳаллӣ истеҳсол мекард.

Аз рӯи қоидаи ҷоринамудаи мустамликадорон фабрикаву заводҳои дар Тошканд, Самарқанд, Хӯқанд, Хуҷанд ва дигар шаҳрҳо сохташуда

пахтаро тоза карда, баъд онро ба Москва, Ярославл, Иваново-Вознесенск, Варшава, Лодз ва дигар шаҳрҳои саноатии империяи Русия мефиристоданд, ки дар он чойҳо фабрикаҳои калони бофандагӣ кор мекарданд. Маҳсули дар ин фабрикаҳо истеҳсолшуда ба сокинони Осиёи Миёна бо нархи баланд фурӯхта мешуд.

Саноатдорони рус ба зиёд истеҳсол намудани пахтаи Осиёи Миёна ҳавасманд буданд. Бинобар он, онҳо ба ташкили хочагии бузурги пахта (плантасияҳои пахта) сар карданд. Аввалин плантасияҳо дар вилояти Фаргона, Самарқанд ва Тошканд сохта шуд. Вале кори ташкили плантасия барор нагирифт. Чунки онҳо фаровонҳосилу фоиданок шуда натавонистанд. Бинобар он соҳибони саноат роҳи истифода намудани пахтачалобони маҳаллиро пеш гирифтанд. Ин кор чунин маънӣ дошт, ки дар соҳаи пахтакорӣ амалан ҳамаи муносибати кӯҳнаи нимфеодалӣ нигоҳ дошта шуд.

Яке аз навигариҳо, ки дар соҳаи истеҳсоли пахта дар хочагии деҳқонони Осиёи Миёна пайдо шуд, ин чорӣ намудани навъҳои нави нисбатан сермаҳсули пахта буд. Барои ёрӣ расондан ба тараққиёти босуръати пахтакорӣ дар Осиёи Миёна ҳукумати подшоҳӣ ба пахтае, ки аз Амрико мекашониданд, бочи калон андохт.

Дар ҳудуди генерал-губернатории Туркистон дар солҳои мустамликавӣ корхонаҳои зиёд сохта шуданд. Вале онҳо корхонаҳои саноатии хурд ва сатҳи техникиаш паст буд. Дар онҳо меҳнати дастӣ, меҳнати кӯдакон ва наврасон васеъ истифода мешуд. Масалан, фабрикаи шоҳибофии Хучанд, ки соли 1872 ба кор даромада буд, як мошини бугӣ дошт, ки 73 дастгоҳро ба кор медаровард. Фабрика як усто, се коргар, 73 ресанда ва чор нафар коргари беихтисос дошт. Фабрикаи мазкур ба савдогарони рус тааллуқ дошта, яке аз корхонаҳои калонтарин дар қисмати шимолии Тоҷикистони ҳозира ҳисоб меёфт.

Дар охири асри XIX дар Ӯротеппа, Деҳмой ва Хучанд заводҳои шаробкашӣ сохта шуданд, ки онҳо аз они савдогарони рус буданд.

Соли 1873 дар уезди Хучанд нахустин заводи шиша ва дере нагузашта, заводи дуюми шиша ба кор андохта шуд, ки 72 коргар дошт. Коргарон дар бинои завод мезистанд, дар як шабонарӯз 16-18 соат кор мекарданд ва барои ҳар рӯзи корашон 35 тин музд мегирифтанд. Дар дигар корхонаҳо ҳам рӯзи корӣ 12 соат ва аз ин ҳам зиёд давом мекард. Маоши аксар коргарон ба хӯрондан ва пӯшонидани оилаашон намерасид. Нишони истисмори коргарон аз тарафи соҳибкорон дар ҳамин буд.

Ҳукумати подшоҳии Русия барои амалӣ гардидани манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ-стратегии худ дар солҳои 70 асри XIX нақшаи сохтмони роҳи оҳанро кашид, ки он Осиёи Миёнаро бо Русия мепайваст. Муҳокимаи ин масъала боиси ҳангомаю майлу рағбати ҳасудомези пургарази соҳибкорон шуд. Дар масъалаи самти роҳи оҳани Осиёи Миёна лоиҳаҳои бисёр пешниҳод шуданд. Оқибат аввалин хатти роҳи оҳанро дар вилояти Закаспий сохтанд. Соли 1885 роҳи оҳан то Ишқобод, соли 1888 то Самарқанд ва соли 1898 то Тошканд кашида шуд.

Аммо барои таъмини эхтиёчи ин кишвари беканор як хатти рохи охан кам буд. Ба ин сабаб дар ибтидои асри XX сохтмони хатти нави рохи охан сар шуд. Ин рох мебоист пойтахти генерал-губернатории Туркистон — шахри Тошкандро бо Оренбург мепайваст. Сохтмони ин рох бо суръат пеш мерафт. Окибат соли 1905 хатти каспигии рохи охан бо хатти рохи охани Оренбург пайваст шуд. Анчоми ин кор ба табакаи дворяну помешикхо ва буржуазияи Русия барои истисмори бештари сарватхои табий ва ахли мехнати Осиёи Миёна имкони фаровонтаре ба даст овард.

Дар навбати дигар, махсулоти дехконон ва косибони Осиёи Миёна ба тамоми бозорхои генерал-губернатори Туркистон ва ба дигар чойхои Русия чой ёфт. Ба сабаби сохтмони рохи охан худуди нохияхои пахтакории водии Фаргона — шахрхои Хўканду Андичону Маргелон, дар шимоли Точикистони кунунӣ муносибатхои капиталистӣ ба андозае инкишоф ёфтанд.

Сохтмони рохи охан на танхо кашондани ашёи хомро ба метрополия, яъне ба Русия, осон намуд, балки нохияхои алохидаи Осиёи Миёна, аз чумла як кисми шахрхои аморати Бухороро ба хам мепайваст, инчунин рафтуои мардумро осон мегардонид. Ба сабаби ба кор даромадани рохи охан бозору дўконхои нав ба кор даромаданд.

Рохи охан то Ўротеппа сохта нашуда буд. Бинобар он сокинони нохия ва савдогарони он аз хизмати истгохи (стансияи) Черняево (хозира Хавос) истифода мебурданд, соли 1900 танхо бо воситаи ин истгох зиёда аз 13100 мусофир омада буд, кариб 12500 пуд бор кабул ва такрибан 38000 пуд бор равон карда шуд.

Тавассути ашёи хоми аз Осиёи Миёна воридгашта завод ва фабрикахои Русия бо кор таъмин шуда, сохибкорони ин давлат сарватмандтар мегаштанд.

Сохтмони рохи охан имкон дод, ки дар зарфи якчанд дахсола мубодилаи мол байни Русия ва Осиёи Миёна бештар аз 10 маротиба зиёд шавад.

Нисбат ба худуди генрал-губернатории Туркистон дар аморати Бухоро, махсусан кисмати кўхистонии он, молхои русӣ фаровон набуданд. Сабаб он, ки кашондани мол ба он чойхо мушкил ва муносибатхои молию пулӣ суст буд. Чои асосии фурўши молхои русӣ дар каламрави амир шахри Бухоро буд. Савдогарони бой ва худи амир аз саноатчиёну савдогарони рус харидхои калон мекарданд.

Молхои аз Русия содиргашта нисбат ба махсули косибони махаллӣ арзон буд. Кўхистониён бо рағбати тамом молхои арзони фабрикаро мехариданд. Азбаски онхо пул надоштанд, ба ивази он гандум ё гўсфанд медоданд. Масалан, дар дехаи Шидзи Бадахшон ба ивази ду кордча хирманчойро фурўхтаанд.

Шамъ, гўгирд, собун, карасин чизхое буданд, ки мардум пештар кариб дар кўхистон истеъмол намекард. Бнобар он онхо холо нағз ба фурўш мерафтанд. Савдогарон ва хатто худи бекхо аз ханнотӣ рў намегардон-

данд. Масалан, беки Қаротегин ба Фарғона як рама гӯсфанд оварда фурӯхта ба пули он бисёр молҳои русӣ харида, баъд онҳоро дар қаламрави худ ба пули калон фурӯхтааст.

**Сиёсати муҳоҷиркунӣ**

Ҳукумати подшоҳӣ аз солҳои аввали ҳукмронӣ дар сарзамини ишғолкардааш кӯшиш мекард, ки мавкеашро дар мустамликааш мустаҳкам намояд. Бинобар он аз солҳои 70 асри XIX сар карда, ба микёси васеъ дар Осиёи Миёна муҳоҷирони русро ҷойгир намуданд. Максади ин сиёсат суст кардани мавқеи деҳқонони руси аз ҳукумати худ норозӣ дар ҳудуди Русия ва такягоҳи миллию синфие сохтан дар ҳудуди кишвари ишғолкардаи подшоҳ буд. Ҳол он ки эхтиёҷ ба муҳоҷирати деҳқонони рус ба Осиёи Миёна набуд. Дар ин мулк, махсусан дар қисмати кӯхии он, деҳқонони безамин ё камзамин зиёд буданд. Дар ин ҳолати ғамхорӣ дар ҳакки онҳо ва умуман дар ҳусуси хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна, деҳқонони маҳаллӣ барои аз худ намудани заминҳои навкорам нисбат ба деҳқонони рус бештар хизмат карда метавонистанд. Муҳоҷирони рус дар ибтидо, дар аксар заминҳои сокингаштаашон маҷбур мешуданд, ки аз системаи кӯҳнаи наҳрҳои обёрикунанда истифода баранд. Ҳукумати подшоҳӣ тамоми манбаъҳои обро ба даст гирифта, аз байни худ миробҳо таъйин мекард ва ба ин васила дар қишлоқҳои мардуми муқимӣ ва муҳоҷирон хӯҷаини мутлақ гардида буд.

Аҳволи муҳоҷирони рус дар вилояти Самарқанд махсусан бад буд. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ ба сафи бекорон дохил шуда, дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ ба феодалони маҳаллӣ ва кулакҳои рус муздурӣ ва мардикорӣ мекарданд. Ба меҳнткашони тоҷик аён гашт, ки коргарон ва деҳқонони камбағали рус, ки ҳамроҳи онҳо кор мекарданд, мисли онҳо аз ҷабру зулми ҳукумати подшоҳӣ дар азобанд.

Сиёсати муҳоҷиркунии ҳукумати подшоҳӣ, ки барои худ такягоҳи миллии синфӣ сохтан буд, беихтиёр барои тавлид ва ривоҷи иттифоқи синфии меҳнаткашони Осиёи Миёна бо деҳқонони камбағали рус, бо батракҳо ва коргарони роҳи оҳану заводҳои пахта ва равған шароит фароҳам овард.

Дар ҳудуди уезди Хуҷанд якчанд посёлкаҳои руснишин бино ёфтанд (посёлкаҳои Романевский, Серетино ва ғайра). Ташкилёбии чунин деҳаҳои руснишин, бар хилофи мақсаду мароми ҳукумати подшоҳӣ, аҳамияти мусбат низ пайдо карданд. Аҳолии маҳаллӣ бо деҳқонони рус муносибати дӯстона пайдо намуда, аз онҳо усулҳои нисбатан пешқадами хоҷагидории деҳқониро меомӯхт, баъзе олотҳои кишоварзиро аз худ мекард (доси калон, плуг ва ғайра). Мардуми таҳҷои ҳамсоякишлоқ аз деҳқонони рус бо тарзи зиндагӣ ва ҳаёти онҳо шинос шуда, забони русиро каму беш меомӯхт. Ғояҳои пешқадами демократӣ дар навбати аввал дар байни аҳолии посёлкаҳои руснишин паҳн мешуданд.

Муҳоҷирони рус, ки баъзан маҷбуран ё соҳибихтиёрона аз губернияҳои марказии Русия ба Осиёи Миёна бо мақсади пайдо намудани ҳаёти фаровон кӯч баста буданд, аз омаданашон пушаймон гашта, бар зидди

тартиби идоракунии мустамликавӣ ва амалдорони подшоҳӣ намунаҳои баланди мубориза нишон медоданд. Аз ин нуқтаи назар посёлкаҳои руснишин дар ҳудуди Осиёи Миёна нақши мусбӣ бозиданд.

Мулкдорони хурди деҳқононе, ки дар як порча замин кор мекарданд, маишати худро ҳеч таъмин карда наметавонистанд. Онҳо ба дасти судхурҳо афтода, хонахароб мешуданд, дар сурати адо накардани қарз ё надодани андоз, аз заминашон маҳрум гардида, ба сафи чоряккорон ё батракон дохил мешуданд.

**Вазъияти ҳунармандӣ**

Дар ибтидои солҳои забт намудани Осиёи Миёна аз тарафи Русия дар соҳаи ҳунармандӣ баъзе пешравиҳо дида мешуд. Косибони шаҳрҳо дар симои сарбозон, афсарони рус ва зиёиёни аз Русия омада харидорони нав пайдо карданд. Барои таъмини ҳамаи ононе ки аз Русия ба Осиёи Миёна омада буданд, нақлиёт намерасид. Аз қисмати европоии Русия кашонда овардани бор ба мулкҳои ишғолкарда, бо сабаби набудани роҳи оҳан ва мушкилгузар будани роҳҳои корвонгузар, ниҳоят гарон меафтод. Аз ҳамин сабаб ҳайати фармондеҳии лашкари дар Осиёи Миёна будаи Русия маҷбуран як қисми талаботашонро аз ҳисоби маснуоти ҳунармандони маҳаллӣ қонеъ мегардониданд.

Лашкари рус аз кӯчманчиёни маҳаллӣ истифодаи хаймаҳои пӯстиро омӯхтанд. Ин хаймаҳо аз ҳар ҷиҳат ҳангоми лашкаркашӣ ва умуман барои зиндагии муваққатии сарбозон хеле қулай буд. Барои сарбозон асбобҳои хандаққобӣ намерасид. Бинобар он онҳо аз каланду бели маҳаллӣ истифода мебурдагӣ шуданд. Ба эҳтиёҷи сарбозон маҳсулоти кулолгарӣ (пиёла, табақ, коса ва ҳоказо) низ истифода мешуд. Барои пӯшонидани биноҳои маъмурӣ ва истиқоматӣ русҳо аз хизмати устоҳои дуредгар, гилкор ва дигарҳо истифода мебурданд.

Аз маснуоти ҳунармандони маҳаллӣ истифода бурдани аскарон ва зиёиёни рус саноати косибиро хеле тағйир дод. Ҳайати фармондеҳӣ ва дигар эҳтиёҷмандони аврупоӣ мувофиқи табъи худ ва эҳтиёҷашон ба косибон супориш медоданд. Ин буд, ки сифати маҳсулоти ҳунармандӣ беҳтар гардида, рисолаи амалкунандаи косибӣ, ки баъзан ба пешравии ҳунармандӣ халал мерасонид, тағйир дода шуд.

Ҳунармандон на танҳо ба намунаҳои маҳсулоти ҳунармандони рус тақлид мекарданд, балки аз устоҳои рус ё намунаи маҳсули онҳо тайёр кардани хелҳои нави маҳсулоти гуногуни дигар халқҳоро меомӯхтанд. Ин дигаргуниҳо доираи назари косибони маҳаллиро васеъ, навъҳои маҳсулоташонро зиёд кард.

Ҳунармандони маҳаллӣ мекӯшиданд, ки талаботи нави харидоронро қонеъ гардонанд ва тадриҷан сохтани бисёр асбобҳои нави русиро ёд гирифта, дар истеҳсоли худ ҷорӣ намоянд, яъне дар олоти истеҳсолии онҳо низ тағйирот ба амал омад. Дуредгарон асбобҳои пӯлодиро бештар истифода мебурдагӣ шуданд. Бофандагон мокуи фулузиро ба кор бурданд. Ран-

губорчиён ба чои рангхои табиии аз растанихо истехсолкарда, ки гарон меистод, рангхои сунъиро низ ба кор мебурдагӣ шуданд.

Умуман, дар корхонаҳои косибон чизҳои техникӣ кам буд ё худ набуд. Кор асосан дастӣ анчом дода мешуд. Тайёр кардани маснуот меҳнати зиёдеро талаб мекард. Дарачаи маҳсули меҳнат нисбат ба фабрикаҳо хеле паст буд. Барои ҳамин ҳам арзиши аслии моли косибон нисбат ба моли фабрика хеле болотар меистод.

Дар охири асри XIX баробари аз маркази Русия омадани молҳо вазъияти косибон якбора табоҳ шуд. Дар марҳилаи аввал соҳибкорони рус — соҳибони фабрика, завод, савдогарони калон — талаботи бозорҳои Осиёи Миёнаро ба тафсил омӯхтанд ва анвои моли худро маҳз ба ҳамин талабот муносибу мувофиқ намуданд. Дере нагузашта аз Русия ба бозорҳои Осиёи Миёна читҳои гулдор, чойнику пиёла, косаву табақҳои чинӣ, маснуоти мисин, сӯзан, собун, карасин, чарчинворӣ барин молҳои фабрикӣ омадан гирифтанд, ки нархи онҳо аз нархи косибони маҳаллӣ хеле пасттар буданд. Аз ҳамин сабаб баъзе аз маҳсули устоҳои маҳаллӣ ба фурӯш нарафта, рӯ ба касодӣ ниход. Масалан, мувофиқи маълумоти соли 1871 дар ноҳияи Ӯротеппа 18 корхонаи рангрезӣ, 25 дӯкони оҳангарӣ, 18 устохонаи кулолӣ ва ғайра амал мекарданд.

Баъд аз 25 сол, яъне дар охири асри XIX (соли 1897) аз онҳо 10 корхонаи рангрезӣ, 10 дӯкони охангарӣ, 5 устохонаи кулолӣ монда буду халос.

Рақобат махсусан дар соҳаи кулолӣ барьало ҳис карда мешуд. Чунки зарфҳои аз Русия ба Осиёи Миёна меовардагӣ арзон буданд. Музди кори кулолҳо кам шуда, аз рӯи маълумоти расмӣ, дар як рӯз 36 тинро ташкил медод. Косибони дигар аз ин бештар музд кор намекарданд. Бинобар ин косибони баъзе соҳаҳо ба рақобат тоб наоварда, устохонаҳои худро баста, ба корхонаҳои калонтар, ба сифати коргар дохил мешуданд. Оҳиста-оҳиста дар ин кишвар бекорию бенавоӣ зиёд шуд.

**Ислоҳоти замин**

Дар солҳои аввали забти Осиёи Миёна аз тарафи Русия маълум гашт, ки кишвари зери дасти онҳо барои хазинаи подшоҳ фоидаи даркорӣ намедиҳад. Бинобар ин мебоист чораҳои таъчилӣ дида шавад. Яке аз чунин чораҳо гузаронидани ислоҳоти замин буд. Миқдори муайяни замини вақфро ба фоидаи хазина кашида гирифтанд. Имтиёзҳои соҳибони заминҳои милки хурри холис барҳам дода шуд. Акнун аз заминҳои вақф ва милкӣ андоз гирифта мешуд. Ин чорабиниҳо ба соҳибони замин, яъне ашрофи феодалӣ, зарбаҳои сахт расонида, ҳокимияти онҳоро суст гардонид. Чунин чорачӯӣ нисбат ба истифодабарии замин ба манфиати деҳқонон буда, характери прогрессивӣ дошт. Вале ин ислоҳот муносибатҳои феодалӣ ва рентаи феодалиро барҳам надод. Тартиби нави заминдорӣ барои пайдо шудани заминдории калони кулакӣ шароит муҳайё намуд. Акнун заминҳои беҳтаринро деҳқонони чоряккор кишт мекарданд.

Меҳнати мардикорон, ки замин надоштанд, васеъ паҳн шуд. Чорякорон бошанд, одатан деҳқонони камзамин ва безамин буданд. Онҳо аз субҳ то шом кор карда, барои меҳнати худ музди хеле кам мегирифтанд.

Қисми зиёди деҳқонон замин ва оби худро надоштанд. Ба ҷои он, ки онҳоро бо замину об таъмин кунанд, ҳукумати подшоҳӣ ба Осиёи Миёна деҳқонони русро кӯчонда овард.

Буржуазияи рус бо дастгирии ҳукумати подшоҳӣ мекӯшид, ки ба тараққии пахтакорӣ дар Осиёи Миёна ҳарҷониба ёрӣ расонида, саноати бофандагиро бо ашёи хом, яъне бо нахи пахта, таъмин намояд. Навъи пахтаи маҳаллӣ (ғӯза) сифати хуб надошт. Аз ҳамин сабаб навъи америкоиро ҳарҷониба ривоҷ медоданд.

Ба туфайли тараққӣ додани хоҷагии пахтакорӣ ва сохтмони роҳи оҳан, дар охири асри XIX муносибатҳои пулию молӣ тараққӣ мекунад. Деҳқонони пахтакор ба пул бештар эҳтиёҷ пайдо мекунанд. Пул барои харидани озуқа ва пеш бурдани хоҷагии пахтакорӣ зарур буд. Хоҷагии натуралӣ вусъат меёфт. Аз як тараф шумораи хоҷагиҳои безамин меафзуд, аз тарафи дигар миқдори заминдорони калон зиёд мешуд.

Дар хоҷагиҳои чорводор рамаҳои серщумори бузу гӯсфанд ва гов пайдо мешавад. Дар байни чорводорони кӯчманчӣ ҷараёни вайроншавии хоҷагии онҳо мушоҳида мешавад. Чорводорони оддӣ хонавайрон гардида, маҷбур буданд, ки ба ҳаёти муқимӣ гузашта, ба корҳои гуногуни деҳқонӣ машғул шаванд ё дар даргоҳи чорводорони калон ба сифати чӯпон кор кунанд.

Ҷиҳати мусбати соҳаи чорводорӣ ин пайдо шудани зотҳои нави чорво, аз ҷумла, гӯсфандони маҳинпашм буд. Чорводорон низ аз баъзе намуди олотҳои кишоварзӣ истифода мекардагӣ шуданд.

**Равнақи савдо**

Ҳукумати подшоҳӣ ба ривоҷу равнақи савдо манфиатдор буд ва онро дастгирӣ мекард. Аз ҳамин сабаб баъди забти Осиёи Миёна аз тарафи Русия савдои дохилӣ ва хориҷӣ рӯ ба тараққӣ мениҳад. Тараққиёти мазкур бо якчанд маҷро мушоҳида мешуд. Аввал, рӯ ба тараққӣ ниҳодани савдои дохилӣ, яъне савдои байни шаҳру ноҳияҳо. Дигар, афзудани ҳаҷми кашонда бурдан ва овардани мол ба Русия, савум, савдои Русия бо дигар малакатҳои ҳамсоя ба воситаи Осиёи Миёна.

Албатта, ҷои аввалро равнақи савдои кишвари Туркистон бо Русия ишғол менамуд. Сабаб он, ки ҷангҳои байниҳудӣ қатъ гардида аҳолии шаҳру деҳот афзуд. Инчунин, нақши асосиро дар афзудани муносибатҳои савдоӣ сохмони роҳи оҳан бозид. Роҳи оҳан на танҳо ба вусъат ёфтани савдои дохилии Осиёи Миёна хеле мадад расонид, балки роҳҳои тиҷоратиро тағйир дод. Соли 1900 ба воситаи роҳи оҳани Осиёи Миёна 5 миллион пуд бор кашонида шуд. 60 фоизи борҳоро пахта, чарм, меваи хушк, равғани пахта, пашми гӯсфанд ва ғайра ташкил медод. Ба ивази он ба бозорҳои Осиёи Миёна ғалладона, чой, масолеҳи сохтмон, матоъҳои пашмӣ ва пахтагӣ, қанд, оҳан, чӯян, асбоби филузӣ ва ғайра ворид мешуданд.

Зиёд шудани мубодилаи мол байни Русия ва Осиёи Миёна муносибатҳои иктисодии ҳар ду тарафро мустаҳкам намуда, ба ҳаёти хоҷагии мамлакат таъсири мусбӣ расонид. Вале дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон мубодилаи мол таъсири калон расонида натавонист.

Маркази савдо шаҳрҳо буданд. Рӯзҳои бозор аз гӯшаву канори наздику дур ба шаҳрҳо мардуми эҳтиёҷманд ё савдогарону косибон ҷамъ меомаданд. Дар муомилоти хариду фурӯш бештар пули русӣ дар истифода буд. Дар гӯшаҳои дурдасти аҳолиаш кӯчӣ савдо ба шакли ивазкунии мол сурат мегирифт. Савдогарон ба ин навъ чойҳо молҳои саноатӣ, сару либоси дӯхта, зарфҳои фулузӣ ва ғайраро ба ивази пашм, моли зинда, намад, палос ва ғайра медоданд.

Дар савдои дохилӣ косибон макоми махсус ишғол менамуданд. Онҳо маҳсули корашонро худашон ба фурӯш мегузоштанд. Алҳол ҳам онҳо дар хоҷагии мардуми Осиёи Миёна макоми калонро ишғол менамуданд.

Дар нимаи дуюми асри XIX дар як қатор маҳалҳои калони аҳолинишин бозорҳо ва корвонсаройҳои нав кушода шуданд. Дар ҳудуди шимолии Тоҷикистон бозорҳои нав дар Шаҳристон, Чаканд ва Хавос (он вақт тобеи Ӯротеппа буданд) кушода шуданд. Миқдори корвонсарой на танҳо дар шаҳрҳо, инчунин дар роҳҳои савдоӣ, ки аз роҳи оҳан дур буданд, бунёд ёфтанд. Кушода шудани бозорҳои нав низ дар ҳудуди дигар шаҳру ноҳияҳо ва афзудани сохтмони корвонсаройҳо аз хусуси пешрафти савдои дохилӣ ва хориҷӣ, беш аз пеш афзудани талаботи аҳолӣ шаҳодат медиҳад.

Навъҳои моли аз Осиёи Миёна бароварда нишон медиҳад, ки ҳукумати подшоҳии Русия Осиёи Миёнаро ҳамчун манбаи ашёи хом ва бозори фурӯш нигоҳ медошт. Туфайли ашёи хоми Осиёи Миёна фабрикаю заводҳои Русияи подшоҳӣ беист кор карда, маҳсул мебаровароданд. Маҳсули тайёркардаро ба бозорҳои Осиёи Миёна оварда, ба мардуми он бо нархи дучанд ба фурӯш мегузоштанд ва бо ҳамин роҳ сарвати соҳибони фабрику заводҳо меафзуд.

**Сиёсати андозҷамъкунии ҳукумати подшоҳӣ**

Баъд аз забти Осиёи Миёна ҳукумати подшоҳии Русия сиёсати тозаи андозҷамъкуниро бо номҳои нав ҷорӣ намуд. Дар чанд соли аввали кор аҳолии муқимӣ ба мустамликадорон хироҷ ва танобпулӣ медод. Андозаи хироҷ аз даҳ як қисм ва танобпулӣ аз шаш як қисми ҳосилро ташкил медод. Соли 1870 ҳукумати подшоҳӣ ба қарор омад, ки ҳарду намуд андоз — хироҷ ва танобпулӣ бо як номгӯй андоз — "андози замин" иваз шаванд. Бо тағйир ёфтани номгӯи андоз ҳаҷми умумии онҳо тағйир наёфт. Чун солҳои пеш андози замин аз даҳ як ҳиссаи ҳосилро ташкил мекард.

Кӯчманчиён аз ҳар як каппа бо номи "каппапулӣ" ("кибиточный") андоз месупориданд. Азбаски бодиянишинон доимо кӯчманчигӣ мекарданд, бинобар он ба каппапулӣ бо номи андози "земский" ("умумидавлатӣ") маблағи муайян илова мешуд.

Аҳолии муқимӣ маҷбуриятҳои ҷамъиятиро бештар ба шакли пардохти молӣ ("натура") адо мекард. Ғайр аз ин аз аҳолии муқимӣ бо ҳар бахона андози земский низ ситонида мешуд, ки ҳаҷмаш сол аз сол меафзуд. Ҳангоми ситониданн ин андоз танҳо миқдори ҳавлӣ ва каппаҳо (юртҳо) ба инобат гирифта мешуд. Яъне ба таъминоти моддии соҳибони онҳо диққат дода мешуд, ки ин доимо норизогии мардумро ба миён меовард.

Тартиби андозҷамъкунӣ аз аҳолӣ ин тавр буд : маблағи андози замини мутобиқан бо волостҳо тақсим карда мешуд. Дар дохили волостҳою кишлоқҳо андози заминро дар ҳар як хоҷагӣ худи сардорони ва оқсаққолон тақсим мекарданд. Дар айни ҳол андозҷамъкунандагон аз мансаб сӯиистеъмол намуда, аз ҳаҷми андози муқарраршуда хеле зиёд меситониданд. Ҳатто худи генерал-губернатор фон-Кауфман эътироф карда буд, ки андози заминпулӣ нодуруст ҷамъ карда мешавад ва тақсимот дар дохили волостҳою авулҳо на ҳамеша аз рӯи қоида ба ҷо оварда мешавад, шароити табиии ин ё он ноҳия ва вилоят ба назар гирифта намешавад..

Ҳаҷми андозҳо сол аз сол меафзуд. Дар зарфи 20 сол — аз соли 1873 то соли 1893, дар уезди Хуҷанд андози замин зиёда аз 21 фоиз, каппапулӣ қариб 38 фоиз ва андози земский зиёда аз 114 фоиз афзуд. Ба ҷузъ адои ин андозҳо аҳолӣ боз "андози маҷбурии роҳ" медод. Ин андоз аз он иборат буд, ки барои корҳои роҳсозӣ аҳолӣ мебоист қувваи корӣ ва масолеҳ (тахта, ғӯлачӯб, мех ва ғайра) диҳад.

Ба ҷузъ андозҳои пулӣ ва натуралӣ ба мубориза зидди ҳашароти зараррасони кишоварзӣ, махсусан, ба мубориза зидди малах ҳар сол ҳазорон одам сафарбар мешуд. Масалан, соли 1883 дар ноҳияи Уротеппа ҳангоми пайдо шудани малах аз ҳар ду хона як нафар одам сафарбар шуд. Аз як тараф чунин чорабиниҳои ҳукумат ҷиҳатҳои мусбат доштанд. Яъне онҳо ба манфиати деҳқонон қабул карда мешуд. Аз тарафи дигар ҳамаи харочоти зидди малахро худи аҳолӣ мебардошт. Илова бар он ин маҷбурият ба ҳисоби дигар маҷбуриятҳои натуралӣ дохил карда намешуд. Аз ҳамин сабаб аҳолӣ гарчанде фоидаи ин корҳоро фаҳмад ҳам, вале вай аз сиёсати ноодилонаи ҳукумати подшоҳӣ норозӣ мемонд.

Ғайр аз андозҳои номбурда, аҳолӣ боз ҳар сол барои нигоҳ доштани маъмурони маҳаллӣ (оқсаққолон, сардорони авулҳо, йигитҳо — полисҳо, мирзоён, тарҷимонҳои назди маъмурони рус, хаткашонҳо ва ғайра) ва барои пайдо намудани асбобҳои дар идораҳо истифодашаванда, сохтмони биноҳои маъмурӣ барои сардорони уезд, волостҳо, нигоҳ доштани фаррошон ва ғайра, андози махсус месупорид. Мувофиқи маълумоти соли 1876 чунин харочотҳо дар Ӯротеппа қариб 50 фоизи ҳамаи андозҳои муқаррарии аҳолӣ месупоридаро ташкил мекард.

Аз хусуси чӣ гуна сарф шудани маблағи ба сифати андоз ҷамъомада чунин маълумотҳо боқӣ мондаанд : аз маблағи умумии аз ноҳияи Ӯротеппа ҷамъоварда, барои табобати беморон аз қабили аҳолии маҳаллӣ, дар як сол ҳамагӣ 150 сӯм сарф мешуд. Ҳол он, ки танҳо як нафар қӯрбошӣ (сардори политсияи маҳаллӣ) 2000 ҳазор сӯм мегирифт. Соли 1900 барои сохт-

мони бинои политсияи шаҳри мазкур 7170 сӯм хароҷот шуда буд. Ҳол он, ки барои таъмири мактаби русӣ —маҳаллӣ ҳамагӣ 68 сӯм, барои шифохона 30 сӯм, барои харидани доруворӣ 200 сӯм ҷудо карда буданд. Мувофиқи маълумоти расмӣ барои тандурустии мардум ҳукумат дар як сол ба сари ҳар як кас маблағи ночизе сарф мекард.

Агар генерал-губернатори Туркистон барои иҷрои ягон кори таъҷилӣ ё чорабинии ҳукуматӣ ба пули иловагӣ эхтиёҷ пайдо мекард, ӯ ҳуқуқ дошт, ки амр кунад, ки аз аҳолӣ пули иловагӣ ҷамъ оварад. Масалан, аз соли 1900 сар карда, ба ҳамаи найзор ва чарогоҳҳо андози давлатӣ муқаррар карда шуд.

Баробари афзудани номгӯй ва маблағи андоз нарх дар бозор махсусан нархи ғалладона, зиёд мешуд. Масалан, соли 1893 нархи бозор чунон афзуд, ки мардуми бечора гуруснагӣ мекашид. Дар чунин солҳои гуруснагӣ, мувофиқи маълумоти расмии ҳукумати мустамлакавӣ, аҳолӣ омехтаи ҷаву арзан ё омехтаи донаи пайдокардаашро бо алафҳои ёбоӣ ҳамроҳ намуда, истеъмол мекард. Ин, албатта, зулми мустамликадорон нисбати аҳолии зердасташон буд. Баробари зулми мустамликадорон аҳолӣ гирифтори истисмори сармоядорон ва мансабдорони маҳаллӣ ҳам буданд. Кулакҳо дар тирамоҳ ғаллаи аз ҳад зиёдро бо нархи арзон харида захира мекарданд. Баъд дар фасли баҳор, онро бо нархи якчанд маротиба қиммат мефурӯхтанд, ки дар натиҷа нархи маҳсулоти дигар дар бозор қиммат мешуд.

Аз ҳад зиёд ҷорӣ намудани андозҳо инчунин сӯистеъмоли ҳукуматдорони подшоҳӣ, маъмурияти маҳаллӣ ва сарватмандон боиси сар задани шӯриши халқӣ ба муқобили сиёсати мустамликадорӣ ва дастнишондаҳои ҳукумати подшоҳӣ гардиданд.

## ОШӮБҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ҚАЛАМРАВИ ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРИИ ТУРКИСТОН

Дар ҳудуди генерал-губернатории Туркистон муттасил шӯру ошӯбҳои халқӣ ба амал меомаданд. Оммаи меҳнаткаш ба зулми дутарафа тоб оварда наметавонист. Дар шӯришҳои зидди ҳокимияти мустамликавӣ оммаи васеи Осиёи Миёна — тоҷикон, ӯзбекон, туркманҳо, қирғизҳо ва ҳатто русҳо иштирок карда буданд. Ошӯбҳои солҳои 70-уми асри XIX дар Хуҷанд ва Ӯротеппа баромади калонтарини халқи тоҷик ба муқобили тартиботи Русияи подшоҳӣ буд.

Моҳи апрели соли 1872 дар Хуҷанд шӯриши халқӣ сар зад. Тақрибан 10 ҳазор аҳолии ин шаҳр дар масҷиди назди бозор ҷамъ омаданд. Баъди машварат онҳо қозикалон, оқсақоли шаҳр ва закотчиро ҳамроҳ гирифта ба сӯи идораи маъмурият ҳаракат карданд. Шӯришчиён ба миршабхона омада якчанд нафар маҳбусро озод намуда, ба боғи назди мадраса, наздикии маҳаллаи руснишин қарор гирифтанд. Онҳо ба маъмурияти подшоҳӣ талабҳои худро пешниҳод намуданд (кам кардани андозҳо ва ғайра).

Сардори шаҳр хост роҳбари шӯришчиёнро дастгир намояд. Вале мардуми ба шӯр омада роҳбаронашонро надоданд. Дар он сурат маъмурият ба муқобили шӯришчиён як рота сарбози мусаллаҳи худро равон кард. Ба сарбозон муяссар мешавад, ки мардуми ҷамъ омадаро пароканда намояд. Вале шӯришчиён оқсаққоли Хуҷандро зада ҳалок карда буданд. Барои пешгирӣ намудани ошӯбҳои халқӣ маъмурияти подшоҳӣ роҳи ваҳшиёна ҷазодиҳиро пеш гирифт. Касони зиёд аз роҳбарон ва иштирокчиёни шӯришро ҳабс намуда ба Сибир бадарға карданд. Бо ҳамин ба мустамликадорон муяссар шуд, ки шӯриши халқии Хуҷандро пахш кунанд.

Шӯриши соли 1872 дар Хуҷанд мисоли равшани муборизаи халқи тоҷик ба муқобили сиёсати андози ҳукумати подшоҳӣ ва худсариҳои ҳукуматдорони маҳаллӣ буд. Танҳо бо қувваи ярок ва аскарони таълимгирифта муяссар гардид, ки шӯриш пахш карда шавад.

Баъд аз як соли пахш кардани шӯриши Хуҷанд, яъне моҳи августи соли 1873, дар деҳаи Пашнии ноҳияи Ӯротеппа шӯриши нави деҳқонон сар зад. Ин ҳаракати халқӣ ҳам бо қувваи мусаллаҳ фурӯ нишонда шуд.

Баъди ду соли дигар — якуми маи соли 1875, дар шаҳри Ӯротеппа ошӯби калон ба миён омад, ки сабаби он андозҳои аз ҳад зиёд ва сӯиистеъмоли ҳукуматдорони маҳаллӣ буд. Дар ин ҳаракат зиёда аз чор ҳазор косибони шаҳр ва деҳқонони атрофи он иштирок карданд. Ба маъмурияти подшоҳӣ муяссар гардид, ки бо қувваи мусаллаҳи гарнизони Ӯротеппа шӯришро пахш намояд. Амалдорони ҳукумати подшоҳӣ ба тарсу ҳарос афтода, роҳи ҳабсу бадарғаро пеш гирифтанд. Роҳбарони ошӯбро, ки дар байнашон як нафар рус ҳам буд, ба ҳабс гирифта, ба Сибир бадарға карданд.

Дар ҳамон соли 1873 аз воқеаҳои дар Хӯқанд ва умуман дар водии Фарғона рӯҳдода истифода намуда, ҳокими собиқи Ӯротеппа Абдулғаффорбек бо писаронаш бо ярок сар бардоштанд. Ӯ бо писари шуҷои худ — Оқбӯтабек бо ҳукумати подшоҳӣ муборизаи дуру дароз бурд. Ба онҳо муяссар гардид, ки мардуми Исфара, Ӯротеппа, Зомин ва ҳатто Масчоҳро ба шӯр хезонда ҳукуматдории мустамликиро дар ин ҷойҳо зери хавф гузорад.

Генерал - губернатори Туркистон бар зидди Оқбӯтабек қувваи калони мусаллаҳро сафарбар намуд. Оқибат бо роҳи истифодаи ҷосусон ба маъмурияти подшоҳӣ муяссар гардид, ки Оқбӯтабеки ярадоршударо дастгир намуда, ба дор кашад.

Ошӯбҳои солҳои 70-уми асри XIX дар қаламрави уезди Хуҷанд ҳақиқатан ҳам характери халқӣ доштанд. Қувваи пешбарандаи ин шӯришҳо косибон ва деҳқонони камбағал буданд, ки ба андозҳои аз ҳад зиёд ва сӯиистеъмоли мансабдорони маъмурияти подшоҳӣ ва маҳаллӣ муросо карда метавонистанд.

Калонтарин шӯриши асри XIX дар музофоти генерал-губернатории Туркистон ин ошӯби соли 1898 дар Андиҷон буд. Роҳбари ин шӯриш Халифа Муҳамад бо номи Дукчӣ эшон маъруф буд. Шӯришчиён дар шаҳри Андиҷон ба гарнизони русҳо ҳамла карда, казармаи истиқоматии аскаро-

ни дар ғафлат мондаро иҳота карданд. Дар ин шабохун ду унтер-офисер ва 19 аскари қатории русҳо кушта шуда, 19 кас ярадор гаштанд.

Худи ҳамин рӯз 18 маи соли 1898, дар шаҳрҳои Ӯш, Марғелон, Ассака ва як қатор ҷойҳои дигар мардум ба ҳаракати Дукчӣ эшон пайравӣ намуда, ба мубориза бархостанд.

Шӯриши мазкур на танҳо водии Фарғона, балки ба шаҳру вилоятҳои дигар, ҳатто ба аморати Бухоро таъсир расонид. Ҳаракати мардумӣ дар вилояти Самарқанд, шаҳрҳои Ӯротеппа, Ҷиззах ва ҷойҳои дигар ба амал омад. Бинобар он маъмурияти русҳо чораҳои фаврӣ андешид.

Оқибат ба ҳукумати подшоҳӣ муяссар гардид, ки бо қувваи ярок шӯришро пахш намуда, қасони зиёдро ба қатл расонад ва ба Сибир бадарға кунад.

Шӯриши соли 1898 бар зидди сиёсати мустамликадорӣ ва тартиботи феодалӣ равона шуда буд. Қувваи асосии ин ҳаракат мардуми ситамдида буданд.

## САРЧАШМА
## ТАЪЛИМИ КӮДАКОН ДАР МАКТАБҲОИ ОХИРИ АСРИ XIX

Таълими давраи аввал дар мактабҳои ибтидоӣ гузаронида мешавад. Мактабҳо асосан дар масҷидҳо ташкил карда шуда, барои онҳо аз маблағи садақакунандагон бино сохта мешавад. Муаллим (домулло)- и мактаб ё имоми масҷид ё сӯфӣ мебошад. Агар ин ду шахс аз ӯҳдаи кор набароянд, шахси сеюм даъват карда мешавад. Музди домулло мувофиқи салоҳдиди қавм муайян карда мешавад. Ҳар ҳафта, рӯзи панҷшанбе ё ба тариқи натуралӣ, яъне бо орд, биринҷ, гӯшт, равған ва ғайра ё бо пул дода мешавад. Ғайр аз ин, урфу одат талаб менамояд, ки баъди як қисми таълимро гузаштани талаба ба домулло ҳадяи махсус дода шавад. Ба ин муносибат салла, либосвор, ҷома ва ғайра ҳадя мекунанд.

Таълим аз ёд кардани ҳуруфоти арабӣ сар мешавад, ки онҳоро дар тахтача ё порчаи тунука, дар гӯшаю канорҳои дурдаст, ки на тахтача ва на тунука мавҷуд аст, дар белаки гӯсфанд менависанд.

Бачагон дар натиҷаи дӯғу пӯписа ва ҷидду ҷаҳди домулло ҳарфҳоро аз ёд карда, ба омӯхтани ҳиҷо ва нутқ мегузаранд. Пас аз он онҳо ба хонданни ҳафтяк шурӯъ мекунанд. Ин китобро бачагон танҳо рӯякӣ мехонданд, чунки онҳо забони арабиро намедонистанд ва чизи хондагиашонро маънидод карда наметавонистанд. Илова бар ин худи домулло маънои матнро на ҳамеша ба онҳо фаҳмонда метавонад. Баъди омӯхтани ҳафтяк омӯхтани чоркитоб сар мешавад.

Хониш ба синну соли хонандагони ҷавон ҷандон мувофиқат намекунад. Баъди чоркитоб бачаҳо Хоҷа Ҳофиз, Бедил, Фузулӣ, Сӯфӣ, Оллоҳёр ва ғайраҳоро меомӯзанд. Хондани ашъори ин шоирон барои кӯдакон душворӣ мекунад.

Талабагоне, ки хонданро ба таври кофӣ ёд гирифтанд, ба навиштан мегузаранд. Азбаски ин қисми таълим ҳам аз рӯякӣ навиштани хуруфот иборат аст, тамомкунандагони мактаб танҳо расму оини мусулмониро, ки домулло ба онҳо махсусан ҷиддӣ меомӯзонад, ёд мегиранду бас.

Аз он ҷост, ки дар баробари мавҷудияти шумораи зиёди мактабҳои мусулмонӣ, дар байни аҳолии маҳаллӣ ҳанӯз ҳам бесаводӣ бартарӣ дорад: мактаби мусулмонӣ ба талабагон маълумоти бефоида медод, ки дар ҳаёт амалан татбиқ карда нашуда, зуд аз хотир фаромӯш мешуд. Танҳо онҳое, ки аз мактаб ба мадраса мераванд, илм меомӯхтанд ва бомаърифат мешуданд.

Дар мактабҳои ибтидоии занона вазъияти таълим боз ҳам бадтар буд. (Гейер М.И. Путеводитель по Туркестану. Ташкент 1901).



Зани асилзодаи Бухоро бо ду писараш

**Косибони Панчакент дар солҳои 1882 ва 1885**

| № № | Адади дӯконҳо | | Даромади солонаи дӯкондорҳо /ба ҳисоби сӯм/ | |
|---|---|---|---|---|
| | 1882 | 1884 | 1882 | 1885 |
| 1. Оҳангарӣ | 9 | 8 | 75 | 75 |
| 2. Мисгарӣ | 1 | 2 | 60 | 70 |
| 3. Чармгарӣ | 1 | 1 | 50 | 50 |
| 4. Мӯзадӯзӣ | 5 | 4 | 40 | 45 |
| 5. Алочабофӣ | 6 | 5 | 65 | 70 |
| 6. Бумазифурӯшӣ /баззозӣ/ | 16 | 11 | 50 | 40 |
| 7. Чархресӣ | 2 | 3 | 30 | 30 |
| 8. Равғанкашӣ | 12 | 10 | 60 | 70 |
| 9. Сартарошхона | 4 | 3 | 25 | 25 |
| 10. Нонвойхона | 7 | 6 | 75 | 80 |
| 11. Ҳалвогарӣ | 3 | 2 | 60 | 55 |
| 12. Дуредгарӣ | 3 | 2 | 45 | 50 |
| 13. Кулолӣ | 2 | 2 | 60 | 60 |
| 14. Ҳаммом | 4 | 1 | 70 | 80 |
| Ҷамъ | 72 | 60 | 765 | 805 |

(ЦГА Узбекистан ф.5, оп 1,9, 843)

**Савол ва супориш**

1. Кадом намуд молхо аз Осиёи Миёна ба Русия ва аз он чо ба Осиёи Миёна кашонда мешуданд ?

2. Максади аз Русия ба Осиёи Миёна кўчонда овардани дехконони рус чӣ буд ?

3. Забти Осиёи Миёна аз тарафи Русия ба касбу косибии ин кишвар чӣ навъ таъсир расонид ?

4. Дар истифодаи замин аз тарафи дехконон дар кишвари Туркистон чӣ навигарихо рух дод ?

5. Сабабхои равнаки савдоро накл кунед.

6. Хукумати подшохӣ кадом андозхоро чорӣ намуд ?

7. Калонтарин шўришхои халкиро дар каламрави Генерал-губернатории Туркистон номбар намоед.

# БОБИ VII

## АМОРАТИ БУХОРО ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

**Васеъ шудани худуди аморат**

Баъди забти Осиёи Миёна аз тарафи хукумати подшоҳӣ якчанд шаҳру вилоятҳои аморати Бухоро — Хучанд, Ӯротеппа, Фалғар, Мастчоҳ, Чиззах, Самарқанд, Панчакент, Катта-Қӯрғон ва дигар чойҳо ба зери дасти хукумати мустамликавӣ гузаштанд. Дар навбати худ, хукумати подшоҳӣ ба қарор омад, ки ба амири Бухоро мебояд ёрӣ расонид. Яъне ба ивази мулкҳои аз даст рафтааш бекигарихои чанубу шарқии Точикистони хозира ва Помири ғарбиро ба ихтиёри ӯ диҳад. Бекигариҳои ин сарзамин дар амал ниммустамликавӣ буда, танҳо ба ном ба ҳайати мулкҳои амир (Ҳисор, Қабодиён, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз ва ғайра) дохил мешуданд.



Амир Олимхон /1910-1920/

Бек ё ҳокимони Деҳнав, Ҳисор ва Кӯлоб аз мақсади амир ва ҳаракати лашкари ӯ ба самти Бухорои Шаркӣ воқиф гашта, қарор доданд, ки қувваҳои худро муттаҳид намуда, якчоя ба лашкари Бухоро зарба зананд. Аммо онҳо ба мақсад соҳиб шуда натавониста, бо сабабҳои гуногун шикаст хӯрданд (камярокӣ, номуросоӣ ва ғайра).

Лашкари амир бар қувваҳои муттаҳидаи се ҳокими дар "ҳамвориҳо" хукумрон ғалаба ба даст даровардa, қарор дод, ки бекигариҳои баландкӯҳ — Қаротегину Дарвозро низ забт кунад. Ин вилоятҳо баъзан ба ҳайати хонии Хӯқанд дохил мешуданд. Бинобар ин кӯшиши амир бо мақсади ишғоли ин бекигариҳо ба муқобилияти хонии Хӯқанд дучор омад. Дар байни ду мулки калони Осиёи Миёна — аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд, задухӯрдҳо ба амал омаданд.

Генерал-губернатории Туркистон ба ин "мунокиша" хамроҳ шуда, тарафи амири Бухороро гирифт. Аммо дарвозиҳо ба осонӣ таслим нашуда, қарор доданд, ки истиқлолияти худро нигоҳ доранд. Ба онҳо муяссар мешавад, ки дар ибтидо ба лашкари амир зарба зананд. Муқобилияти ғалабаовари дарвозиҳо мардуми бекигариҳои ҳамсояро рӯҳбаланд гардонид. Дар мулкҳои Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин мардум ба чунбиш омад. Ҳукмронии амир дар ин бекигариҳо зери хавф монд. Бинобар он амир чораҳои чиддӣ андешид. Дар натичаи талафоти ниҳоят калон ва бо ёрии қувваи мусаллаҳи зиёд ба лашкари амир муяссар гашт, ки пойтахти Дарвоз — Қалъаи Хумро ғасб намояд ва бо ҳамин муборизаи шадиди дарвозиҳоро

шикаонд. Ба муқобилияти дарвозиҳо соли 1869 хотима дода шуд. Баъд аз як сол ба амири Бухоро муяссар гашт, ки бо ёрии лашкари ҳукумати подшоҳӣ Шаҳрисабз ва Китобро ишғол намояд.

Акнун навбати Помир буд. Танҳо баъд аз 25 сол вилоятҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистони имрӯза забт шуданд. Масъалаи Помир байни ду давлат — Русия ва Англисҳо, дар асоси шартномаи байни онҳо ҳал гардид. Соли 1895 мувофиқи ин шартнома оиди ҳудудгузории Помир ноҳияҳои ғарбии он ба ҳайати аморати Бухоро дохил гаштанд. Мувофиқи шартномаи мазкур аморати Бухоро аз як қисми Дарвоз, ки қад-қади соҳили чапи дарёи Панҷ тӯл кашида буд, маҳрум гашт. Ин сарзамин ба тобеияти ҳукумати подшоҳии Афғонистон гузашт.

Ба ивази заминҳои ба тобеъи Афғонистон гузашта Шуғнон, Рӯшон ва қисми шимолии Вахон тобеи амири Бухоро гаштанд. Амир зери фишори Русия маҷбур шуд, ки ба ин тағйирот ва "ивази" заминҳо розӣ шавад. Агар расман ноҳияҳои ғарбии Помир ба аморати Бухоро итоат кунанд, амалан зери назорати амалдорони ҳукумати подшоҳии Русия — сардори отряди Помир, буданд.

Дар рафти ҳуҷуми таҷовузкорона ба Ҳисор, Кӯлоб, Дарвоз, Қаротегин ва дигар мулкҳо сарбозони амири Бухоро бисёр деҳаҳои аҳолинишинро хароб карда, ба мардуми муқобилиятнишондода бераҳмона ҷазо доданд. Аз аҳолии он ҷойҳо ба маблағи зиёд товони ҷанг ситонида, як қисми мардумро ба асирӣ бурданд.

Ҳарчанд дар рафти ҳуҷуми лашкари амир феодалони маҳаллӣ ба муборизаи оммаи халқ шарик шуда ё сардорӣ карда бошанд ҳам, вале баъди ғалабаи "инқилоби" Бухоро онҳо тадриҷан ба боварии амир ва намояндагони ӯ даромаданд.

Як ҷиҳати мусбии забти мулкҳои номбурда аз тарафи аморати Бухоро дар он буд, ки ба ҷангҳои байниҳудӣ хотима дода шуд. Ин ҷангҳо мардумро хонахароб карда буданд.

**Идоракунии давлат**

Баъди ҳамроҳ карда шудани ноҳияҳои шарқӣ аморати Бухоро ба сарзамини нисбатан бузурги аҳолиаш тақрибан се миллион соҳиб шуд. Баъди ба протекторат мубаддал гаштани Бухоро масоҳати аморат 18 миллиону 420 ҳазор танобро ташкил намуд. Маҳалҳои ин сарзамин аз ҷиҳати ҷойгиршавии аҳолӣ яксон набуданд : водиҳои Зарафшон ва Қашқадарё сернуфус ва Бухорои Шарқӣ нисбатан камнуфус буданд. Дар ин қисмати аморат водиҳое ҳам буданд, ки нуфуси хеле зиёд доштанд.

Қисмати асосии аҳолӣ асосан аз тоҷикон, ӯзбекон, туркманҳо, араб-ҳо, қазоқҳо, қирғизҳо ва дигарон иборат буд. Дар бисёр ноҳияҳо тоҷикон бо ӯзбекҳо мезистанд, чунонки дар миёни сокини бисёр деҳаву шаҳрҳои ӯзбекнишин тоҷикон ҳам буданд. Ин ду халқи бо ҳам алоқаи хеле наздикдоштаро робитаҳои хешовандӣ, маданӣ ва иқтисодӣ муттаҳид месохтанд.

Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ба 10 туман ва 26 вилоят тақсим мешуд. Дар ҳудуди онҳо 10 ҳазор нуқтаҳои аҳолинишин ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ҳар як вилоят, дар навбати худ, ба амлокдорӣ тақсим мешуд. Вилоят аз тарафи ҳоким ё бекҳо идора мешуд, ки онҳо ба рутбаҳои гуногун қадр шуда буданд : девонбегӣ, додхоҳ, иноқ, ишикоқобошӣ, тӯқсабо, бий ва ҳоказо.

Дар ҳудуди ҳозираи Тоҷикистон чунин вилоятҳо тобеи аморати Бухоро буданд:

Кӯлоб — масоҳаташ зиёда аз 760 ҳазор таноб (дуним таноб тақрибан баробар аст ба як га), нуфусаш — як миллиону 205 ҳазор. Ин миқдор аҳолӣ дар музофоти Кӯлоб, Балҷувон, Кангурт, Қӯрғонтеппа, Ҷиликӯл ва Саройкамар (ноҳияи ҳозираи Ҳоҷамастон) зиндагӣ мекарданд. Аксари нуфуси мазкур тоҷикон буданд. Ба ғайр аз онҳо дар ин ҷо ӯзбекҳо, туркманҳо, қазоқҳо, як миқдор мардуми афғон ва ғайра ҳаёт ба сар мебурданд.

Балҷувон — масоҳаташ тақрибан як миллиону 860 ҳазор таноб, нуфусаш 120 ҳазор, Кангурт дорои 30 ҳазор одам буданд. Қӯрғонтеппа — масоҳаташ зиёда аз як миллион таноб, нуфусаш — 300 ҳазор одам.

Қубодиён — масоҳаташ зиёда аз се миллион таноб, нуфусаш 270 ҳазор. Аз ин ҷумла, тақрибан, 30 ҳазор нуфуси ҳайманишин зиндагӣ мекард.

Ҳисор — масоҳаташ зиёда аз се миллиону 290 ҳазор таноб, нуфусаш 450 ҳазор нафар. Аз ин миқдор қабилаи лақай 150 ҳазор нафар, қабилаи балос (барлос) 60 ҳазор нафар, қабилаи марқа 30 ҳазор нафар ва тоҷикон



Қаратоқ. Назди бошишгоҳи бек. Соли 1908

210 хазор нафар буданд. Ба ғайри инҳо дар қаламрави бекии Ҳисор яхудиё ни Бухоро, афғонхо, ҳиндуҳо ва дигар халқҳо зиндагӣ доштанд.

Бекии Ҳисор аз 18 амлок иборат буд. Ба ҳайати он Душанбе, Файзо бод, Деҳнав, Сариҷӯй, Регар, ҳатто Қубодиён, водии Варзоб ва дигар деҳ шаҳрҳо дохил мешуданд. Кулли аҳолии ин бекигариҳо дар ибтидои аср ХХ тақрибан ба як миллиону яксаду сӣ ҳазор мерасид.

Қаротегин — масоҳаташ наздик ба якуним миллион таноб буд, нуфусаш ба ним миллион мерасид.

Дарвоз — масоҳаташ баробари Қаротегин буда, нуфусаш тақрибан ба 150 ҳазор мерасид. Нуфуси Шуғнон тақрибан 75 ҳазор ҳисобида шуда аст.

Шаҳри Бухоро бо 10 тумани атрофаш воҳиди махсуси маъмуриро ташкил медод ва аз тарафи сарвазири аморат — қушбегӣ, идора карда мешуд.

Дар ҳар як вилоят амири Бухоро қозӣ, раис ва муфтиро худаш таъин мекард. Танҳо қозии Қаротегин ва Дарвоз аз тарафи ҳокими вилоятҳо таъин мешуданд. Дар ҳузури ҳар як бек амалдорони зиёд ва дастаҳои сарбозон буданд. Масалан, вилояти Ҳисор дорои ду ҳазор нафар танҳо навкар (лашкари пиёда), сад нафар сарбози доимӣ бо сардории юзбошӣ, 10 нафар сарбози тӯпхона бо 7 адад тӯп буд. Дар қурғони он тахти идораи ҳокимӣ Ҳисор қӯрхона ва дорувор нигоҳ дошта мешуд.

Дар Балҷувон барои муҳофизат ва қаровулӣ ба миқдори се ҳазор нафар аскари навкария нигоҳ дошта мешуд. Баъд аз забти Дарвоз дар Тавилдара як даста сарбозони Бухоро истиқомат мекарданд.

Дар Қаротегин бошад, се ҳазор сипоҳи савори навкария нигоҳ дошта мешуд.

Рутбаи дигари маъмурӣ амлокдорҳо (сардори андозчинон) буданд ки онҳоро бек таъин мекард. Амлокдорҳо унвонҳои гуногун — аз "баҳодур" то "қаравулбегӣ"- ро сазовор мегаштанд. Онҳо дар ҳузури худ навкар ҳам доштанд. Аз амлокдорон амалдорони поёнтар дарғаҳо (доруғаҳо) буданд, ки нуфузи андоздиҳандаро ба рӯйхат гирифта, андоз ҷамъ мекарданд. Дар қаламрави аморати Бухоро фурӯхтани мансабҳо ва вазифаҳо ҳамаҷониба ҷорӣ шуда буд ва аз он амирон ва бекҳо даромади иловагӣ мегирифтанд.

Амлокдор дар ҳар як қишлоқ ё дар якчанд қишлоқи хурд як нафар арбоб ё оқсақолро таъин мекард.

Дар назди бекҳо ва амлокдорҳо табақаи махсуси амалдорон бо номи закотчиён буданд. Онҳо саршумори чорворо ба ҳисоб гирифта, аз чорво андоз муайян мекарданд. Гурӯҳи дигари закотчиён дар шаҳрҳо ё дар сарҳади мулк аз моли ба фурӯш пешбинишуда закот ҷамъ мекарданд. Онҳоро дар баъзе ҷойҳо амин ҳам меномиданд.

Амалдорон — феодалони аморати Бухоро, аз ҳисоби деҳқонон ва косибон ҳаёт ба сар мебурданд. Ҳар як амалдор бо ҳар баҳона худсарона деҳқонро ҷарима меандохт ва ҷазо медод. Порахӯрӣ рӯз аз рӯз меафзуд.

Афзудани он ба иктисодиёти кишвар зарари калон мерасонид ва зиндагии меҳнаткашонро боз ҳам вазнинтар мегардонид.



Мӯҳри муфтӣ



Мӯҳри мансабдор

Мансабдорони аморати Бухоро маош намегирифтанд. Ба ивази маош ба сипоҳиён ва мансабдорон аз тарафи амир "буна" ё "танхоҳ" дода мешуд. Танхоҳ — миқдори муайяни хоҷагии деҳқонӣ, ки ба мансабдор — феодал хизмат мекард. Соҳиби "танхоҳ" одатан ба ғун овардани андоз аз деҳқонон қонеъ намешуд. Онҳоро маҷбур менамуд, ки корҳои гуногунро дар хоҷагии феодал адо намоянд. Масалан, деҳқон вазифадор мешуд, ки дар рӯзҳои муайяни барои танхоҳдор зарур дар хоҷагии ӯ (заминаш, ҳавлиаш ва ғайра) кор кунад, барои зимистон ҳезум, беда тайёр намояд, ҳангоми сафари танхоҳдор ӯро ҳамроҳӣ намояд ва ғайра. Аъзоёни оилаи деҳқон ба танхоҳ ҳукм шуда, ба танхоҳдор бепул кор мекарданд. Агар деҳқон барои эхтиёҷи худ ба ҷое рафтанӣ мешуд, ҳатман аз танхоҳдор рухсат мепурсид. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки танхоҳдор — феодал на танҳо хӯҷаини мулки деҳқон, балки ба ҳаёти шахсии ӯ дахолат менамуд, хӯҷаини комили деҳқон буд.

Қозӣ, раис ва муфтиҳо мисли пешина вазифаи худро аз рӯи қонуни шариат ва баъзан аз рӯи одат адо менамуданд.

**Заминдорӣ ва андоз**

Дар аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX шаклҳои гуногуни заминдорӣ вуҷуд дошт. Заминҳои амлокӣ асосан давлатӣ буда, ба амир (давлат) тааллуқ доштанд. Амир ба амалдорон ва навкарон маҳз аз ҳамин замин танхоҳ медод. Заминҳои амлок дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ қисми зиёди заминҳои корамро ташкил медод. Деҳқонони дар ин заминҳо кишт кунонда мебоист хироҷ супоранд. Ин андоз (хироҷ) аз заминҳои лалмӣ аз даҳ як қисм бо номи ушр ва аз заминҳои обӣ аз панҷ як қисми ҳосилро ташкил мекард.

Дар ҳудуди бекигариҳои Бухорои Шарқӣ заминҳои хусусӣ бо номи заминҳои милки ҳурр ё милки ҳурри холис кам буданд. Соҳибони чунин заминҳо асосан эшонҳо буданд. Онҳо аз замини милкӣ ҳамчун моликияти хусусӣ истифода бурда, аз ҳар гуна хироҷ ва андозҳо ба нафъи давлат озод буданд. Амири Бухоро ба зиёд шудани чунин замин ҳавасманд набуд. Чунки даромад аз замин кам мешуд.

Намуди дигари замин — заминҳои вакф буд. Аз даромади ин гуна замин ба манфиати масчиду мадраса, мазору хонақоҳ ё роҳу кўпрукҳо истифода мебурданд. Замини вакф дар аморати Бухоро аз рўи миқдор чои дуюмро ишғол мекард. Дар Бухорои Шарқӣ, хусусан дар ноҳияҳои кўҳӣ замини вакф хело кам, дар баъзе чойҳо тамоман набуд.



Бакияи чаканаи кишлоки калони Зидди

Чарогоҳҳо ва чангалҳо асосан умумӣ ё худ давлатӣ буданд, ки онро "замини мирӣ" ҳам меномиданд (масалан, дар водии Сорвои Ромит). Аз чунин заминҳо ҳамаи сокинони деҳкадаҳо истифода мебурданд. Баъзе чарогоҳҳо, ки девлох ё айлоқ номида мешуданд, байни чорводорон тақсим мешуд. Ҳарчанд расман ин заминҳо умумӣ ҳисоб шаванд ҳам, аз онҳо бештар човодорони калон истифода мебурданд.

Қисми зиёди аҳолии деҳот, яъне деҳқонони камзамин ё безамин, маҷбур мешуданд, ки бо шартҳои гуногун дар замини заминдорони калон кор кунанд. Чунин касонро деҳқонони чорякқор ё панчяккор меномиданд. Онҳо аз ҳосили ба даст оварда аз панч як қисм ва аз чор як қисм мегирифтанд. Боқимондаи ҳосил ба манфиати соҳиби замин мегузашт.

Инчунин, деҳқонони камбағал маҷбур мешуданд, ки фасли тирамоҳ, баъд аз ғунучини ҳосил ба шаҳрҳои калони водии Фарғона, қисмати шимолии Тоҷикистони кунунӣ рафта кор кунанд. Ҳар сол танҳо аз Қаротегин зиёда аз даҳ ҳазор нафар ба Фарғона, Ўротеппа ва Хуҷанд сафар мекарданд. Дар бозгашт чунин касони сафаракӣ маҷбур буданд, ки ба мансабдорони деҳаи худ савғо оваранд.

Дар ҳудуди аморати Бухоро деҳқонон хироҷи гуногун месупориданд. Аз байни онҳо хироҷ аз замин асосӣ ҳисоб меёфт, ки дар баъзе ноҳияҳои

кӯҳистон ба ҷои аз даҳ як қисми ҳосили муқарарӣ, аз се як қисм ва аз ҳафт як қисми ҳосил муайян шуда буд.

Тартиби ситонидани андоз чунин буд : ҳар сол аввали баҳор доруғаҳо барои чен кардани замини корами деҳқон ва ҷамъ овардани "кӯшпулӣ" ва "танобона" ҳозир мешуданд. Андоз аз барзаговҳои корӣ (кӯшпулӣ) аз 4 то 8 танга муайян шуда буд. Танобона андози пулӣ буд, ки аз обчакорӣ ситонида мешуд.



Дарвешон /акси соли 1903/

Ҳангоми пухта расидани гандум, ҷав, загир ва дигар зироатҳои кишоварзӣ, андозҷамъкунандагон омада, аз нав ҳисобу китоби пешакӣ мекарданд. Вақто ки деҳқон зироатҳои мазкурро дарза (банд) мебаст, доруғаҳо ба хирманкӯбӣ рухсат медоданд. Онҳо инчунин назорат мебурданд, ки деҳ-қон аз сари хирмани худаш чизе ҳамроҳ ба хонааш ё ҷои дигар набарад. Ҳар шахсе, ки ин расму қоидаро вайрон мекард, ба гуфтаҳои доруға итоат намекард, гирифтори ҷазои сахт мешуд. Доруға метавонист ҳосили ба даст овардаи деҳқонро мусодира намояд.

Баъди адои хирманкӯбӣ доруғаҳо ба атрофи ғаллаи хирманкарда нишонаи махсус мегузоштанд ва ба муайян намудани миқдори хироҷ шурӯъ мекарданд. Аксар вақт аз рӯи дид (яъне ғалларо ба тарозу наандохта) хироҷро муайян менамуданд.

Деҳқонон аз сари хирман ба ҷуз хироҷ инчунин барои соҳибмансабони ҳозирбуда ва намояндагони рӯҳонии деҳаашон мебоист бо номи "кафсан" ва "муштак" ғалла диҳанд. Деҳқон мебоист чанд маҷбурияти дигарро адо намояд : "миробона" барои миробҳо, "тавоҷӣ" — андоз ба манфиати касоне, ки супориши бекро ба ҷо меоварданд, "хаспулӣ" барои истифодаи

маргзор ва чангалхо, "осиёпулӣ", "хизматона" — барои дар қозихона дида баромадани корхо, "мӯхрона" — барои ба хуччат мӯхр гузоштан ва хоказо. Деҳқонон вазифадор ва маҷбур буданд, ки ба ғайр аз ин, аз даромадҳои дигараш, хатто аз даромадҳои тасодуфӣ ҳам, ба соҳибмансабон чизе диҳанд (аз махсулоти чорво, — равган, курут, масnуоти хунармандӣ, шикор ва ғайра).

Дар музофоти Қаротегин чунин тартибот ҷорӣ буд : хироҷи онхо ба тариқи таомули кадим буд. Ба истилоҳи онҳо инро "таомули бобоӣ" меномиданд. Аз рӯи ин таомул "ҳаққул тарақа" ва никохона на ба қозӣ, балки ба ҳоким дода мешуд.

Хироҷи харсолаи мардуми Қаротегин иборат аз равғани зард ва як ғабақ курут буд. Арзиши хироҷи мазкур ба дах тангаи Бухоро намерасид. Ҳокими Қаротегин ҳар сол ду сар гови кутосро ҳамроҳи ду нафар навкария ба сифати андози тӯксан — тортуки худ ба Бухоро мефиристод.

Фақирони Қаротегин, онхое ки камзамин ё безамин буданд, ба вилоятҳои гуногун, аз ҷумла ба Ҳисор омада, мардикорӣ ва ҷувозкашӣ мекарданд.

Дар айни андозҷамъкунӣ бисёр сӯистеъмолу худсарихо мешуданд. Микдори ҳосилро тақрибан бардурӯғ муайян мекарданд. Ҳатто дар ноҳияҳои бойтарини аморати Бухоро ҳам деҳқонон маҷбур мешуданд, ки заминҳои худро партофта, ба ҳудуди генерал-губернатории Туркистон, бештар ба вилояти Самарқанд гурехта раванд, то аз пардохти бақияҳои беохири андоз раҳо ёбанд. Онхое ки оилаашон калон буду илоҷи фирор надоштанд, барои адои қарзи андоз буду шуди худро, хатто духтарони худро ба Самарқанд бурда мефурӯхтанд.

Ҳоли мардуми бекихои кӯҳистони Бухорои Ҷанубӣ ва Шарқӣ бошад, аз ин ҳам бадтар буд. Мардуми Кӯлоб, Дарвоз ва Қаротегин аз муомилаи ноодилонаву сахт ва зулму асорати доимии ҳукуматдорони Бухоро ба танг омада, шӯриш мебардоштанд.

Баробари ривоҷи муносибатҳои молӣ-пулӣ феодалон харчи бештар ба пул эхтиёҷ пайдо карданд, андоз ва маҷбуриятҳои гуногунро бо пул мегирифтагӣ шуданд. "Тарозупулӣ", "роҳпулӣ", "ҷуфтона" — барои ба кор бурдани ҷуфти барзагов, "нимсара" — барои истифодаи як барзагов ва ғайра.

Ба ҷуз ҳамаи инхо, мардуми меҳнаткаш маҷбур буд, ки мувофиқи талаби шахсони мансабдор маҷбурияти гуногуни меҳнатии бемуздро иҷро кунад : дар вақти муайян ба хашар расида биёянд, барои аз як ҷой ба ҷои дигар кашонидани маҳсулот чорвои худро бидиҳанд, ҳезум тайёр карда, ба хонаи амалдор бурда супоранд. Сарчашмаи даромади иловагии амалдорон ҷарима гирифтан буд, ки ярғу ном дошт.

Дар натиҷа деҳқонон хонавайрон шуда, аз порчаи заминашон маҳрум мегаштанд, заминро барои адои қарз мефурӯхтанд ва маҷбур мешуданд, ки корҳои вазнинро дар даргоҳи сарватмандон ба дӯши худ гиранд.



Дӯкони харбузафурӯшӣ

Аҳволи меҳнаткашон маълуму возеҳ аст, ки дар аморати Бухоро нисбат ба ҳудуди генерал-губернатории Туркистон бадтар буд. Маҷбуриятҳо ва андозҳои миёншикан халқро ба дод оварда буд. Худсариҳои амири Бухоро ва амалдорони ӯ деҳқононро маҷбур менамуд, ки ба муқобили тартиботи мавҷуда ва барои беҳтар намудани шароити зиндагиашон эътироз кунанд. Ҳамаи ин сабаби асосии шӯришҳои сершумори оммаи халқ мегардид.

**Робитаҳои иқтисодии аморати Бухоро бо Русия**

Робитаҳои иқтисодии аморати Бухоро бо Русия мувофиқи шартномаи солҳои 1868 ва 1873 имзошуда, ки аморат ба протекторати ҳукумати подшоҳӣ табдил ёфт, барқарор буд. Ин шартномаҳо мақсад доштанд, ки мавқеи Русия дар Бухоро пойдор гардад. Амири Бухоро аз ҳуқуқи мустақилона алоқа кардан бо давлатҳои дигари хориҷӣ маҳрум гашта буд. Императори рус ҳатто аз болои тарбияи ворисони амир, ки минбаъд мебоист ба ҷои падар ба тахти аморат нишинанд, назорат мебурд ва валиаҳдро расман таъин мекард.

Барои харҷӣ бештар ба корҳои аморат дахолат кардани вазорати корҳои хориҷии Русия соли 1885 дар назди амир намояндаи доимӣ — Агенти сиёсии империяи Русияро таъсис намуд. Амири Бухоро танҳо бо воситаи агенти мазкур бо генерал-губернатории Туркистон дар Тошканд ва бо императори рус дар Санкт-Петербург муносибат карда метавонист. Агенти сиёсӣ дар Когон, бевосита аз болои амир назорат бурда, савдогарони рус ва воридоти ашёи хомро зери ҳимояи худ мегирифт, аз ҳусуси равнақи савдои байни Русия ва Бухоро ва ғайраҳо назорат намуда ғамхорӣ мекард.

Дар навбати худ, барқарор гардидани протекторат ба вусъатёбии робитаҳои аморати Бухоро бо Русияи подшоҳӣ оварда расонид ва ба тараққиёти иқтисодиёти аморат то андозае кӯмак расонид. Пурзӯршавии муносибати байни ду давлат ба сохтмони роҳи оҳан вобастагии калон дошт.

Ин роҳ пойтахти аморат — шаҳри Бухороро бо шаҳрҳои марказии савдою саноатии Русия мепайваст. Роҳи оҳан мубодилаи молро тезонида кашондани борҳоро нисбатан арзон намуд, хубтар нигоҳ доштани молҳоро таъмин кард ва ҳоказо.



Ҳайъати сафорати Бухоро дар Петербург. Шахси айнакӣ – Аҳмади Дониш. Аз рост – Абдулқодирбий, Шахси ростистода – Козимбек - мутарҷим

Баъди сохта шудани роҳи оҳан капитали рус ба хоҷагии аморат ҳарчӣ зиёдтар дохил шуда, аморати Бухороро торафт бештар тобеъи сармоядорони Русия ва ҳукумати он гардонид.

Тоҷирони мамлакатҳои гуногуни шарқ — Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, бо роҳҳои корвонгард молҳои гуногунро ба Бухоро оварда, аз ин ҷо ба воситаи роҳи оҳан ба Русия ва аз Русия ба Бухоро ва мамлакатҳои дигар мекашониданд ва сафар мекарданд. Алоқаи савдоӣ байни Русия ва Бухоро, махсусан дар солҳои 90-ми асри XIX, баъди кам шудани маҳдудияти боҷхона, хеле ривоҷ ёфт.

Молҳои аз Русия воридшуда асосан аз матоъҳои гуногун, қанд, карасин, зарфҳои гуногун, маснуоти оҳанӣ ва фулузот иборат буданд. Аз Бухоро ба Русия ҳар сол қариб 900 ҳазор пуд пахта, тақрибан 750 ҳазор дона пӯсти қароқӯлӣ, то 200 ҳазор пуд пашм, то 60 ҳазор пуд абрешим,

ичунин меваи хушк, калоба, пӯст, матоъҳои нимшоҳӣ ва ғайра мебурданд. Савдогарони аморати Бухоро аз чунин додугирифт соҳиби даромади калон мешуданд.

Инкишофи тиҷорат ба ҷоннокшавии баъзе намудҳои ҳунармандӣ сабаб шуд. Акси ҳол низ мушоҳида мешуд. Баъзе намуди маҳсули косибони маҳаллӣ бо маҳсули заводу фабрикҳои Русия рақобат карда натавониста, аз байн мерафтанд ё худ маҳдуд мегашт. Ба туфайли сохтмони роҳи оҳан дар сарзамини аморати Бухоро, қад-қади роҳи оҳан, посёлкаҳои руснишин пайдо шуданд, ки тадриҷан ба марказӣ саноат ва савдо табдил меёфтанд (масалан, Когон, Чорҷӯй ва ғайра).

Умуман, шаҳру ноҳияҳои аморати Бухоро барои империяи Русия бештар ҳамчун бозори фурӯш хизмат мекарданд.

## ШӮРИШҲОИ ХАЛҚӢ

Дар ҳудуди аморати Бухоро, махсусан, дар солҳои 70-80 асри XIX, шӯришҳои халқӣ тез-тез ба вуқӯъ меомаданд. Мавҷи тавонои шӯришҳои халқӣ қариб тамоми маҳалҳои тоҷиконро фаро гирифт. Деҳқонони вилоятҳои Шӯробод, Деҳнав, Ҳисор, Кӯлоб ва Балҷувон ба шӯриш хеста буданд. Вазъият дар вилояти Шӯробод ниҳоят шадид буд. Ба сабаби худсарона зиёд кардани андозҳо деҳқонон тамоман хонахаробу хонабардӯш шуданд. Амалдорони поёнии маъмурияти вилояти Шӯробод бештар пуртаҳлука будани вазъиятро доништа, фаҳмиданд, ки хоҷагии вилояти мазкур ба ростӣ ҳам хароб шудааст ва ба ин сабаб деҳқонони ошубгарро маҷбуран тарафгирӣ карданд.



Қозикалони Тошканд

Вазъият дар бекии Кӯлоб низ бад буд. Соли 1884 ва чанд соли аз ин пеш, зироат аз хушкӣ сӯхта ҳосил нашуд. Дар он ҷойҳое ки деҳқонон каму беш ҳосил рӯёниданд, онро малах нобуд сохт. Соли 1885 андак ҳосил шуд. Мансабдорони амирӣ — амлокдорон қарзи солҳои пештараи беҳосилро талаб карданд. Илова бар он, миқдори андоз ҳам зиёд карда шуд. Деҳқонон ба шӯр омада, мансабдори беки Кӯлобро дошта заданд. Онҳо аз додани андоз саркашӣ намуданд. Вале бо қувваи сарбозони мусаллаҳ ошуби деҳқононро пахш карданд.

Дар ҳамин солҳо дар бекии Ҳисор ҳам вазъият ниҳоят тезу тунд буд. Аз рӯи тартиботи мавҷуда ҳар кас, бидуни доштану надоштанаш, мебоист ҳатман андоз супорад. Шахсоне, ки ба пардохтани ан-

дози ҳарсола қодир набуданд, ба канахонаҳо ва зиндонҳо маҳбус мешуданд. Дар канахона дар банди занчиру завлона бисёриҳоро шабушку кана газид: мекушт. Кам одам буд, ки панҷ сол тоқат карда метавонист.

Соли 1886 дар Қаратоғ косибони бофанда, ки кироя кор мекарданд шӯриш бардоштанд. Дере нагузашта, ошуби бофандагон тез паҳн шуда дӯконҳои дигарро ҳам фаро гирифт. Сабаби шӯриши косибон кам будани музди кор ва вазнин будани шароити меҳнат, дароз будани рӯзи кор буд. Ба якчанд соҳибкорони беҳад золиму ҳарис шӯришчиён рӯйирост гуфтанд, ки кушта мешаванд. Дар ниҳояти кор соҳибони дӯконҳо маҷбур шуданд, ки гузашт карда, баъзе талабҳои ошубгаронро иҷро намоянд. Масалан, маоши онҳо се маротиба зиёд карда шуд (аз 2 танга ба 6 танга расид).

Соли 1887 деҳқонони водии Ромит шӯриш бардоштанд. Сабаби ба дод омадани онҳо ин зиёд шудани андозу хироҷи чорво, мӯйина ва ғайра бар хилофи қонуну қоидаи пешина буд. Мисли дигар шӯришҳои деҳқонон ҳаракати ромитиҳо низ бо зарби яроқ пахш карда шуд.

Солҳои 80 зидди андозҳои дандоншикан деҳқонони Деҳнав шӯриш бардоштанд. Ин шӯришро низ паҳш намуда, 48 нафар роҳбарон ва иштирокчиёни онро ба дор кашиданд.

**Шӯриши Восеъ**

Дар солҳои 70 асри XIX дар бекии Балҷувон ошубҳои пурзӯри халқӣ рух доданд. Дар ин ошубҳо халқҳои гуногунзабон ширкат варзиданд. Яке аз чунин мардуми туркнажот — лақайҳо дар бекии Балҷувон фаровон буданд. Соли 1874 лақайҳо шӯриш бардоштанд. Қӯшуни ҳукуматии дар ин бекӣ сукунатдошта 7 нафар сардорони шӯришро дастгир намуда, зиндон карданд. Бо ҳамин шӯриши лақайҳо анҷом ёфт.

Соли 1878 ду ҳазор деҳқон аз худсарию зиёд шудани миқдори хироҷу закот ба шӯр омада, қалъаи Балҷувонро муҳосира карданд. Беки Балҷувон Абдукаримбек (писари беки Самарқанд — Шералии инок), аз ғазаби халқ тарсида, ба Ҳисор гурехт. Деҳқонон қалъаро гирифтанду molу мулки онро байни худ тақсим карда, ҳамон дам хона ба хона пароканда шуданд.

Ошуб бо қувваи мусаллаҳи беки Ҳисор пахш карда шуда, чанд нафарро ба дор кашиданд. Иштирокчиёни фаъоли шӯриш аз ҷазои ваҳшиёна тарсида, ба сӯи Дарвоз гурехтанд. Абдукаримбек боз ба Балҷувон баргашта, мисли пештара худсарӣ кардан гирифт.

Ҳамаи ин шӯришу ошӯбҳо барои ҳаракати азиме, ки соли 1887 бекии Балҷувонро фаро гирифт, гӯё заминае тайёр карда буд. Ин шӯриш бо номи шӯриши Восеъ маъруф гаштааст.

Сабаби шӯриш он буд, ки мувофиқи талаби амалдорони амир деҳқонон мебоист аз ҳосили яксола хироҷи на танҳо соли ҷорӣ, балки хироҷи солҳои пешинаи беҳосилро ҳам диҳанд. Иҷрои ин кор дар асл деҳқонон ва аҳли оилаи онҳоро ба гуруснагӣ мерасонид. Бинобар он бо сардории Восеъ деҳқонони атрофи Ховалинг ба ҳавлии амлокдор дарафтоданд,

ҳавлиҳои дигар ашрофро ба хок яксон сохтанд. Восеъ ба музофоти Балҷувону Кӯлоб одамони худро фиристод, ки мардум дар ҷанги зидди амир ба вай ҳамроҳ шаванд. Садҳо ҷабрдидагон дар атрофи сардори худ ҷамъ омаданд. Мардуми ҷамъомада бо сардории Восеъи ҷувозкаш роҳи Балҷувонро пеш гирифт. Гуфтушуниди одамони бек бо шӯришчиён натиҷа набахшид. Бек хост бо як ҳамлаи ногаҳонӣ шӯришро пахш кунад. Вале ба Восеъ муяссар мешавад, ки сарбозонро гурезонда, қалъаи бекро ишғол намояд. Шӯришгарон бегуноҳонро аз зиндони бек раҳо доданд. Баъд кӯрхонаи қалъаро кушода, аслиҳаро байни худ тақсим намуданд. Се шабонарӯз қалъаи Балҷувон дар дасти шӯришгарон буд. Хатои калони Восеъ ҳамин шуд, ки шӯришчиён аз ғалабаи худ мамнун шуда, қадаме аз Балҷувон берун намонданд.

Аз фурсат истифода намуда, ҳокими Балҷувон ба Кангурт расид ва аз он ҷо истода, аз ҳокимони Кӯлобу Ҳисор имдод талабид. Инчунин беки мазкур сарбозони пароканда гаштаи худ ва ҳамаи ононе, ки бар зидди деҳқонони шӯришгар буданд, ҷамъ карда, ба сари Балҷувон тохт ва қалъаро гирифт.

Восеъ ҳанӯз таслим намешуд. Ӯ муборизаро давом дода, Кангуртро ишғол кард. Дар ин ҷо деҳқонони Кангурту Қизилмазорро ҷамъ намуда, Восеъ бори дуюм қалъаи Балҷувонро ишғол намуд. Шӯришгарон на фақат ба Балҷувон, балки ба Ховалингу Кангурт ҳам соҳиб шуданд.

Комёбиҳои шӯришчиён ва муборизаи оммаи халқ бар зидди амалдорон ва сарватмандон решаҳои тартиботи феодалиро ба ларза оварданд. Аз хусуси шӯриши деҳқонон таҳти роҳбарии Восеъ амири Бухоро ҳатто ба генерал-губернатори Туркистон ҳам хабар медиҳад. Аз Бухоро ва Ҳисор ба сӯи Балҷувон лашкар фиристода мешавад. Ба қувваҳои муттаҳидаи ҳарбии бекҳои маҳаллӣ муяссар мешавад, ки шӯриши деҳқононро бо сардории Восеъ пахш кунанд. Ҳамсафони наздики Восеъ захмдор ё дар корзор халок шуданд. Худи Восеъ дар кӯҳҳо пинҳон шуда, чанд маротиба ба қӯшунҳои ҳокими Балҷувон ҳамла кард. Ниҳоят ӯ бо роҳи хиёнату фиреб дастгир шуд. Восеъро ишкелбанд карда, ба Ҳисор равон намуданд. Беки Ҳисор Остонақул қушбегӣ (1886-1906) ӯро ба ихтиёри амир фиристод. Восеъ дар назди амир, ки дар Шаҳрисабз меистод, ба дор кашида шуд.

Аммо на ба дор овехтани Восеъ ва на ҷазои ваҳшиёнаи шӯришчиён пеши роҳи муборизаи деҳқонон ва косибонро гирифта натавонист. Дар дигар музофотҳои Бухорои Шарқӣ борҳо шӯришҳои меҳнаткашон сар зада буд.

Мутаассифона, шӯришҳои халқӣ дар асри XIX чун асрҳои пешина, номуташаккилона ва пароканда буданд, роҳбарони саводнок ва таҷрибадор надоштанд. Аз ҳамин сабаб доимо шикаст мехӯрданд. Бо вуҷуди он шӯришҳои деҳқонон беш аз пеш ба решаи сохти феодалӣ теша мезаданд.

Халқи тоҷик дар бораи корнамоӣ ва муборизаи деҳқонон бар зидди золимон бисёр қиссаҳо, ҳикоя ва шеърҳо офаридааст. Инчунин дар бораи

диловарии Восеъ ва шарикони қаҳрамони ӯ дар забони халқ бисёр шеъру достонҳо боқӣ мондаанд:

Восеъ ба асп савор шуд,
Барои ҷанг тайёр шуд.
Барои халқ сардор шуд,
Халқ ай думбуш қатор шуд.

Восеъ ғазост имрӯз,
Ҷон мубталост имрӯз.
Ғавғои рӯзи маҳшар
Дар фақирост имрӯз.

Восеъ фаност имрӯз
Ҷонҳо фидост имрӯз
Ғавғои рӯзи маҳшар,
Бар фуқарост имрӯз.



Чойхона дар бозори Қаратоқ /соли 1903/

# САРЧАШМА
## КӮҲИСТОН. ТАҚСИМОТИ МАЪМУРӢ.

(Аз "Туркестанские ведомости", соли 1871)

Тамоми чор бекии болооби Зарафшон 121 қишлоқ дорад. Дар онҳо 6445 ҳавлӣ, 32225 нафар аҳолӣ (аз ҳисоби 5 нафар дар як ҳавлӣ) зиндагӣ мекунанд. Ҳар як бекӣ ба сада тақсим мешавад. Дар Фалғар се сада, дар онҳо 89 қишлоқ, 1076 ҳавлӣ, 5380 сокин мавҷуд аст. Бекии Мастчоҳ ба се сада тақсим мешуд, дар онҳо 36 қишлоқ, 1877 ҳавлӣ, 9385 сокин мавҷуданд. Бекии Фон ба се сада тақисм мешуд. Дар онҳо 30 кишлоқ, 908 ҳавлӣ ва 45040 сокин мавҷуданд. Бекии Яғноб — се сада, 27 қишлоқ, 881 ҳавлӣ, 4405 сокин дошт. Дар тамоми 12 сада 16 масҷид мавҷуд буд, ки ҳар кадоми он вақф ва 72 мактаб дошт.

## ЗИНДОНИ ҲИСОР

Мо бо ҳамроҳии ясавулбошӣ аз хонаи бек, ки дар теппаи қалъи Ҳисор воқеъ гардида буд, аз роҳравҳои танг поён фаромадан гирифтем. Даҳлезҳои торикро тиркашҳои хурди дар деворҳои ғафс сохташуда ба зӯр равшан мекарданд. Ҳавои гарм нафаскаширо душвор менамуд. Боз якчанд зина поён фаромада, дохили таҳхонаҳои равоқдор гардидем, ки ин ҷо ҷасадҳои сиёҳи хобида ва нишастаи одамонро дидем. Ҷангар-чангари ишкелҳо ба оромӣ халал мерасонид. Дар ин ҷо маҳбусони ба муддати як-ду сол ҳукмшуда мехобиданд. ... Дар таҳхонаи дигар, ки ҳаво боз ҳам ғализтар буд, маҳбусоне мехобиданд, ки гуноҳи сахттар содир карда, ба девор ишкелбанд карда шуда буданд. Боз ҳам поёнтар, ки ин ҷоро шуоъҳои офтоби аз байни тиркашҳои танг ба зӯр роҳёфта равшан менамуданд, ким-чӣ хел чоҳи бетағ намоён гардид. Ба ин ҷо одамони ҷинояти сахт содиркардаро мепартофтанд, ки онҳо дигар аз ин чоҳ баромада наметавонистанд. Аз ким-кадом тараф, аз поён нолаи маҳзунонаи одам ба гӯш мерасид. Мо, ки аз чизҳои дидаамон хеле озурда шуда будем, ба ҳавои кушод баромада, аз ваҳшати ҳамаи манзараи дидаамон озод шудем ...

Д.Н. Логофет. В горах и равнинах Бухары. СПБ 1913.

### Мактуби беки Ҳисор Остонақул қушбегӣ (1886-1906) ба номи амир, дар хусуси Восеъи асиргашта

Банданавозо!

Тасаддуқи сари муборақи ҷаноби олӣ, ҳазрати сайидоӣ шавам! Аз давлати қавишавкати ҳумоюнӣ ало мавлоям! Ин ғулом Абдулвосеъ, кӯрнамаки балҷувонӣ ҳамроҳи эшон Абдулҳақхоҷаи соҳибзода ва Муллобой тӯксабо ва Хоҷамурод мироҳур ва Қурбон қаравулбегӣ ва ду нафари дигар ғуломашон, ба давлатхонаи олӣ фиристодам. Ғуломи нодонам, илоҳӣ ҳазратам ҳамеша ба сари давлат саломат бошанд!

(А. А. Семенов. Очерк устройчства центрального административного управления Бухарского ханства позднейшего времени. Сталинабад, 1954.)

**Савол ва супориш**

1. Аз ҳисоби кадом вилоятҳо ҳудуди аморати Бухоро васеъ шуд?
2. Таксимоти маъмурии аморати Бухороро накл кунед.
3. Масоҳат ва нуфузи вилоятҳоро аз ёд намоед.
4. Замини танхоҳ ва истифодаи онро накл кунед.
5. Дар бораи сохтмони роҳи оҳан ва аҳамияти он барои хочагии аморати Бухоро накл кунед.
6. Сабабҳои сар задани шӯришҳои халқӣ кадомҳо буданд ?
7. Шӯриши Восеъ ва оқибати онро накл кунед.

# БОБИ VIII

## ДИГАРГУНИҲО ДАР ҲАЁТИ МАДАНИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

**Дигаргуниҳо дар ҳаёти мардум**

Дар ҳаёти сиёсии мардуми Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX, яъне баъд аз забти он аз тарафи Русия, дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Тартиботи нави ҷоригашта, ҳамсоягӣ бо мардуми аврупоӣ, алалхусус бо русҳо, ба ҳаёти маданӣ ва зисту зиндагии мардуми таҳҷоӣ таъсири муайян расониданд. Таъсири халқи рус ва умуман Русия ба инкишофи дигаргуниҳои ҷойдошта нисбат ба сокинони Осиёи Миёна, бидуни майлу хоҳиши ҳукумати подшоҳӣ, мамонияти баъзе унсурҳои ақибмондаи маҳаллӣ ва бархилофи сиёсати мустамликавии ҷоригашта ба худ роҳ меёфтанд.

Вале дар соҳаи маориф дигаргуниҳои куллӣ мушоҳида намешуд. Баъди забти Осиёи Миёна аз тарафи Русия миқдори мактабу мадрасаҳо зиёд шуда бошанд ҳам, дар соҳаи таълиму тарбия тағироти куллӣ ба вуҷуд наомад. Ҳукумати подшоҳӣ ба кори маорифи халқи мардуми маҳаллӣ дахолат намекард, барои беҳтар шудан ва такмил додани системаи кӯҳна, пешравии мактабу мадраса намекӯшид. Мисли пештара таълим дар мадрасаҳо дар ҳуҷраву дарсхонаҳои тангу торик мегузашт. Дар зимистон ҳуҷраҳо ба таври кофӣ гарм намешуданд, дар тобистон аз гармии ҳаво дар ин ҳуҷраҳо хондану таълим гирифтан ниҳоят мушкил буд. Мактабҳои ибтидоӣ бошад, бештар дар ҳавливу хонаҳои муллоҳои деҳоту гузарҳо ҷойгир буданд. Сӯиистеъмоли муллоҳо, муносибати асримиёнагии онҳо нисбат ба толибонашон дигар нашуд.

Мисли пештара мактабҳо аз ҳисоби бахшиши падару модари талабаҳо ва мадрасаҳо аз ҳисоби даромади заминҳои вақф амал мекарданд. Бадии кори таълим дар он буд, ки барномаи таълим ҳеҷ тағъир наёфт. Дар як вақт кӯдакони сину соли гуногун ва дараҷаи донишашон аз ҳам фарққунанда дар ҳузури як мулло (муаллим) таълим мегирифтанд. Маъмурияти подшоҳӣ аз вазъияти соҳаи маориф хеле хуб огоҳ буд. Мансабдорони соҳаи таълим борҳо ҳукумати мустамликавиро аз хусуси камфоида, хушкухолӣ ва камсамар будани таълими мактабҳо ва мадрасаҳо огоҳонидаанд. Вале барои бартараф намудани онҳо ҳеҷ як чора андешида намешуд.

Камбудӣ ва норасогиҳои таълимро дар мактаб ва мадрасаҳои мусулмонӣ тадриҷан мардуми аҳли савод ва равшанфикри мардуми таҳҷоӣ низ пай мебурданд. Аз байни онҳо шахсоне низ пайдо мешуданд, ки майли дар мактабҳои типи аврупоӣ таҳсил карданро доштанд.

Аввалин мактабҳои русӣ дар уезди Хуҷанд соли 1867, яъне баъд аз як соли забти ин шаҳр аз тарафи Русияи подшоҳӣ кушода шуд. Вале мактаби мазкур ҳамагӣ чор сол амал кард. Бо сабаби набудани бинои мувофиқ барои таҳсил баста шуд. Ҷавонони маҳаллӣ ба чунин мактаби типи

нав марок зохир намуда буданд. Вале ҳукумати мустамликавӣ майли талаботи онҳоро қонеъ кунондан надошт. Аммо баъд аз сохтмони роҳи оҳан, ривоҷ ёфтани муносибатҳои савдой ва умуман инкишофи муносибатҳои иктисодии Руссия бо Осиёи Миёна, маъмурияти мустамликавӣ ба одамони босавод эҳтиёҷманд буданашро хис кард. Чунки тарҷимонҳо ва мирзоҳо намерасид. Донистани забони русӣ барои тоҷирони маҳаллӣ ҳатмӣ гашт. Аз ҳамин сабаб маъмурияти ҳукумати подшоҳӣ соли 1888 дар бораи кушодани мактабҳои русӣ-туземӣ дар Хуҷанд, Ӯротеппа ва дертар дар Хоруғ, карор қабул кард. Чунин мактабҳо оҳиста-оҳиста обрӯ пайдо карда, байни ҷавонон диққатҷалбкунанда гаштанд. Бинобар он дар ибтидои асри XX дар тамоми уезди Хуҷанд, дар се мактаби ибтидоии назди калисо, ду мактаби русӣ-туземӣ ва курсҳои шабонаи назди онҳо, тақрибан 2700 талаба таълим мегирифтанд. Дар солҳои аввали ташкилшавӣ дар ин мактабҳо фарзандони бойҳо ва тоҷирони маҳаллӣ мехонданд. Аммо на ҳамаи хоҳишмандон, ҳатто фарзандони русҳои дар шаҳрҳо истиқоматдошта ба мисли аҳолии эҳтиёҷманди маҳаллӣ, наметавонистанд дар ин мактабҳо таҳсил кунанд. Мактабҳои номбурда аз муаллимони соҳибихтисос таъмин набуданд. Масалан, дар мактаби русӣ-туземӣ ва курси шабонаи Ӯротеппа ҳамагӣ як муаллими рус ва як мулло дарс медод. Вазифаи мулло ба талабагон омӯзонидани расму оини дини ислом буд.



Намунаи хатти хаттот Мирҳусайни Истравшанӣ

То ғасби Осиёи Миёна аз тарафи Русия ва чанд соли баъдина дар мадраса ва мактабҳои мусулмонӣ китобу дафтар намерасид. Китобҳои дарсӣ ба шакли дастнавис ва коғаз барои аксари талабагон дастнорас буданд. Дар Осиёи Миёна чопи китоб ба роҳ монда нашуда буд. Ба ивази коғаз талабаҳо лавҳи чӯбинро истифода мебурданд. Илова бар он, шумораи китобҳои дастнависшуда (китобҳои қаламӣ) кам буданд. Бинобар он нархи онҳо ниҳоят гарон буд. Эҳтиёҷи мардумро ба ҳисоб гирифта, русҳои корчалон ба ташкил намудани чопхонаҳо шурӯъ карданд. Соли 1882 соҳибкори рус дар Тошканд чопи сангии китоб (литографияро)-ро таъсис намуд. Баъдтар чунин чопхонаҳо дар шаҳрҳои Самарканд, Хӯканд ва Когон сохта шуданд. Китобҳо бо забонҳои тоҷикӣ, узбекӣ, арабӣ чоп шуда,

шумораи хонандагонаш дар байни мардуми маҳаллӣ зиёд шуд. Чопхонаҳо дар навбати худ барои чопи маҷаллаву рӯзномаҳо ба забони номбурда имконият доштанд. Чопи китобу маҷаллаву рӯзномаҳо барои таъсис ёфтани китобхонаҳои оммавӣ дар шаҳрҳо шароит муҳайё сохт.

Чопхонаҳои маҳаллӣ талаботи рӯзафзуни оммаи ба дониш ташналабро қонеъ кунонида натавонист. Бинобар он аз хориҷи кишвар, — аз шаҳри Қазони Тотористон, бештар аз Ҳиндустон, Эрон, Боку ва ҷойҳои дигар китобҳои гуногунмазмун ворида бозорҳои Осиёи Миёна гашт. Яъне китоб ба қатори дигар махсули косибон ва молхои саноатӣ "моли" тиҷорат гардид.

Зери таъсири маданияти ғарб, алалхусус русхо, симои шаҳрҳо, махсусан шаҳрҳои дар ҳудуди генерал-губернатории Туркистон ҷойгирбуда тағйир ёфт. Дар шаҳрҳои калон маҳалла ва гузарҳои нав бо биноҳои типи европоӣ, кӯчаҳои васеъ нисбатан хамвори сангфарш бино ёфтанд. Чунин манзилҳоро аҳолии маҳаллӣ "гузари рус" ё "маҳаллаи рус" меномидагӣ шуданд. Баъзе кӯчаҳои камбари қадима васеътар гаштанд. Мардуми сарватманд рӯи боми биноҳои истиқоматиашонро тунукапӯш карданд. Ин биноҳо ба ҷои даричаҳои пешина, оинакорӣ шуда, тирезаҳояшонро ба тарафи кӯча гузошта буданд. Дар бозорхо дӯконҳои оинакорӣ бо дарҳои кандакоришуда сохта шуданд.

Дар рӯзгори мардум хам баъзе дигаргуниҳо мушоҳида мешуд. Дар хонаҳои истиқоматӣ ҷевон, миз ва курсиҳо пайдо шуданд. Мошинаҳои дарздӯзӣ дар рӯзгори баъзе касон чизи муқаррарӣ, манбаъи даромад ва зиндагӣ шуданд. Ҳунари мошинаҷигиро баробари мардхо занхо низ аз худ намуданд. Дар шаҳрҳо ва баъзе қишлоқҳо ихтисоси дӯзанда пайдо шуд, ки мардум барои пӯшоки худро пора кардан ва дӯхтан ба онҳо муроҷиат мекарданд. Истифодаи мошинаҳои дарздӯзӣ меҳнати вазнини занонро як андоза сабук кард. Ба ивази чароғҳои бадбӯи равғани зағирсӯз чароғҳои шишагини бо карасин рӯшноидиҳанда дар рӯзгори касони зиёд муқаррарӣ гашт.

Пӯшоки марду зан инчунин як андоза тағйир ёфт. Сокинони шаҳр аз зери ҷомаҳои васеъю дароз камзӯлҳои сабуки кисадор мепӯшидагӣ шуданд. Занҳо ҳам ба ивази мунисак камзӯл пӯшида, мунисакро рӯзҳои мотам истифода мекардагӣ шуданд. Мардон, махсусан онҳое, ки дар хизмати ҳукумат буданд, мӯйисар монданд. Ин навигариҳо ибтидои он дигаргуниҳои бузурге буданд, ки баъдтар пурра ва ҳаматарафа зоҳир гашта, қиёфаи зоҳирӣ ва ботинии мардумро каме дигар карданд.

Олимон ва духтурхои рус дар байни оммаи халқ обрӯю эътибор пайдо карданд. Духтурхои рус аксар вақт ҳаёти худро зери хатар гузошта, мардуми беморро бо доруҳои барои он давра нодиру фоидабахш муолиҷа мекарданд. Беморон ба духтурҳои рус бо боварии комил назар карда, аз онҳо имдод мехостанд.

Дар Осиёи Миёна бемориҳои гуногун хело васеъ пахн шуда буд (сил, казомук, ришта, фатафаҷ ва ғайра). Яке аз чунин бемориҳои паҳнгашта

касалии нағзак буд. Ин бемори дар байни аҳолӣ тез-тез такрор мешуд. Духтурони рус бо нағзак муборизаи зарурӣ бурда, садҳо ва ҳазорон беморонро наҷот доданд. Вале онҳо ба ҳамаи гӯшаву канори кишвар расида наметавонистанд. Аз ҳамин сабаб духтурҳои соҳибихтисос тарзи табобат ва пешгирии бемории нағзакро ба намояндаи аҳолии маҳаллӣ омӯзонданд, ки чунин касонро дар забони халқ "чечакчӣ" меномидагӣ шуданд. Чечакчиён дар шаҳрҳо ва баъзе деҳаҳои калон истиқомат ва амал мекарданд.

Мутаассифона, шумораи духтурони рус ниҳоят кам буд. Дар охири асри XIX дар ҳудуди серодами уезди Хуҷанд танҳо як нафар духтури соҳибмаълумот амал мекард. Маъмурияти подшоҳӣ ба талаботи рӯзафзуни аҳолии маҳаллӣ чандон эътибор намедод. Бо вуҷуди он, муносибати инсондӯстонаи духтурони рус нисбат ба аҳолии маҳаллӣ, махсусан ба кӯдакони бемор як сабаби асосии боварии ду халқ гашт.

**Фаъолияти олимони рус дар Осиёи Миёна**

То нимаи аввали асри XIX Осиёи Миёна дар ғарбии Аврупо чандон маълум набуд. Баъзе олимон ва аҳли саводи мамлакатҳои дурдаст ба ғайр аз шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, оиди шаҳру деҳаҳои дигар тасаввури амиқ надоштанд. Баъд аз забти ин кишвар аз тарафи Русияи подшоҳӣ, баробари барқарор намудани муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, омӯзиши ҳаматарафаи Осиёи Миёна сар шуд ва адабиёти илмӣ аз чоп баромад. Сайёҳони кунҷков ва олимони рус корҳои тад-қиқотии ҳаматарафаро ба роҳ монда, ҷуғрофиё, геологӣ, олами ҳайвонту наботот ва таърихи халқҳои ин кишварро омӯхтанд.

Зоолог, зоогеограф ва сайёҳи рус Н.А. Северсев (1827-1885) қисми марказии Тиёншон ва биёбони Қизилқумро тадқиқ намуд, оид ба ҳайвонот ва набототи Помир маълумотҳои бисёре гирд овард. Тавсифи аввалини ҷуғрофиёти табиати Осиёи Миёна ба ӯ тааллуқ дорад. Баъзе ҳайвонот ва растаниҳои Помир ва ҷойҳои дигар ба номи ӯ гузошта шудааст. Н.А. Северсев коллексияи пурқиматтарини ботаникӣ, зоологӣ ва палеонтологӣ гирд овардааст.

Географ (ҷуғрофиёшинос), ходими ҷамъиятӣ, аъзои фахрии АИ Петербург, ноиб - раиси ҷамъияти географии рус Семёнов- Тян-шанский (1827-1914) бо омӯзиши ҷуғрофияи Осиёи Миёна, хусусиятҳои кӯҳии қаторкӯҳи Тиёншон ибтидо гузоштааст. Баъзе маҳалҳои географӣ дар Осиёи Миёна, Қафқоз ва ҷойҳои дигар ва қариб 100 намуди нави нобототу ҳайвонот ба номи ӯ гузошта шудаанд.

Водиҳои Фарғона, Зарафшон, Олой, Қизилқум аз тарафи табиатшинос ва сайёҳи рус А.П. Федченко (1844-1873) тадқиқ шуданд. Ӯ табиат, топография ва хоҷагии водии Зарафшонро омӯхта, қариб 800 намуди наботот ва якчанд ҳазор намуди ҳайвонотро коллексия карда, харитаи қисми ҷанубии водии Зарафшонро тартиб дод. А.П. Федченко ба Искандаркӯл омада, геоморфология ва олами ҳайвонту набототи ин ҷойҳоро омӯхт ва қариб 4500 намунаи ҳайвонту 400 намуди набототро коллексия карда, харитаи

тамоми водӣ (аз Панчакент то пиряхи Зарафшон)- ро тартиб дод. Калонтарин пиряхи кӯхии Точикистон ва чахон (дар шимоли гарбии Помир) номи Федченкоро дорад.

Геолог ва географи рус И.В. Мушкетов (1850-1902) солхои 1874-1875 ба кӯххои Тиёншон ва водии Сир сафар кадра, якчанд кони сарватхои зеризаминиро кушод. Ӯ кори худро давом дода, геологияи конхои мис, сурбу нукра ва ангиштсанг, инчунин пиряхи Зарафшонро омӯхт. Натичахои тадкикоти ӯ дар "Туркистон" ном китоби дучилдааш инъикос ёфтааст. Дар тартиб додани нахустин харитаи геологии Туркистон ширкат варзида, Мушкетов сазовори медали Чамъияти чугрофияшиносони рус гардид.

Як катор объектхои географӣ : ду пирях (дар Тиёншон ва Помир), каторкӯххо ва маъдани кӯхӣ ба номи ӯст.

Яке аз тадкикотчиёни маъруфи рус В.Н. Липский — аъзои чамъияти чугрофияшиносони рус, солхои 1896, 1897 ва 1899 дар худуди аморати Бухоро, аз чумла дар водии Хисор ва Зарафшон тадкикот бурда, маълумотхои нихоят чолиброоиди таърих, тарзи зиндагии мардум ва набототи ин водихо ба калам овардааст.

Баъди забти Осиёи Миёна барои тадкикоти ин кишвар аз тарафи олимони рус ва махаллӣ шароити хуб фарохам овард. Соли 1870 Мулло Абдурахмони Самаркандӣ хамрохи лашкари генерал Абрамов ба сифати тарчимон ба болооби Зарафшон харакат карда, оиди зисту зиндагонии мардуми ин водии кухан маводи нихоят чолиб гирд овард.

Шаркшиноси рус В.Н. Наливкин таърихи мухтасари хонии Хӯкандро навишт. Ин асар соли 1885 дар Казон чоп шуд.

Соли 1895 дӯстдорони илми бостоншиносӣ, ки дар ин кишвар кору эчод мекарданд, муттахид шуда, махфили дӯстдорони археологияи Туркистонро таъсис доданд. Аъзоёни махфил аз рӯи сарчашмахои хаттӣ асархои олимони асри миёна, катибахоро меомӯхтанд, кофтуковхои археологӣ хам мегузарониданд. Бо хамин рох ёдгорихои таърихии асри миёнаи Самарканд ва шахрхои дигар дар ибтидо омӯхта шуданд.

Барои кори босамари олимони рус китобхонаи оммавии соли 1870 дар Тошканд ташкилёфта ахамияти калон дошт. Ба туфайли асархои олимони рус чахон бо таърих ва маданияти бой ва тарзи зиндагии халкхои точику ӯзбек ва дигар халкхои сарзамини Осиёи Миёна нисбатан пурра ошно шуд.

## МАОРИФПАРВАРӢ

Сохти феодалии чамъият ва идеологияи хукмрони он — дини ислом ба хаёти маънавии замон, аз чумла ба мазмуни умумии адабиёти ин давр, накши муайяни худро гузоштааст. Равияи адабие, ки ба вучуд омада буд, дар он норизоӣ аз замона дар акидахои пешкадамона ва эчодиёти бисёр шоирони маъруфи он давр ифода ёфтааст. Ин шоирон (Возех, Савдо, Шохин, Ахмади Дониш, Хайрат ва монанди инхо) аз махдудияти таърихии замони худ озод набуданд, дар чахонбинӣ ва эчодиёти онхо таъсири дин кам набуд. Аммо мундаричоти пешкадамонаи эчодиёти онхо равияи пешкадами прогрессивӣ ба шумор меравад.

Дар эҷодиёти чунин шоирон танқиду мазаммати табақаи ҳукмрон ва соҳибони давлату мансаб мавқеи муҳимеро ишғол мекард. Аҳмади Дониш, Шоҳин ва Возеҳ чанд муддат дар хизмати амир буданд ва тамоми эҷодиёт, ҳатто озодии шахсии онҳо дар тахти назорати амир буд. Онҳо тамоми фасоди ахлоқи амиру табақаи ҳоким ва ҳорни аҳли донишро дар муҳити дарбор дидаву чашида буданд. Аз ин сабаб дар эҷодиёти онҳо шикоят ва эътироз ба муқобили амир, танқид ва мазаммати муҳити дарбор ниҳоят равшан ва баралоина ифода ёфтааст. Онҳо аз бекадрии фазлу дониш, аз пастии толеву бадбахтии аҳли илм шикваҳои талх мекарданд.

Дар эҷодиёти шоирони равшанфикр мавзӯи ҳимояи манфиатҳои оммаи меҳнаткаш, мардуми ҳунарманду заҳматкаш ба андозаи муайян инъикос шудааст. Аҳволи бади деҳқонон ва ҳунармандон, зулму ситами заминдорони калон, судхӯрон ва амалдорони амиру амалдорони маҳаллӣ шоирони пешқадамро дар ғазаб мекард ва онҳо ин вазъи беадолатиро дар ашъори худ танқид менамуданд.

Маорифпарварӣ идеология ва ҷунбиши фикрие буд, ки дар Аврупои ғарбӣ дар асрҳои XVII-XVIII ба вуҷуд омад. Идеологияи маорифпарварӣ барои тайёр намудани революцияҳои буржуазӣ нақши бузург дошт.

Дар мамлакатҳои Шарқ низ аз аввалҳои асри XIX сар карда, бедории фикрии иҷтимоие ба вуҷуд омад, ки асосан ба муқобили асосҳои пӯсида ва реаксионии сохти феодалӣ равона шуда буд. Дар адабиёти илмӣ ин бедории фикрӣ ва ҷунбиши иҷтимоиро афкор ва ҳаракати маорифпарварӣ меноманд.

Ҳаракати маорифпарварии Осиёи Миёна аз ҷиҳати вусъату микёс ба дараҷаи мамлакатҳои Ғарб набуд. Аммо дар шароити тиреву тори феодалӣ нисбат ба идеологияи асримиёнагӣ ғояҳои маорифпарварӣ рӯҳи ҷанговарона дошт.

Афкори маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Бухорои нимаи дуюми асри XIX, ҳанӯз ба табақаҳои гуногуни ҷамъият таъсир нарасонида буд. Чунки онҳо чандон бисёр набуданд, қувваи бузурги иҷтимо иро ташкил намекарданд.

Маорифпарварони тоҷик дар осори илмӣ, фалсафӣ ва адабии худ ғояҳои пешқадами замонашонро ифода мекарданд, манфиатҳои оммаи меҳнаткашро самимона муҳофизат менамуданд.

Маорифпарварони тоҷику ӯзбек нисбат ба тартиботи давлатии замони худ нафрати беандоза доштанд. Дилшоди Барно, Фуркат, Муқимӣ ва дигарон бисёр соҳаҳои ҷамъиятии хонии Хӯқандро танқид намуданд. Махсусан, Аҳмади Дониш ва Возеҳ дар осори фалсафӣ, ахлоқӣ, сиёсиву таърихӣ ва адабиашон тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии аморати Бухороро сахт танқид намуданд. Чунин танқиди иллатҳои сохту тартиботи феодалии замон дар асарҳои адабии Шоҳин дида мешавад.

Афкор ва фаъолияти маорифпарварони тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX асосан ба се равия, яъне бо равияи танқиди сохти давлатӣ ва иҷтимоии феодалӣ, тарғиби маърифат, илму дониши дунявӣ, тарғиби тарзи зин-

дагӣ дар мамлакатҳои Аврупо ва ниҳоят бо равияи ҳимоя намудани манфиати оммаи меҳнаткаш зоҳир мегашт.

Оҳиста - оҳиста дар афкори пешқадами сиёсиву иҷтимоии нимаи дуюми асри XIX ҷараёни маорифпарварӣ мавқеи муайян пайдо намуд. Афкори маорифпарварӣ дар бисёр соҳаҳои ҳаёти маданиии он давр таъсир кард. Аммо таъсири бештари ӯ дар адабиёт намоён гардид.

Ғояву ақидаҳои Аҳмади Дониш ба инкишофи ҷараёни пешқадами адабиёти он давр таъсири мусбат гузошт. Як гурӯҳ шоирони он замон дар тахти таъсири ҳамон ғояҳо буданд ва ба ҳамин тариқа дар атрофи Аҳмади Дониш як навъ мактаб ё равияи адабӣ ба вуҷуд омад.

**Аҳмади Дониш** Аҳмади Дониш соли 1826 дар Бухоро таваллуд шудааст. Ӯ дар оила фарзанди ягона буд. Аҳмад савод ва маълумоти ибтидоияшро дар хонаашон, назди модари худ гирифтааст. Падараш истеъдоди фавқулодаи писарашро дида, ба вай забони арабӣ меомӯзад ва Аҳмад ҳанӯз дар синни даҳ-дувоздаҳсолагӣ ба хондани китобҳои арабӣ ва ҳатто тафсири Қуръон даст меёбад. Аз синни хурдсолӣ Аҳмад ба як шавқу ҳавас ва истеъдоди фитрӣ ба мусаввириву наққошӣ ҳам майл мекунад. Баробари ин вай аз хурдсолӣ хатти зебову хоно дошт, ки дар он замон ҳунари калон буд.

Падари Аҳмад ӯро дар синни 10-12 солагиаш ба мактаби қориён мемонад, то ӯ Қуръонро аз бар намуда, қорӣ шавад ва бо ин восита маоши зиндагии худро таъмин намояд. Вале ӯ қорӣ шудан нахост ва аз синни 14-солагӣ барои таҳсили илм ба мадраса дохил шуд. Дар солҳои таҳсил Аҳмад илми ҳайъату нуҷум, илми табииёту риёзиёт (математика), фалсафа, илми тиб, таърих, назарияи адабиёт ва шеършиносиро ба тарзи мустақил меомӯзад ва дар ҳамаи ин илмҳо дониши устуворе пайдо мекунад.

Баъд аз хатми мадраса, туфайли ҳунари наққошиву хаттотии худ ӯ ба дарбори амир Насрулло (1826-1860) даъват шуд. Амир зиракӣ ва фазилати Донишро фаҳмида, ӯро соли 1857 ба сафорати худ ба Петербург ба сифати мирзо ва шахси маҳрами худ таъин мекунад.

Сафари дуюми Аҳмади Дониш ба Петербург соли 1869, дар замони ҳукмронии амир Музаффар (1860-1910), ба сифати мирзои махсуси сафорат, сурат мегирад. Ин сафарҳо доираи назар ва ҷаҳонбинии Донишро хеле васеъ кард. Ӯ бо чашми худ дид, ки тараққиёти илму дониш маданият ва маърифати мамлакатро ба чӣ пояҳои тараққиёт расонид.

Баъди бозгашт аз сафари Русия амир Музаффар ба Аҳмади Дониш рутбаи фахрии урокро медиҳад. Соли 1874 амир ӯро бо сафорати сеюм ба Петербург мефиристад.

Аҳмади Дониш аз сафарҳои худ ба Русия ба хулосаҳои амиқ омада, дар тамоми риштаҳои идораи давлатӣ ва маъмурии аморат дигаргуниҳои ҷиддиеро пешниҳод карда буд. Амир пешниҳодҳои ӯро қабул накард ва чора андешид, ки Аҳмад аз дарбор ва ҳатто аз Бухоро дур карда шавад. Ӯ то соли 1886 дар тумонҳои дурдасти Бухоро — Ғузор ва Нахрпай дар вази-

фаи қозигӣ буд. Баъд аз ба сари ҳокимият омадани амир Абдулаҳад (1885-1910) Аҳмади Донишро боз ба Бухоро баргардонида, ӯро ба яке аз китобхонаҳо китобдор таъин намуда, маош муқаррар мекунанд.

Аҳмади Дониш то охири умраш зиндагии озодона ба сар бурд. Ӯ соли 1897 дар Бухоро вафот кард.

Асарҳои Аҳмади Дониш дар байни аҳли илму адаби он замон шӯҳрати калон пайдо кард ва муаллифи он ҳамчун олим, нависанда ва мутафаккири забардасти замонаш шинохта шуд. "Наводир-ул-вақоеъ" асари калонтарини ӯст, ки бобу фаслҳои он аз масъалаҳои фалсафию иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва илмӣ баҳс мекунад. Ин асар дар давоми қариб понздаҳ сол (1870-1885) таълиф шудааст.

Асари дуюме, ки дар он афкори сиёсиву иҷтимоӣ ва ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш боз ҳам амиқтар ва барҷастатар ифода ёфтааст, "Рисолаи таърихӣ" ё худ "Рисола ё мухтасар аз таърихи салтанати хонадони мангития"- и ӯ мебошад. Муаллиф ин асарро дар охири умраш таълиф намуда, онро то охир расонида натавонистааст. Бо вуҷуди он ин рисола дар таърих, таърихи афкори сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик ва таърихи адабиёт аз ҷиҳати шаклу мундариҷа арзиши беназире дорад. Дар ин асар шахсони олимақоми ҷамъият ва сохти иҷтимоӣ фош карда шудааст.

Масалан, ӯ навиштааст: "Агар ҳоли султонро тафтиш кунӣ, фосиқе, золиме, саффоке (аҳмақе) ва қозӣ марди муртаде ва ҳаромхӯре, ғосибе ..., ва раис бедиёнате (ва ассас) мухмири муқаммире (қиморбоз), саркардаи роҳзанон ва саркардаи сарукон (дуздон) мебуд".

Аҳмади Дониш бисёр иллатҳои иҷтимоӣ ва сабабҳои нобаробарии ҷамъияти замонашро барои мардуми он давр нишон дод, тартиботи давлатӣ, золимии амир ва сохти пӯсидаистодаи феодалии аморати Бухороро, ки боиси пасмондагӣ ва бадбахтии умумии ҷамъият ва раият буд, сахт танқид намуд. Дар як шароити ниҳоят душвор ӯ ғояҳои пешқадамро барои тараққиёти ҷамъияти инсонӣ тарғиб намуда, таълими илму дониши нав, фунуни табиӣ ва иҷтимоии тарзи навро пешниҳод кард. Ҳамаи ин хизматҳо Аҳмади Донишро дар қатори мардони бузург дар таърихи халқи тоҷик гузоштааст.

Аҳмади Дониш на танҳо дар пойтахти аморат маъруфу машҳур буд. Ӯро дар ҳамаи гӯшаву канори Осиёи Миёна калонтарин мансабдорон шинохта ва ҳурматаш мекарданд. Масалан, беки Ҳисор Остонақул қушбегӣ (1886-1906) бо Дониш шахсан шинос ва доир ба баъзе масъалаҳои муносибат бо Русияи подшоҳӣ ҳамфикр буд. Ё худ, ҳангоми сафари Аҳмади Дониш ба Ӯротеппа ду нафар мансабдори ин мулк мебоист бо фармони хони Хӯқанд ба қатл расанд. Дониш навиштааст, ки ӯ аз ҳокими Ӯротеппа Абдулғаффорбек ҷони ин ду нафарро талаб кард. Беки номбурда бидуни фармони хони Хӯқанд, ки он солҳо Ӯротеппа тобеъи Худоёрхон буд, ду нафарро ба хотири Аҳмади Дониш аз марг наҷот дода, ба мансабҳои худашон барқарор намуд.

**Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ**

Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ соли 1818 дар шаҳри Бухоро таваллуд шудааст. Ӯ баъд аз таҳсили мактаб дар дабистони қориён ба омӯхтан ва ёд кардани Қуръон машғул шуд. Баъди хатми ин донишкада Возеҳ ба мадраса дохил мешавад. Берун аз программаи мадраса ӯ мустақилона илм-ҳои таърих у адабиётро хуб меомӯзад. Аммо бо вучуди ин илму дониш Возеҳ дар ҷамъият ба мақоми шоиста соҳиб шуда натавонист ва дар нодо-риву камбағалӣ зиндагӣ мекард.

Тахминан дар солҳои панҷоҳуми асри XIX шоир ба дарбори валиаҳди Бухоро, Музаффархон, ки он вақт ҳокими Кармина буд, кашида мешавад. Вале хизмати дарбории ӯ дер намонд. Возеҳ ба Бухоро баргашта, машғули корҳои эҷодиву илмӣ мешавад. Воситаи асосии зиндагии ӯ рӯйнавис кардани китобҳо буд. Чунки Возеҳ устоди хати зебо буд.

Возеҳ тазкираи " Тӯҳфат ул ахбоб"- ро соли 1871 ба охир расонида, ба номи амир онро унвон мекунад.

Баъд аз ба сари ҳокимият омадани амир Абдулаҳад дар ҳаёти Возеҳ ва баъзе шоирони дигар дигаргуние рух медиҳад. Чунки амир худро шеърдӯсту шоирнавоз ба қалам дода, бисёр шоиру нависандагонро ба марҳамату лутфи худ навохта, ба дарбор ҷалб мекунад. Баъзеи онҳоро ба ягон рутбаю вазифа мансуб менамояд ( Абдулаҳадхон бо тахаллуси Оҷиз шеър мегуфт). Вазъи Возеҳ беҳтар шуда, ӯ имконият пайдо мекунад, ки хонадор шавад.

Соли 1886 Возеҳ ба сафари ҳаҷ мебарояд. Ӯ бисёр кишварҳоро тамошо карда, бо олимону фозилони он ҷой шинос мешавад. Баъди сафараш ӯ хотираҳои роҳ ва мулоқотҳояшро бо олимону фозилон ва аҳолии шаҳрҳои дигараш дар шакли китоб, бо номи "Савонеҳ ул-масолик ва фаросих ул-мамолик" ("Воқеаҳои роҳҳо ва масофаҳои байни кишварҳо") таълиф мекунад ва онро ба амир Абдулаҳад мебахшад. Возеҳ дар ин катоб сафари ҳаҷ ва шаҳрҳои муқаддаси Маккаву Мадинаро тасвир кардааст. Аз бисёр воқеа ва шароити мамлакатҳои тараққикарда ӯ барои ҳамдиёронаш хабарҳои тозаву навин ва ибратбахш нақл мекунад. Сайёҳи мазкур се ҷиҳати зиндагии кишварҳои дидаашро тасвир кардааст : сохти сиёсӣ, дараҷаи инкишофи иқтисодӣ, пешрафти техника, маданият ва илму дониш.

Кӯшишҳои Возеҳ шароити зиндагии ӯро ба таври куллӣ дигар карда натавонист. Шоир дар хориву зиллат соли 1894 аз ҷаҳон чашм пӯшид.

Возеҳ боз чунин асарҳоро навиштааст : "Кони лаззат ва хони неъмат", Дар он Возеҳ аз тарзу усули тайёр кардани таом, ширинӣ ва нонҳое, ки дар байни мардуми Осиёи Миёна ва махсусан мардуми Бухоро хос буд, маълумот медиҳад. Асари дигари Возеҳ "Ақоид ун-нисо" ("Эътиқоди занҳо") ном дошта, дар он муаллиф урфу одат ва хурофотҳоеро, ки байни занони ҷоҳилу ноҳондан Бухоро ҳукмфармо буд, сахт ҳаҷву танқид кардааст.

Мероси манзуми Возеҳ аз девонҳои ашъори тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва арабӣ иборат аст. Девони ӯ то замони мо нарасидааст. Аз порчаҳои маълуми он

тасвир намуда, аз хусуси ҷангҳои феодалӣ, оқибатҳои харобиовари онҳо, ғаму андӯҳи халқ, аҳволи тоқатфарсои мардуми заҳматкаш, ки аз замину об ва олати меҳнат маҳрум буданд, нақл мекунад. Ӯ дӯстӣ ва иттифоқи халқҳо, озодии занони Шарқро тараннум менамояд.

Дилшод рӯҳониёни иртиҷопарастро зери танқиди сахт гирифта, зулми дутарафаи ҳокимони маҳаллӣ ва мустамликадорони ҳукумати подшоҳии Русияро фош мекунад.

Дилшод дар Хӯқанд ҳаёт ба сар бурда, касби бибиотуниро пеша карда буд ва шогирдони зиёдеро аз байни духтарон маълумотнок гардонид. Яке аз шогирдони боистеъдоди ӯ, шоираи равшанфикри халқи ӯзбек Анбаротун буд. Ӯ дар шеърҳояш ва асари насрияш "Қаролар фалсафаси" ("Фалсафаи сиёҳон") халқро ба озодӣ даъват намудааст. Ин ду шоира дар шеърҳои худ дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбекро тараннум кардаанд.

**Оҷиз** Яке аз равшанфикрони асри XIX Саидҳасанхӯҷа мутахаллис ба Оҷиз, писари Тӯрахӯҷаи Истаравшанӣ буд. Ӯ бо номи "Таърихи Мадина" асари таърихие ба мерос гузоштааст. Оҷиз саёҳатҳои дуру дароз карда, якчанд мамлакатро дида, дар Мадинаи Мунаввара як муддат зиндагӣ мекунад. Оҷиз дар Эрону Туркия низ будааст. Дар он давра Арабистон дар зери тасарруфи султонҳои Туркия буд.

Дар шаҳри Мадина ӯ бо супориши ҳокими он таърихи салтанати султонҳои туркро навишта, бештар ба замони ҳукмронии султон Абдулмаҷид (1839-1861) ва ободиҳои замони ӯ дар Мадина истода гузаштааст.

Қисми дуюми "Таърихи Мадина" таърихи халқҳои Мовароуннаҳрро дар бар мегирад. Дар ин қисм воқеаҳои солҳои 40-50-ми асри XIX, муносибати хони Хӯқанд бо аморати Бухоро ва як қатор воқеаҳои дар ҳудуди ватани муаллиф шаҳри Ӯротеппа рӯйдода сабт гаштааст.

Дар натиҷаи саёҳатхо Оҷиз бо зиндагонии вазнини мамлакатҳои гуногуни Шарқ ошно гардида, мафкураву ҷаҳонбиниаш инкишоф мёёбад. Норизоии Оҷиз аз замон ва ҷараёни зиндагии вазнин дар асари номбурдаи ӯ васеъ инъикос ёфтааст.

Ба сабаби ақидаҳои равшанфикронааш пайваста дучори таъқибу таҳқири табақаҳои болоии ҷамъият шудани Оҷиз аз гуфтаҳои зерини ӯ равшан мегардад : "Забони таъну маломат ва сарзаниш дар ҳаққи ин бенаво Оҷиз таҷрид ҷорӣ гардониданд. Ҳайрон ва саргардон мондам, намедонам, ки ба куҷо равам ва ба кадом тараф гурезам аз дасти ин золимону бебокон ва маккорону ҳилагарон. Домани мусибат ба по печида, дар зовияти ғаму андӯҳ ва кулфат фурӯ мондаем".

Оҷиз ҳамзамон ва дар баъзе масъалаҳои танқиди ҷамъияти феодалии асри XIX, ҳамзабони маорифпарвари бузург Аҳмади Дониш ва шогирдони ӯ буда, монанди ҳамдиёраш Дилшоди Барно яке аз равшанфикрони замони худ буд. Ақидаҳои пешқадами Оҷиз дар шеърҳои ӯ низ мушоҳида мешаванд.

тасвир намуда, аз хусуси ҷангҳои феодалӣ, оқибатҳои харобиовари онҳо, ғаму андӯҳи халқ, аҳволи тоқатфарсои мардуми заҳматкаш, ки аз замину об ва олати меҳнат маҳрум буданд, нақл мекунад. Ӯ дӯстӣ ва иттифоқи халқҳо, озодии занони Шарқро тараннум менамояд.

Дилшод рӯҳониёни иртиҷопарастро зери танқиди сахт гирифта, зулми дутарафаи ҳокимони маҳаллӣ ва мустамликадорони ҳукумати подшоҳии Русияро фош мекунад.

Дилшод дар Хӯқанд хаёт ба сар бурда, касби бибиотуниро пеша карда буд ва шогирдони зиёдеро аз байни духтарон маълумотнок гардонид. Яке аз шогирдони боистеъдоди ӯ, шоираи равшанфикри халқи ӯзбек Анбаротун буд. Ӯ дар шеърҳояш ва асари насрияш "Қаролар фалсафаси" ("Фалсафаи сиёҳон") халқро ба озодӣ даъват намудааст. Ин ду шоира дар шеърҳои худ дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбекро тараннум кардаанд.

**Оҷиз** Яке аз равшанфикрони асри XIX Саидҳасанхӯҷа мутахаллис ба Оҷиз, писари Тӯрахӯҷаи Истаравшанӣ буд. Ӯ бо номи "Таърихи Мадина" асари таърихие ба мерос гузоштааст. Оҷиз саёҳатҳои дуру дароз карда, якчанд мамлакатро дида, дар Мадинаи Мунаввара як муддат зиндагӣ мекунад. Оҷиз дар Эрону Туркия низ будааст. Дар он давра Арабистон дар зери тасарруфи султонҳои Туркия буд.

Дар шаҳри Мадина ӯ бо супориши ҳокими он таърихи салтанати султонҳои туркро навишта, бештар ба замони ҳукмронии султон Абдулмаҷид (1839-1861) ва ободиҳои замони ӯ дар Мадина истода гузаштааст.

Қисми дуюми "Таърихи Мадина" таърихи халқҳои Мовароуннаҳрро дар бар мегирад. Дар ин қисм воқеаҳои солҳои 40-50-ми асри XIX, муносибати хони Хӯқанд бо аморати Бухоро ва як қатор воқеаҳои дар ҳудуди ватани муаллиф шаҳри Ӯротеппа рӯйдода сабт гаштааст.

Дар натиҷаи саёҳатхо Оҷиз бо зиндагонии вазнини мамлакатҳои гуногуни Шарқ ошно гардида, мафкураву ҷаҳонбиниаш инкишоф меёбад. Норизоии Оҷиз аз замон ва ҷараёни зиндагии вазнин дар асари номбурдаи ӯ васеъ инъикос ёфтааст.

Ба сабаби ақидаҳои равшанфикронааш пайваста дучори таъқибу таҳқири табақаҳои болоии ҷамъият шудани Оҷиз аз гуфтаҳои зерини ӯ равшан мегардад : "Забони таъну маломат ва сарзаниш дар ҳаққи ин бенаво Оҷиз таҷрид ҷорӣ гардониданд. Ҳайрон ва саргардон мондам, намедонам, ки ба куҷо равам ва ба кадом тараф гурезам аз дасти ин золимону бебокон ва маккорону ҳилагарон. Домани мусибат ба по печида, дар зовияти ғаму андӯҳ ва кулфат фурӯ мондаем".

Оҷиз ҳамзамон ва дар баъзе масъалаҳои танқиди ҷамъияти феодалии асри XIX, ҳамзабони маорифпарвари бузург Аҳмади Дониш ва шогирдони ӯ буда, монанди ҳамдиёраш Дилшоди Барно яке аз равшанфикрони замони худ буд. Ақидаҳои пешқадами Оҷиз дар шеърҳои ӯ низ мушоҳида мешаванд.

Дар асри XIX асари Муллониёзмуҳаммад — "Таърихи Шоҳрухӣ" навишта шудааст. Китоб бештар ба таърихи хонҳои Хӯқанд бахшида шуда, вокеаҳои дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон рухдодаро низ дарбар мегирад. Муаллиф асарашро ба забони тоҷикӣ ба насру назм навиштааст. "Таърихи Шоҳрухӣ" соли 1885 аз тарафи шарқшиноси рус Н.Н. Пантусов дар шаҳри Қазон нашр шуд.

Умуман, нимаи дуюми асри XIX дар таърихи халқи тоҷик ва таърихи халқҳои дигари Осиёи Миёна аз вокеаҳои муҳим саршор аст, ки онҳо дар сарнавишти ин халқҳо ҷои намоёнеро ишғол менамоянд.

## САРЧАШМА
### АҲВОЛИ АСИРОН

(Аз хотираҳои Дилшоди Барно "Таърихи муҳоҷирон)

Се сол муқаддам дар вабо модарам фавт ёфта, падарам талаф шуда, сараш ба Калламанора монанди кулӯх монда шуда буд. Дар хонаамон ман бо модаркалонам, ки навадсола буданд, калоба реста мезистем.

Дар таърихи шаш рӯзи муҳориба, ки тамоми мардон ба майдони ҷанг ва ғазоти кӯчагӣ саргардон буданд, заиф ва бачагон, кӯҳансол одамон дар хона ва қазноққо пинҳон шуда менишастанд.

Ҳавли муҳориба ҳамчунон фароҳам гирифта буд, ки баъд аз шабохун карда, ба шаҳр дохил шудани лашкари истилогарон, сарбозон ва надим ва маҳрамони амир хона ба хона гашта, анҷом ва олоти халқро толон ва торoҷ намуда, духтаронро асир мекарданд.

Ҳамаи асирон ба майдони Чаҳорсу ҷамъ оварда шуданд.

Надонистам, ки аҳволи модаркалонам чӣ шуд ! Вақте, ки аз як чағора маро дастгир намуданд, дигар хабар надоштам. Миш-миши мобайни халоиқ хабар медод, ки ҳамон рӯз сездаҳ ҳазору чаҳорсад нафар одам асир шуда, ба ҳамин майдон ҷамъ омадаанд. Худи амири Фарғона, яъне амир Умархон, бо вуҷуди олим ва шоири бузург будан, ба ягон олим ва шоири баладаи мазлум тараҳҳум надошт.

Баъд аз чоштгоҳи рӯз аз тарафи самти ҷанубии шаҳр, ки "Бозори ғӯза" мегӯянд, савораи бешумор омада, атрофи он майдони асирмакангаштаро иҳота карданд ва ду нафар ҷарчии савора манодӣ мекарданд.

Баъд аз ин бо ишораи амир ҳамаи "гунаҳкорон" ба тарафи сои паҳновари самти шарқии Чаҳорсу пешандозкунон бурданд. Аз чоштгоҳ то вақти намози аср, паи ҳамдигар одамонро ба дор овехта кушта, мурдаҳоро мурдабардорони тайёр бо занбел ва ароба кашонида, дур мекарданд ...

Баъд аз қатли бекҳои юз, ки номи онҳоро ман дар ҳамон майдони қатл шунидаам, боқимонда ёздаҳ ҳазор асирон пой пиёда пешандози золим шуданд.

Гирёну нолон ва афтону хезон бо дашти Навганда, Бекат, Куркат ва Маҳрам, ки номи он дашти бедунро асирон номбар менамуданд, аз он ба хотирам боқӣ мондааст, тайи манозил сохта мерафтем. Дар саҳро ба санг-

ҳо ва хорҳо пешпо хӯрда, пойҳои худам ҳамчун дигарон таҳаш обғӯла ва леликҳо хунравон ва нохун-кӯчак шуда буд. Маҷол ва мадор намонда буд, ки як қадам монда роҳ равем ...

Вакте ки дар майдонҳои ҳамвори васеъи Хӯқанд тамоми асирон дар изтироб ва ларза меистодем, мардуми ин шаҳр дар атроф бо назари афсӯс ва надомат нигошта, ба тарафи ӯрдаи хон бо ҳазор ғаму алам ва нафрат, дар ғазаб буданд.

## ОҶИЗ ОИДИ ЗАМОНИ ХУД

(Аз "Таърихи Мадина")

"Забони таъну маломат ва сарзаниш дар ҳаққи ин бенавои Оҷизи таҷдид ҷорӣ гардониданд, ҳайрон ва саргардон мондаам, намедонам, ки ба куҷо равам ва ба кадом тараф гурезам аз дасти ин золимону бебокон ва маккорону ҳиллагарон. Алқисса, домани мусобират ба по печида, дар зовияти ғаму андӯҳ ва кулфат фурӯ мондаем.

Оҷизи таҷрид гӯяд, ки аз дуди оҳам рӯзам сиёҳ, даҳонам талх, чашмам пуроб, шабам торик, дидаам сафед, гӯшам кар, забонам гунг гашта инак бекасу барҷомонда, ҳамеша ба ғаму ғусса мубтало, бо ҷигари кабобу дили пурхун ба байтулэҳзони худ дар гӯшаи зовия танҳо нишастаам, на касе, ки аз аҳволи мани Оҷизи бехонумон хабар гирад ва на табибе, ки бар захми дили ман марҳам монад, на ҳамдаме, ки аз ҷигари сӯхтаи мани таҷриди саргардону ҳайрон пурсад. Аз шиддату ваҳшати танҳоӣ бо ҳеҷ кас ҳамнафас наметавонам шуд.

Оҳи дардолуди ман гар бигзарад сӯи фалак,
Осмон сӯрох гардад, бар замин резад малак.

**Савол ва супориш**

1. Барои чӣ ба кушодани мактабҳои русӣ-тузёмӣ эҳтиёҷ пайдо шуд ?
2. Кадом дигаргуниҳо дар рӯзгори мардум рух дод ?
3. Хизмати олимони русро дар Осиёи Миёна нақл кунед.
4. Сар задани ҳаракати маорифпарварӣ ва аҳамияти он аз чӣ иборат буд ?
5. Арбобони намоёни ҳаракати маорифпарвариро номбар кунед.

## Мундарича


Пешгуфтор ........ 3

**Боби I**

**Халқи тоҷик дар асри XVI**

1. Истилои давлати Темуриён ........ 5
2. Ташкил ёфтани давлати Шайбониҳо ........ 7
3. Муборизаи Бобур Мирзо ........ 7
4. Воқеаҳои нимаи аввали асри XVI ........ 9

**Муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

1. Кишоварзӣ ........ 10
2. Ҳунармандӣ ........ 11
3. Савдо ........ 12

**Маданияти моддӣ ва маънавӣ**

1. Бинокорӣ ва меъморӣ ........ 12
2. Адабиёт ва илм ........ 15

Сарчашма ........ 18

**Боби II**

**Халқи тоҷик дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII**

**Таърихи сиёсӣ**

1. Низоҳои байнихудӣ ........ 19
2. Бадахшон ва Ҳисор дар асри XVII — нимаи аввали асри XVIII ........ 21
3. Хуҷанд ва Ӯротеппа дар асри XVII — нимаи аввали асри XVIII ........ 22

**Муносибатҳои иҷтимоӣ — иқтисодӣ**

1. Феодалон — соҳиби замин ........ 23
2. Касбу ҳунар ........ 25
3. Савдо ........ 25
4. Ҷунбишҳои халқӣ ........ 26

**Маданияти моддӣ ва маънавӣ**

1. Меъморӣ ва санъат ........ 27
2. Мусаввирӣ ва хаттотӣ ........ 28
3. Адабиёт ........ 29
4. Инкишофи илм ........ 31

Сарчашма ........ 32

Савол ва супориш ........ 38

**Боби III**

**Халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII. Таърихи сиёсӣ**

1. Ҳуҷуми Нодиршоҳ ........ 39
2. Оғози ҳукмронии сулолаи Манғития ........ 41
3. Мубориза барои ишғоли Ӯротеппа ........ 41
4. Забти Ҳисор ........ 42
5. Амалиёти ҳокимони Ӯротеппа ........ 43
6. Ҳукмронии Дониёл аталиқ ........ 44

7. Мубориза барои мустаҳкам кардани аморат ........ 44
8. Таърихи хонии Хӯқанд ........ 46
Сарчашма ........ 47
Савол ва супориш ........ 49

**Боби IV**

**Халқи тоҷик дар нимаи аввали асри XIX**
**ва то забти Русия.**
**Таърихи сиёсӣ. Хону ҳокимон.**

1. Амирони Бухоро ........ 50
2. Хонҳои Хӯқанд ........ 52
3. Бекҳои Ҳисор ва Кӯлоб ........ 55
4. Ҳокимони Ӯротеппа ва Хуҷанд ........ 57

**Ҷангҳо байни давлатҳои феодалӣ ва харобии хоҷагӣ**

1. Оқибатҳои харобиовари ҷангҳои феодалӣ ........ 60

**Сохти маъмурӣ**

1. Аморати Бухоро ........ 61
2. Лашкар ва аслиҳа ........ 63

**Муносибатҳои иҷтимоӣ — иқтисодӣ.**
**Заминдории феодалӣ. Аҳволи оммаи халқ.**

1. Аҳолӣ ........ 64
2. Кишоварзӣ ........ 64
3. Ҳунармандӣ ........ 66
4. Сарватҳои зеризаминӣ ........ 67
5. Тиҷорат ........ 68
6. Обёрӣ ........ 69
7. Заминдории феодалӣ ........ 70
8. Андозҳо ........ 72
9. Шӯришҳои халқӣ ........ 74

**Маданияти моддӣ ва маънавӣ**

1. Бинокорӣ ва меъморӣ ........ 76
2. Ҳаёти илмӣ ва адабӣ ........ 78
Сарчашма ........ 80
Савол ва супориш ........ 81

**Боби V**

**Истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия**

1. Вазъияти хонигариҳо дар арафаи истилои Русия ........ 82
2. Ҳаракати лашкари Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ........ 83
3. Истилои Русия баъд аз аҳдномаи соли 1886 ........ 87
4. "Масъалаи Помир" ва ҳалли он ........ 89

**Таъсиси генерал-губернатории Туркистон**
**ва низоми идоракунии он**

1. Сохти маъмурӣ ........ 91
2. Амирони Бухоро (1860-1920) ........ 92
3. Хонҳои Хӯқанд ........ 94

**Ишғол намудани ҷануби шарқии Бухоро**

1. Вазъият дар шарқии Бухоро ....95
2. Забти Бухорои Шарқӣ ....96
Сарчашма ....98
Савол ва супориш ....99

**Боби VI**

**Халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX**

1. Оқибатҳои иқтисодии забти Русия ....100
2. Сиёсати муҳоҷиркунӣ ....103
3. Вазъияти ҳунармандӣ ....104
4. Ислоҳоти замин ....105
5. Равнақи савдо ....106
6. Сиёсати андозҷамъкунии ҳукумати подшоҳӣ ....107
7. Ошӯбҳои халқӣ дар қаламрави генерал-губернатории Туркистон ....109
Сарчашма ....111
Савол ва супориш ....114

**Боби VII**

**Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX**

1. Васеъ шудани ҳудуди аморат ....115
2. Идоракунии давлат ....116
3. Заминдорӣ ва андоз ....119
4. Робитаҳои иқтисодии аморати Бухоро бо Русия ....123
**Шӯришҳои халқӣ**
1. Шӯриши Восеъ ....126
Сарчашма ....129
Савол ва супориш ....130

**Боби VIII**

**Дигаргуниҳо дар ҳаёти маданияи халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX**

1. Дигаргуниҳо дар ҳаёти мардум ....131
2. Фаъолияти олимони рус дар Осиёи Миёна ....134
3. Маорифпарварӣ ....135
4. Аҳмади Дониш ....137
5. Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ....139
6. Савдо ....140
7. Шамсиддин Шоҳин ....140
8. Дилшод ....140
9. Оҷиз ....141
Сарчашма ....142
Савол ва супориш ....143

Номгӯи аксҳо барои китоби
дарсии Таърихи халқи тоҷик (синфи 8)

1. Оромгоҳи Бобур Мирзо (1483-1530) дар Кобул.
2. Мазори Махдуми Аъзам дар Ҳисор (соли 1547).
3. Гаҷкорӣ. Аз Қуммазори ноҳияи Қубодиён (асрҳои XIV-XVI).
4. Мадрасаи кӯҳна дар Ҳисор (асри XVI).
5. Санад оиди истифодабарии об (соли 1711).
6. Амир Насрулло (1826-1860).
7. Мадрасаи Рустамбек дар Ӯротеппа (солҳои 50-ми асри XIX).
8. Нақшаи ш. Ӯротеппа (соли 1866).
9. Фон-Кауфман — аввалин генерал-губернатори Туркистон.
10. Амир Абдулаҳад (1885-1910).
11. Зани асилзодаи Бухоро бо ду писараш.
12. Амир Олимхон (1910-1920).
13. Қаратоғ. Назди бошишгоҳи бек. Соли 1900.
14. Мӯҳри муфтӣ.
15. Мӯҳри мансабдор.
16. Бақияи чаканаи қишлоқи калони Зиддӣ.
17. Дарвешон (акси соли 1903).
18. Дӯкони харбузафурӯшӣ.
19. Ҳайати сафорати Бухоро дар Петербург. Шахси айнакӣ - Аҳмади Дониш. Аз рост - Абдулқодирбий. Шахси ростистода - Қозимбек - мутарҷим.
20. Қозикалони Тошканд.
21. Чойхона дар бозори Қаратоғ (соли 1903).
22. Намунаи хатти хаттот Мирҳусайн Истаравшанӣ.

**Ахрор Мухторов**

# Таърихи халқи тоҷик

Китоби дарсӣ барои синфи 8
мактабҳои миёна


| | |
|---|---|
| Мудири редакция | *Д. Ҷалолов* |
| Муҳаррир | *М. Холов* |
| Муҳаррири техникӣ | *Б. Юсупов* |
| Рассом | *А. Исқақов* |
| Муҳаррирони ороиш | *М. Алимаканова,* |
| | *Д. Тойкина* |

ИВ № 500
Ба чопаш 10.05. с. 2000 имзо шуд. Формати 60x90 1/16. Коғази офсет
Гарнитураи «Times». Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 9,25. Адади нашр
100000 нусха. Супориш № 20376.

Нашриёти «Атамұра», 480091, ш. Алмато, хиёбони Абилай хон, 75

Комбинат полиграфии корпорацияи «Атамұра» Республикаи Қазоқистон,
480002, ш. Алмато, кӯчаи М. Макатаев, 41